Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

маҷаллаи
илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ

№ 1, 2011

**Сармуҳаррир**
**Ҳамрохон Зарифӣ** – Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муовини сармуҳаррир**
**Низомиддин Зоҳидов** – Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор

**Котиби масъул**
**Давлаталӣ Назриев** – Сардори Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳайати таҳририя**
**Эркин Раҳматуллоев** – Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ, доктори илмҳои сиёсӣ;
**Талбак Назаров** – Собиқ Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академики Академияи улуми Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Озода Раҳмонова** – Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**Худобердӣ Холиқназаров** – Сардори Раёсати Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих;
**Кароматулло Олимов** – Раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа, профессор;
**Сӯҳроб Шарипов** – Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ;
**Абдураҳмон Маҳмадов** – Декани факултаи фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор;
**Георгий Кошлаков** – устоди Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илмҳои геология;
**Ғуломҷон Мирзоев** – устоди Донишкадаи молияи Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент;
**Холаҳмад Самиев** – Декани факултаи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент;
**Шералӣ Ҷононов** – Сардори Раёсати шартномавию ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**Ардашер Қодирӣ** – Сардори Раёсати кишварҳои Осиё ва Африкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
**Салими Хатлонӣ** – котиби дуюми Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология.

Му**ҳаррири техникӣ -** Ш.Қ. Зардиев
**Ороишгар -** Р.А. Ҷӯрақулов

Нишонии фаслнома: ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 42

© Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Эмомалӣ Раҳмон**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи соҳибистиқлолии кишвар роҳи бузургеро тай кард. Таҷрибаи ҳосилшуда имкон медиҳад, ки равандҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳоро дар ҷаҳони муосир зери мушоҳида гирифта, нисбати онҳо назари хосаи худро дошта бошем, ба онҳо аз мавқеи худ баҳогузорӣ намоем.

Дар ин давра ҷумҳурӣ иқтидори худро дар ин самти муҳим хеле боло бурда, сол то сол доираи вазифаҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратҳо ва намояндагиҳои дигари кишварро васеъ менамояд.

Яке аз чунин вазифаҳои муҳим ба вуҷуд овардани асосҳои илмӣ ва назариявии сиёсати хориҷӣ, таъсиргузорӣ ба пажӯҳишҳо дар ин самт мебошад.

Имрӯз дар ҷумҳурӣ донишгоҳҳо барои соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ мутахассис омода месозанд, марказҳои илмӣ форуму конфронсҳо ва дигар намудҳои ҳамоишҳои илмӣ-назариявиро баргузор менамоянд, муҳаққиқон рисолаҳои илмӣ дифоъ мекунанд, воситаҳои ахбори омма назари коршиносонро ба табъ мерасонанд.

Ҳамаи ин омилҳо собит месозанд, ки Вазорати корҳои хориҷӣ ба таъсиси маҷаллаи илмӣ-назариявии хоси мавзӯъҳои байналмилалӣ сахт ниёз дорад. Ин маҷалла дар баробари инъикос намудани мавқеи расмии ҷумҳурӣ нисбати масъалаҳои алоҳида, бояд минбари муҳаққиқону коршиносони ин соҳа бошад.

Тавре зикр гардид, дипломатияи тоҷик дар давоми давраи соҳибистиқлолӣ таҷрибаи зиёд андӯхт ва лозим аст, ки

дар маҷалла ба инъикоси фаъолият дар самтҳои алоҳида, аз қабили муносибатҳои дуҷонибаи ҷумҳурӣ бо кишварҳои ҷаҳон, ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ, ниҳодҳои онҳо, институтҳои молиявии ҷаҳонӣ таваҷҷӯҳи ҳамешагӣ зоҳир гардад.

Дар маҷалла рӯ овардан ба таҷрибаи ҳосилшуда, ба таърихи дипломатияи тоҷик дар тӯли ҳазорсолаҳо аз аҳамият холӣ нест. Дар ин маврид нашр намудани санадҳои ҷудогона, аксҳо, дигар маводи муҳим, ёддоштҳо аз ҳаёти дипломатҳо, арзиши маҷалларо меафзояд. Ҳамчунин дарҷ намудани маълумотномаҳо, саволу ҷавоб бо хонандагон, муаррифӣ кардани корҳои илмӣ дар мавзӯъҳои сиёсати хориҷӣ таваҷҷӯҳи доираҳои гуногунро ба маҷалла бештар ҷалб хоҳад кард.

Самти дигари фаъолияти маҷалла бояд чашмандозӣ ба масъалаҳои гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аз нуқтаи назари Тоҷикистон бошад. Роҷеъ ба чунин масъалаҳо олимону муҳаққиқон метавонанд андешаҳои худро иброз намоянд, ки барои таҳлилу мавзеъгириҳои мақомоти давлатӣ низ кӯмак хоҳад кард.

Ба фаъолияти маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ» комёбиҳо орзу намуда, итминон дорам, ки он ба минбари ҳақиқии олимону муҳаққиқон ва коршиносони соҳа табдил ёфта, ҳамзамон онҳоро сари муҳокимаи масъалаҳои алоҳида гирд меоварад. Дар баробари ин, маҷалла метавонад дар тарбияи дипломатҳои ҷавон, иттилоърасонӣ ба доираҳои васеи мутахассисон ва умуман аҳли ҷомеа роҷеъ ба дастовардҳо ва масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷии кишвар нақши муассир дошта бошад.

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

аз 30 августи соли 2011 № 397
ш. Душанбе

**Дар бораи Муассисаи давлатии маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ»**

Мутобиқи моддаҳои 52 ва 132 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Муассисаи давлатии маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ» таъсис дода шавад.

2) Ба Номгӯи ташкилоту муассисаҳои системаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №593 тасдиқ шудааст, сархати нав бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Муассисаи давлатии маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ».

3) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида масъалаҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявии Муассисаи давлатии маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ»-ро ҳал намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

от 30 августа 2011 года № 397
ш. Душанбе

**О Государственном учреждении журнал «Сиёсати хоричи»**

В соответствии со статьями 52 и 132 Гражданского кодекса Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан постановляет:

1) Образовать Государственное учреждение журнал «Сиёсати хоричи».

2) Перечень организаций и учреждений системы Министерства иностранных дел Республики Таджикистан, утверждённый постановлением Правительства Республики Таджикистан от 28 декабря 2006 года, №593, дополнить новым абзацем следующего содержания:

«Государственное учреждение журнал «Сиёсати хоричи».

3) Министерству иностранных дел Республики Таджикистан в установленном порядке решить организационно-правовые и финансовые вопросы Государственного учреждения журнал «Сиёсати хоричи».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Эмомали Рахмон

***Ҳамрохон Зарифӣ***

# 20 соли истиқлолият ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон

Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи ҷашнгирии 20 - солагии истиқлоли давлатӣ қарор дорад. Сиёсати пешгирифтаи давлат таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи таъмин намудани рушди устувори кишвар, некӯаҳволии мардум, сохтмони институтҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба комёбиҳои назаррас мушарраф гардида, ҷумҳурӣ тадриҷан мавқеву манзалати худро дар арсаи байналмилалӣ устувор менамояд.

Таърихи бистсолаи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пешбурди сиёсати хориҷии давлат муваффақона фаъолият намуда, дар роҳи афзоиши эътибори байналмилалии ҷумҳурӣ саҳми босазоеро соҳиб гаштааст.

Дипломатияи тоҷик дар даврони истиқлолият дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ – бартараф кардани низои дохилӣ тавассути ҷараён додани гуфтушунид бо мухолифин, аз байн бурдани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамёрони хориҷӣ, ҷалби сармояи берунӣ ба лоиҳаҳои гуногуни кишвар нақши муассир дошт.

Моҳи сентябри соли 1991 - вақте, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатиро ба даст овард, таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ барояш самти тамоман нав буд. Шурӯъ аз декабри соли 1991 давлатҳои хориҷӣ пайи ҳамдигар ба эътироф намудани истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пардохтанд, моҳи январи соли 1992 дар Душанбе нахустин сафорати кишвари хориҷӣ ба фаъолият оғоз намуд, дар муддати кӯтоҳ ҷумҳурӣ узви бонуфузтарин созмонҳои байналмилалӣ - Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид.

Вале сарфи назар аз ҳамаи ин бетаҷрибагии сиёсӣ дар баробари омилҳои дигар боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар шуд.

Моҳи ноябри соли 1992 дар Хуҷанд дар иҷлосияи 16 Шӯрои Олии Тоҷикистон, дар шароите, ки дар марказ ва ҷануби кишвар муқовимати яроқнок идома дошт, вазъияти баамаломада дар ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар ин иҷлосия Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - роҳбари давлат интихоб гардид. Қарорҳои иҷлосия барои пешрафти кишвар, аз ҷумла, дар самти сиёсати хориҷӣ аҳамияти хосса доштанд.

Шурӯъ аз соли 1993 роҳбарияти ҷумҳурӣ ҷиддан ба таҳия ва татбиқ намудани сиёсати хориҷии давлат пардохт. Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар иҷлосияи 18 Шӯрои Олии Тоҷикистон (декабри соли 1993) дар бораи зарурати таҳияи консепсияи сиёсати хориҷии давлат ибрози андеша намуда, панҷ минтақаи манфиатҳои Тоҷикистонро зикр намуд: Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони ҳамсоя, кишварҳои исломии Шарқ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ. Сарвари давлат ҳифзи манфиатҳои миллии кишварро ҳамчун мақсади ниҳоии сиёсати хориҷӣ муайян кард.

Дар он шабу рӯз масъалаи аз ҳама муҳим дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба ҷои муқимии худ баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, барқарор намудани манзилу маскани харобгардидаи онҳо ва фурӯ нишондани оташи ҷанги дохилӣ буд. Бо назардошти имкониятҳои маҳдуди ҷумҳурӣ роҳбарияти давлат аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ низ ёрӣ пурсид. Дар натиҷа, аз соли 1993 раванди бозгашти шаҳрвандон ба ҷойҳои зисти доимии худ, бахусус аз Афғонистон шурӯъ шуда, дар давоми ду сол ғолибан ҳалли худро пайдо кард.

Раванди музокироти сулҳи тоҷикон низ яке аз саҳифаҳои махсус дар таърихи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Гуфтушунидҳои миёни тоҷикон байни ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид сурат гирифтанд. Дар ин раванди мураккаб Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ оид ба Тоҷикистон хизматҳои миёнаравӣ мерасонд, инчунин бо хоҳиши ҷонибҳои алоқаманд дар ҷаласаҳо раисӣ мекард. Дар вохӯриҳо намояндагони Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои дӯст, аз ҷумла, Россия,

Эрон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ ба сифати нозир ширкат меварзиданд.

Ҳамин тариқ, дар рафти амалиётҳои ҷангӣ раванди мураккабу бисёрдавраи гуфтушуниди миёни тоҷикон 5 апрели соли 1994 оғоз ёфта, 27 июни соли 1997 бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфт. Раванди бисёрдавраи гуфтушунид, ки дар пойтахти Россия оғоз гардид, минбаъд бонавбат дар Теҳрон, Исломобод, Ашқобод, Алмаато, Бишкек, Машҳад, Хосдеҳ (шимоли Афғонистон) идома ёфта, дар Москва ба анҷом расид.

Ба мақсади иҷрои ҳуҷҷатҳои имзошуда бо иштироки баробари намояндагони ҳукумат ва мухолифин Комиссияи оштии миллӣ таъсис ёфт, ки тайи солҳои 1997-2000 кулли масъалаҳои ҷойдоштаро ҳаллу фасл намуд.

Бо имзои Созишномаи сулҳ ва тадриҷан пиёдашавии рукнҳои он робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам густариш ёфта, эътибору нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ пайваста меафзояд. Заминаҳои қарордодию ҳуқуқии муносибатҳо бо кишварҳои гуногуни дунё, созмонҳои мухталифи байналмилалӣ таҳким ёфта, дар мавриди роҳандозӣ ва инкишофи беш аз пеши ҳамкориҳои мутақобилан судманд қадамҳои устувор бардошта мешаванд.

Дастовардҳои музокироти сулҳи тоҷикон барои пешрафти сиёсати хориҷии Тоҷикистон заминаи муносиб фароҳам овар-данд, зеро қаблан вазъи номуътадил ва номусоиди кишвар барои ҳамкорӣ бо давлатҳои хориҷӣ, бахусус дар бахши ҷалби сармояи берунӣ ба иншоотҳои муҳим халали ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин рӯ, бо барқарор шудани сулҳу оштӣ дар кишвар таваҷҷӯҳи ҳамёрони хориҷӣ ба Тоҷикистон бамаротиб афзуд.

Ҷои таъкид аст, ки дар таърихи СММ сулҳи тоҷикон воқеаи нодир ба ҳисоб рафта, оштии миллӣ дар Тоҷикистон бо мусоидати СММ ва кишварҳои кафил ҳамчун намунаи дастоварди дипломатияи боздоранда барои кишварҳое, ки низоъҳои дохилӣ доранд, шуда метавонад.

Дар баробари ин, пойгоҳи назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, ҳамқадам бо равандҳои тағйирпазири ҷаҳонӣ такмилу тавсеа меёфт. Сиёсати хориҷӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷои худро ёфт, салоҳияти мақомоти давлатӣ дар ин мавриди муайян гардид. Соли 2007 дар заминаи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи таҷдиди сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ таҳия гардида, аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон 31 авгу-

сти соли 2007 бо қарори №448 қабул гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур таваҷҷӯҳ пеш аз ҳама ба тақвият ва таҳкими сохтори дастгоҳи марказии Вазорат, муҳайё намудани захираҳои кадрӣ, инчунин сафарбар намудани имкониятҳои ақлонӣ ва моддӣ ба иҷрои вазифаҳои муҳиме, ки аз ҷониби Роҳбарияти давлат дар назди Вазорат гузошта шудаанд, равона карда шуд. Ҳамчунин, Қонун дар бораи хизмати дипломатии Тоҷикистон қабул шуда, чанд фармони Президент ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияту ваколатҳои Вазорати корҳои хориҷии кишвар, сафорату консулгариҳо дар кишварҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои ҷумҳуриро дар назди созмонҳои байналмилалӣ муайян намуданд.

Ба раванди ҳамкориҳои фаъолонаи Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ сиёсати «дарҳои боз», ки оғози соли 2003 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эълом дошта шуд, суръати нав бахшид. Дар баробари ин, теъдоди боздидҳо аз Тоҷикистон хеле зиёд гардида, кишварҳои ҳавасманд пайи ҳам дар Душанбе намояндагиҳои дипломатии худро кушоданд.

Тайи даҳсолаи охир ба шарофати сиёсати «дарҳои боз» ва ҷалби кишварҳои гуногун ба ҳамкории судманд дар ҷумҳурӣ лоиҳаҳои зиёде дар соҳаҳои саноат, энергетика, коммуникатсия амалӣ шуданд, ки барои рушди устувори Тоҷикистон заминаҳои мустаҳкам гузоштаанд.

Сиёсати бисёрсамта ба ҷумҳурӣ имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиашро афзоиш диҳад. Дар ин росто дар баробари дастовардҳо, вобаста ба ҳадафҳои стратегӣ корҳои зиёде дар пешанд ва дипломатияи иқтисодии кишвар бояд дар амалӣ намудани онҳо нақши фаъолтар дошта бошад.

Дигар самти муҳим – иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масоили байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад, ки дар ин маврид низ комёбиҳои ҷумҳурӣ чашмрасанд. Аз ҷумла, чандин ташаббуси кишвар, бахусус дар ҳаллу фасли масъалаҳои об ва энергетика, илавгирӣ аз офатҳои табиии марбут ба об, ҳифзи пиряххо, мубориза алайҳи терроризм, тундгароӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, аз байн бурдани мушкилоти Афғонистон аз ҷониби соири кишварҳои ҷаҳон дар Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд.

Ҳамин тариқ, имрӯз сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои бобарори фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз имкониятҳои маҳдуд дар муддати кӯтоҳ бо истифода аз роҳу равиши муносиби ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ

Тоҷикистон тавонист, ки бо доираи васеи кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалию минтақавӣ робитаҳои худро вусъат бахшад.

То имрӯз Тоҷикистон бо 125 кишвари хориҷӣ муносибати дипломатӣ барқарор карда. бо аксари онҳо созишномаҳои дуҷониба ба имзо расонидааст ва ҳамкориҳоро фаъолона ривоҷ медиҳад, бо қисми дигар робитаҳо дар ҳолати ташаккулёбӣ қарор доранд. Ҳоло дар Душанбе сафоратҳои 21 кишвари хориҷӣ фаъолият намуда, 65 давлати дигар сафирони худро дар Тоҷикистон тариқи ғайримуқим таъин кардаанд, намояндагиҳои аксари созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва институтҳои молиявии ҷаҳонӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ амал мекунанд.

Дар навбати худ, дар кишварҳои хориҷӣ 24 сафорати Тоҷикистон, 5 консулгарии генералӣ ва 3 консулгарӣ, дар назди СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, СҲИ ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ намояндагиҳои доимии ҷумҳурӣ амал мекунанд. Ба хотири таҳкиму тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо ва дар тамоси доимӣ қарор доштан бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, Тоҷикистон мақсад дорад, ки тадриҷан теъдоди намояндагиҳои хориҷии худро зиёд намояд.

Пайванди манфиатҳои умумӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамеша дар ҷараён будани робитаҳои неку гуногунҷанбаи ҳамсоягиро тақозо дорад. Аз байн рафтани империяи абарқудрати Шӯравӣ ба сари ҷумҳуриҳои минтақа шароитеро пеш овард, ки танҳо аз сиёсати дурандешона ва созанда кор гирифтан метавонад посухгӯи манфиатҳои миллии ҳамсоягон бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз бо дарки ин нуқта муносибатҳои худро бо кишварҳои минтақа пеш мебарад.

Умуман, миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа доираи васеи ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба пайваста таҳким ёфта, ҳамзамон, ҷонибҳо ба пайдо намудани роҳҳои ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда, дидгоҳи наздику яксон ҷиҳати ҳамгироии бештар ва ҳаллу фасли муаммоҳои гуногуни замони муосир манфиатдоранд.

Ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиё ва Африқо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосаи худро дорад.

Дар минтақаи Осиё, ки сатҳи рушди кишварҳояш гуногун аст, Тоҷикистон сол то сол доираи робитаҳояшро қавӣ гардонида, дар баробари ривоҷ додани табодули мол бо давлатҳои алоҳида, ҷалби сармояро ба иқтисоди худ тавсеа мебахшад. Сатҳи ҳамкориҳо бо ин кишварҳо гуногун аст. Агар Тоҷикистон

аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо Хитой, Афғонистон, Эрон, Туркия, Покистон ва Ҳиндустон барин кишварҳо муносибатҳои ҳамёрироба роҳ монда бошад, пас бо кишварҳои арабӣ робитаҳои фаъол аз соли 2007 шурӯъ шуданд, муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ ва ҳавзаи укёнуси Ором бошад дар оянда рушду тавсеа хоҳанд ёфт. Дар ҳар сурат, ҷумҳурӣ бо даст додани имкони муносиб сатҳи ҳамкорию муносибатҳояшро бо ин кишварҳо тақвият мебахшад. Дар баробари ин, Тоҷикистон чун кишвари осиёӣ, аз ҷумла дар доираи созмонҳои байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақа низ саҳмгузор бошад.

Инкишофи ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан манфиатбахш бо Ҷумҳурии Халқии Хитой аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда тамосҳои наздики вазорату идораҳои мухталифи ду кишвар аз алоқамандии ҷонибҳо ба густариши робитаҳои фарогир шаҳодат медиҳад. Яке аз мураккабтарин масъалаҳои муносибатҳои байнидавлатӣ - муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ ҳаллу фасли мусбии худро ёфт. Дар моҳи январи соли 2011 Протокол байни ҳукуматҳои ду кишвар дар бораи демаркатсияи хатти сарҳади давлатии Тоҷикистону Хитой аз ҷониби Парламенти Тоҷикистон ба тасвиб расид. Ин ҳуҷҷат ба тамоми мушкилоти марбут ба сарҳад миёни ду кишвар нуқта гузошта, фазои эътимоду бовариро миёни ҷонибҳо тақвият бахшид.

Хитой яке аз сармоягузорони асосии иқтисоди Тоҷикистон ба шумор рафта, тавассути кумаки ин кишвар лоиҳаҳое амалӣ мегарданд, ки дар пешрафти иқтисоди ҷумҳурӣ аз аҳамияти махсус бархӯрдоранд. Дар ин замина пеш аз ҳама бояд аз сохтмони роҳҳои автомобилгард, нақбҳо, хатти интиқоли барқ ёдовар шуд. Бо кушода шудани роҳи автомобилгард аз тариқи ағбаи Кулма шароити мусоиде барои тавсеаи тиҷорати наздисарҳадӣ, афзоиши равуои шаҳрвандони ду кишвар ба вуҷуд омадааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои неку пойдори ҳамсоягӣ бо Афғонистон, амну субот ва пешрафти ин кишвар аз ҳар ҷиҳат манфиатдор аст. Амнияти Тоҷикистон ва минтақаи Осиёи Марказӣ бе барқарорсозии амну субот дар Афғонистон тасаввурнопазир аст. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамоишу гуфтушунидҳои гуногун, аз минбари СММ ва дигар созмонҳои бонуфузи ҷаҳон сар карда, то мулоқотҳои дуҷониба дар мавриди авзои нигаронкунандаи Афғонистон, роҳҳои ба эътидол овардани он, аҳамияти сулҳу суботи ин кишвар ба минтақа ва вазъи байналмилалӣ масъалагузорӣ мекунад. Дар иртибот ба

ҳаллу фасли мушкилоти мавҷуда дар Афғонистон, равона кардани кумакҳои лозима, ҷалби таваҷҷӯҳи кишвару созмонҳои гуногун ба ин кишвар низ чандин пешниҳодҳои мушаххас аз ҷумла, дар бораи ба Афғонистон додани мақоми шарикӣ дар ҳамкорӣ бо Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо сурат гирифтаанд.

Робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон ҳамвора густариш меёбанд. Эрон дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ дар қаламрави Тоҷикистон саҳми босазо дорад. Дар ҳоли ҳозир ҷониби эронӣ пайи комилан анҷом додани корҳои сохтмонӣ дар нақби Истиқлол, мавриди баҳрабардорӣ қарор додани нерӯгоҳи барқии обии Сангтӯда-2 ва бунёди чандин корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон мебошад.

Ҳамкории Тоҷикистон бо Эрон ва Афғонистон дар формати васеътар - сегона низ босамарона рӯ ба густариш аст. Аввалин мулоқоти муштараки сарони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон 10 майи соли 1997 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, баъдан ин гуна ҳамоишҳо анъанавӣ шудаанд. Зимни мулоқотҳои сегона масоили ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманди минтақавӣ дар соҳаҳои алоқаю коммуникатсия, нақлиёти автомобилию роҳи оҳан ва дигар мавзӯъҳои қобили таваҷҷӯҳ баррасӣ гардиданд.

Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва бар асоси эҳтироми мутақобила, риояи ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳое, ки дар аҳдномаҳо ва созишномаҳои дуҷонибаю бисёрҷониба дарҷ гаштаанд, густариш меёбанд. Дар баробари ин, пешбурди мавқеи созгор нисбати ҳалли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ ва таъмини фаъолияти самараноки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи ИДМ, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Бунёди байналмилалии наҷоти Арал, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар ниҳодҳои асосии раванди ҳамгироӣ дар минтақа аз ҷумлаи муҳимтарин самтҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳоро бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил яке аз самтҳои муҳимтарин ва авлавиятнок муайян карда, аҳамияти асосиро ба рушду таҳкими муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд дар равобити сиёсӣ ва соҳаҳои тиҷорию иқтисодӣ, илмию фановарӣ ва фарҳангӣ, инчунин ҳимояи манфиатҳои миллию давлатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ равона кардааст.

Дар шароити бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд, зарурияти

таҷдиди назар ба бархе аз паҳлӯҳои сиёсати хориҷии кишвар дар марҳилаи муосир ва густариши равобити устувори дуҷонибаю бисёрҷониба бо кишварҳои ИДМ бар пояи прагматизми иқтисодӣ ва манфиатҳои мутақобилан судманд ба миён омад. Аз ин рӯ, дар самти мазкур ба рушди муносибатҳои иқтисодию тиҷоратӣ, афзоиши ҳаҷми сармоягузориҳо, ҳалли мушкилоти обию энергетикӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, рафтуомади озоди шаҳрвандон, муомилоти бемамониати сармоя, молу маҳсулот ва хизматрасонӣ диққати махсус дода мешавад.

Амалӣ шудани ҳадафҳо, ки аз он вазъи кунунии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ шаҳодат медиҳанд, ба рушди муносибатҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар самтҳои мухталиф пайвастагӣ доранд. Соли 2011 Тоҷикистон ҳамчун раисикунанда ИДМ фаъолияти кории худро мувофиқи санадҳои қабулшуда, дар доираи ИДМ ва Консепсияи раисии Тоҷикистон амалӣ мегардонад.

Дар давраи раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба масъалаҳои баланд бардоштани мафҳуми Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳамчун ташкилоти минтақавӣ ва вазифаҳои он, мустаҳкам намудани муносибатҳои ҳамсоягӣ байни давлатҳои аъзо, татбиқи ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи санадҳои баимзорасида ва рушди муносибатҳои гуманитарӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешаванд.

Дар баробари ин, Тоҷикистон бо ин кишварҳо муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба роҳандозӣ намуда, дар соҳаҳои гуногун онро ривоҷ медиҳад. Дар қисми зиёди ин кишварҳо Тоҷикистон намояндагиҳои дипломатии худро боз намудааст ва дар навбати худ сафоратҳои аксари ин давлатҳо дар Душанбе фаъолият доранд. Умумиятҳои зиёд ва арзишманде, ки аз замони ҳамзистӣ дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ боқӣ мондаанд, имрӯз ҳам имкон медиҳанд, ки муносибату ҳамкориҳо тақвият ёфта, натиҷаҳои назаррас низ дошта бошанд.

Миёни ҳамёрони асосии кишвар дар миқёси ИДМ ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсус дорад.

Тамосу вохӯриҳои доимии сарони давлатҳо ва роҳбарони вазорату идораҳои ду кишвар худ баёнгари ҷараёни робитаҳои неку густардаи Тоҷикистону Россия мебошанд. Ҳамкории ду кишвар пеш аз ҳама соҳаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитариро дар бар мегирад. Масъалаҳои ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ, афзоиши табодули мол, суръат бахшидан ба ҳамкорӣ дар соҳаи гидроэнергетика ва коркарду истихроҷи газу нафт, канданиҳои фоиданок ва фарҳангӣ ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи

ҷонибҳо қарор доранд. Бо иштироки Россия лоиҳаҳои бузурги муштараки иқтисодӣ амалӣ мешаванд ва яке аз онҳо сохтмони НБО-и Сангтӯда-1 мебошад ва ҳоло бо иқтидори пуррааш кор карда истодааст.

Солҳои охир тамосу робитаҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон ва Туркманистон дар сатҳҳои гуногун ба таври назаррас афзоиш ёфта, дар мавриди бисёр масъалаҳои муҳими дорои моҳияти байналмилалӣ ва минтақавӣ мавқеи онҳо ба ҳам мувофиқат мекунад. Ҷонибҳо ба инкишофи доираи васеи робитаҳои дуҷониба, аз ҷумла, густариши ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамоянд.

Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Уқёнуси Ором дар давоми солҳои истиқлоли давлатӣ барқарор карда шуда, дар таваҷҷӯҳи афзуни сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд ва густариши муносибатҳои мутақобилан судманди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо ин кишварҳо барои пешрафти ҷумҳурӣ аҳамияти хоса дорад. Дар муддати бист соли истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон тавонист, ки бо аксарияти давлатҳои дуру наздики Осиё муносибату ҳамкориҳои судмандро роҳандозӣ намуда, дар самтҳои гуногуни иқтисод, тиҷорат, фарҳанг, маориф натиҷаҳои муайянро соҳиб шавад.

Муносибатҳо бо ҳамёрони анъанавӣ аз миёни кишварҳои арабӣ ва шимоли Африка мӯътадил идома дошта бошанд ҳам, ҳодисаҳои сиёсии нимаи аввали сол ба онҳо бетаъсир намонданд. Сарфи назар аз ин бо Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб, Миср робитаҳо ривоҷ доштанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондану таҳким бахшидани ҳамкориҳои фаъолу созанда ва мутақобилан судмандро бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба имрӯз ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ муайян кардааст.

Густариши муносибатҳо бо Иттиҳоди Аврупо аз самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб гардида, он дар асоси принсипҳои ҳамкорӣ ва шарикӣ сурат мегирад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишварҳо асосан дар солҳои 1991-1992 аз раванди ба расмият шинохтани ҷумҳурӣ ва барпо намудани муносибатҳои дипломатӣ бо ин кишварҳо оғоз ёфт. Баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар соли 2001 муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо ху-

сусияти нав касб пайдо намуд варивоҷу равнақ ёфт. Тоҷикистон аз лаҳзаи оғози ин амалиёт дастгирии худро эълон намуда, имконияти истифодаи инфтрасохтори заминӣ ва ҳавоии худро ба қувваҳои аъзои коалитсияи зиддитеррористӣ пешниҳод намуд.

Аз ҳама рӯйдоди муҳим дар муносибатҳои дуҷониба ва ҳамкориҳо ин санади бунёдгузор - Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аст, ки моҳи октябри соли 2004 дар Люксембург ба имзо расидааст.

Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои ҳамёрии нав бо Осиёи Марказӣ, ки моҳи июни 2007 қабул гардид, самту соҳаҳои муҳимми ҳамкорӣ, аз ҷумла, амнияту субот, раванди демократикунонӣ, маориф, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, тиҷорату сармоягузорӣ, рушди соҳаи энергетика ва ҳифзи муҳити зистро байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо дарбар мегирад. Бояд зикр намуд, ки соҳаҳои номбаршуда бо саъю кӯшишҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати барқарор намудани ҳамкории дарозмуддат ва мутақобилан судманд бо Иттиҳоди Аврупо чи дар сатҳи дуҷониба ва чи дар сатҳи минтақавӣ мувофиқат доранд. Боиси қаноатмандист, ки дар Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо истифодаи имкониятҳои гидроэнергетикии Осиёи Марказӣ дар баробари захираҳои нафту газ яке аз самтҳои ҳамкории дарозмуддат зикр гардидааст.

Иттиҳоди Аврупо ният дорад, ки муносибатҳои дарозмуддати шарикиро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, бо Тоҷикистон бар пояи ҳадафу вазифаҳои муштарак оид ба таҳкими сулҳу субот дар Осиёи Марказӣ, риояи ҳуқуқи инсон, рушди давлати ҳуқуқбунёд ва демократия бунёд намояд. Дар ин қарина, моҳи октябри соли 2008 ҷаласаи якуми Муколамаи Ҷумҳурии Тоҷикистон-Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон баргузор гардид.

Ҷузви муҳими гуфтугӯ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ мулоқотҳои мунтазами вазирони корҳои хориҷӣ мувофиқи формати «Сегонаи ИА+5 кишвари Осиёи Марказӣ» мебошад.

Моҳи феврали соли 2009 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ниҳодҳои Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла ба Парламенти он созмон дода шуд. Ин сафар ба густариши бештари муносибатҳою ҳамкориҳои иқтисодӣ, сармоягузорӣ, гуманитарӣ ва муҳокимаи масъалаҳои амнияти минтақа байни Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо такони тоза бахшид. Сафари расмии Роҳбари Тоҷикистон ба шаҳри Страсбурги Фаронса (июни 2011) ҷиҳати мулоқот бо роҳбарияти Пар-

лумони Аврупо ва суханронӣ аз минбари яке аз бонуфузтарин мақомоти қонунгузори дунё рӯйдоди муҳими сиёсӣ буд. Ин сафар муваффақона ҷараён гирифта, барои Тоҷикистон дар самти ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо уфуқҳои навро кушод. Ҳамчунин сафарҳои расмии Роҳбари Тоҷикистон ба Австрия, Люксембург, Маҷористон самаранок ҷараён гирифта, барои рушду тавсеаи муносибату ҳамкориҳо заминаҳои нав фароҳам овард. Вохӯриҳо ва гуфтушунидҳои сатҳҳои гуногун бо кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо дар таҳкими заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳо ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳо нақши муҳим доштанд.

Ҷонибдории Иттиҳоди Аврупо ва Парламони он нисбати сиёсати гидроэнергетикии Тоҷикистон, машваратҳои моҳи декабри соли 2010 дар Брюсел дар масъалаи идораи захираҳои обҳои фаромарзӣ бо иштироки ҳайатҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардида ва идомаи баррасии ин масъалаҳо дар Кумитаи марбутаи СММ ва палатаи болоии Конгресси ИМА ба манфиати сиёсати энергетикии Тоҷикистон анҷом ёфтанд.

Инкишофи муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои алоҳидаи Иттиҳоди Аврупо, махсусан Фаронса, Олмон, Белгия, Австрия, Италия, Швейтсария ва Британияи Кабир барои Тоҷикистон мақоми авлавиятдор доранд.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Штатҳои Муттаҳидаи Америка хусусан дар самтҳои ҳарбӣ, дастгирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мубориза бо терроризм ва қочоқи маводи мухаддир афзоиш ёфта истодааст. Аз рӯи Барномаи идоракунии содирот ва амнияти сарҳад Ҳукумати ШМА бо мақсади мусоидат намудан ба Ҳукумати Тоҷикистон дар мубориза бо қоҷоқи маводи ҳастаӣ ва мухаддир кӯмак менамояд.

Дар муносибатҳои Тоҷикистону ШМА масъалаи вазъият дар Афғонистон ва барқарор намудани амну субот дар ин кишвар яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад. Муносибатҳо бо ШМА баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон ба сатҳи сифатан нав баромаданд.

Равобит бо дигар кишварҳои қитъаи Америка дар ҳоли рушд қарор доранд ва бештар бо мубодилаи паёмҳо сурат мегиранд. Новобаста ба масофаҳои калони ҷуғрофӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон нақша дорад дар оянда равобит ва муносибатҳои худро бо кишварҳои ин қитъа васеъ ва мустаҳкам намояд.

Барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва рушди минбаъдаи кишвар барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо чунин созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ба мисли Созмони Милали Муттаҳид ва муассисаву ниҳодҳои он, Созмони амният ва

ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Тоҷикистон инчунин дар доираи як қатор созмонҳо ва иттиҳодияҳои минтақавӣ, аз қабили Созмони ҳамкории Шанхай, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамкориҳо дорад ва худ низ дар рушди фаъолияти онҳо саҳми калон дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо рушди ҳамкориҳои худ бо созмони универсалии байналмилалӣ - Созмони Милали Муттаҳид аҳамияти махсус медиҳад. Тоҷикистон дар давраи начандон дарози узвият дар Созмони Милали Муттаҳид марҳалаҳои муайяни ҳамкориро бо ин созмон паси сар кард ва худро ҳамчун кишвари дорои сиёсати созандаву бунёдкор ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намуд.

Фаъолияти Дафтари нозирони СММ пешравии раванди сулҳ дар Тоҷикистон, музокироти сулҳи миёни тоҷикон (1994-1997), мусоидат ба амалиётҳои сулҳпарвар ва кӯмаки фаврии башардӯстонаро таъмин намуд. Дар августи 2007 Дафтар оид ба мусоидат ба сулҳпарварӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро бомуваффақият анҷом дод. Даҳҳо иштирокчиёни ин дафтар бо мукофотҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шуданд.

Бо мурури татбиқи бомуваффақияти ҳадафҳое, ки бо афзалиятҳои ҳамкории Тоҷикистон муайян шудаанд, ҷумҳурӣ пайравии устуворро ба ҳадафу принсипҳои Низомномаи СММ ва ҳуқуқи байналмилалӣ зоҳир намуда, ҳаммуаллифи ташаббусҳои гуногуни байналмилалӣ дар ҷодаи таҳкими сулҳу субот, масъалаҳои халъи силоҳ ва манъи паҳншавии яроқи атомӣ гардидааст ва талош дорад, то нақши фаъолро дар равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон бозад.

Тоҷикистон ҳаматарафа кӯшишҳои ҷомеаи байналмилалиро дар таъмини манъи қатъии минаҳои зиддипиёдагард дастгирӣ менамояд, муқаррароти умумии Конвенсия оид ба манъи истифода, захира, истеҳсол ва интиқоли минаҳои зиддипиёдагард ва нобудсозии онҳо (Конвенсияи Оттава)-ро риоя мекунад. Тоҷикистон ҷонибдори минтақаи беминаи Осиёи Марказӣ (Осиёи Марказии озод аз хатари минаҳо) мебошад ва дар ҳамкорӣ ба андешидани чораҳои амалӣ оид ба тоза кардани қаламрави минадори минтақа ва ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба оқибатҳои минагузорӣ даъват менамояд.

Давраи муҳим дар таърихи ҳамкории Тоҷикистон ва СММ қабули қатъномаи бо ташаббуси Тоҷикистон пешниҳодшуда оид ба эълон намудани 2003 Соли байналмилалии оби тоза мебо-

шад, ки дар натиҷаи баргузории он Дабири кулли СММ Шӯрои машваратӣ оид ба захираҳои об ва беҳдоштро таъсис додааст.

Тоҷикистон, ҳамчун кишвари ташаббускори Соли байналмилалии оби тоза ва Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт – 2005-2015", мутмаин аст, ки зимни ҷаласаҳои сатҳи олӣ оид ба масъалаҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҷалб кардани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаҳои афзалиятноки оби тоза, таъмини вазъи устувори экологӣ бо мудирияти захираҳои об мумкин аст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Туркия ва Туркманистон Иҷлосияи 64-уми Маҷмаи Кулли Созмони Милали Муттаҳид дар бораи 21 март Рӯзи байналмилалии Наврӯз қатънома қабул кард, ки аз ин пас иди миллии тоҷикон Наврӯз расман ҳамчун иди бузурги байналмилалӣ ҷашн гирифта хоҳад шуд.

Умуман, Тоҷикистон бо СММ ва ниҳодҳои тахассусии он дар масъалаҳои сиёсии глобалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва гуманитарӣ ҳамкории фарогирро ба роҳ мондааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1993 ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои илм, маориф ва фарҳанг низ ҳамкории зич дорад.

Ба Рӯйхати Ҷашнвораҳои ЮНЕСКО 1150-солагии Абӯабдулло Рӯдакӣ, 100-солагии шоир ва арбоби намоёни ҷамъиятӣ Мирзо Турсунзода ворид гардиданд, мусиқии классикии Шашмақом шоҳкории шифоҳӣ ва мероси гаронбаҳои инсоният шинохта шуда, дар Тоҷикистон ҳамасола 12 май ҳамчун Рӯзи Шашмақом ҷашн гирифта мешавад, пойтахти Тоҷикистон шаҳри Душанбе бо мукофоти ЮНЕСКО «Шаҳри сулҳ» барои солҳои 2002-2003 сарфароз гардидааст. Рӯйдоди муҳиме, ки дар ин самт ба вуқӯъ пайваст ин ворид гардидани якумин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм» ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ба ҳисоб меравад.

Солҳои ҳамкорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо нишон доданд, ки ҷонибҳо на фақат ба ислоҳи вазъ дар равобиташон муваффақ шуданд, балки Созмони мазкур тавонист симои мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Аврупо ва созмонҳои байналмилалии аврупоӣ нишон диҳад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муяссар гардид, то вазифаҳои дарпешистодаро бо назардошти манфиатҳои худ ҳал намояд ва ин созмонро ба ҳамёри стратегии худ табдил диҳад.

Ҳамкорӣ бо Созмони ҳамкории исломӣ ва дар чаҳорчӯбаи он бо дигар кишварҳои аъзо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи худро дорад. Дар натиҷаи фаъолияти пурсамар ҷиҳати амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ бори аввал дар таърихи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои байналмилалии Созмони ҳамкории исломӣ – ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви он таҳти шиори "Бо назари ҳамоҳанг барои амният ва шукуфоии ҷаҳони ислом" 18-20 майи соли 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, раёсати даврии яксолаи ин Шӯро ба ӯҳдаи Тоҷикистон вогузор карда шуд.

16 декабри 2010 Маҷмаи Умумӣ лоиҳаи қатънома таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони ҳамкории исломӣ», ки онро Тоҷикистон, ба сифати раиси Гурӯҳи Созмони ҳамкории исломӣ дар СММ, аз номи 57 кишвари узви СҲИ пешниҳод карда буд, бо иттифоқи аро қабул намуд.

Иқдомҳои зикргардида намунаи қадамҳои муҳиме мебошанд, ки аз лиҳози шиносоии бештари олами ислом бо шароиту фазои фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон муфид буда, барои тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии миёни Тоҷикистону мамлакатҳои мусулмон заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳим роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои фаъол ва судманд бо Созмони ҳамкории Шанхай маҳсуб мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 таъкид намуд: «Чун сухан дар бораи минтақа рафт, ташкилоти калонтарини он - Созмони ҳамкории Шанхай ба мадди назар меояд, чунки он аз рӯзи таъсисаш барои ҳаллу фасли масоили минтақавӣ, ташкили ҳамкориҳои иқтисодии кишварҳои узв дар асосҳои усулан нав ва дигар бахшҳои ҳамкорӣ, ки тадриҷан тамоми соҳаҳои ҳаёти ҳамарӯзаи моро дарбар мегиранд, корҳои зиёдеро анҷом додааст". Сарвари давлат зикр кард, ки дар доираи фаъолияти созмони мазкур дар Тоҷикистон лоиҳаҳои зиёди дорои хислати умумимиллӣ бунёд шудаанд.

Дар давоми даҳ соли мавҷудият Созмони ҳамкории Шанхай худро ҳамчун фазои босамари мубодилаи афкор, таҳияи мавқеъҳои муштарак ва ҳамоҳанг сохтани нуктаи назари гуногун нишон дод. Дар доираи он барномаҳо ҳамоҳанг гардидаанд ва Нақшаи ҳамкории дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои

аъзо то соли 2020 қабул шудааст, ки татбиқи онҳо гарави рушди ҳамкориҳои иқтисодии минтақаи СҲШ мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мутақобилан судмандро бо кишварҳои дигар ҳамеша бо назардошти манфиатҳои миллӣ, дар асоси принсипҳои баробарӣ инкишоф медиҳад. Табиист, ки сатҳи муносибати ҳар давлат, аз ҷумла, Тоҷикистон бо субъектҳои дигари байналмилалӣ яксон набуда, майлу алоқамандии ҷонибҳо бо таваҷҷӯҳ ба манфиати тарафайн онро муайян месозад ва вусъат мебахшад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори роҳандозии робитаҳои неку созанда бо ҳама кишварҳои дунё ва созмонҳои гуногуни минтақавиву байналмилалӣ буда, бо қаноатмандӣ метавон таъкид кард, ки сиёсати дурандешона ва хирадмандонаи Президенти кишвар дар ин замина зина ба зина амалӣ мегардад.

Бинобар ин, дар назди Вазорати корҳои хориҷӣ ҳамчун идораи асосии татбиққунандаи сиёсати хориҷии давлат, намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар, дигар сохторҳои давлатие, ки бо роҳандозии ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ сарукор доранд, вазифаҳои зиёде истодаанд. Дар марҳилаи ҳозира истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои ҳамшарикони хориҷӣ дар амалӣ намудани се вазифаи стратегии давлат – таъмин намудани амнияти озуқаворӣ, истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Ҳангоми комёб шудан ба ин ҳадафҳои тақдирсоз Тоҷикистон сатҳи тамоман нави пешрафтро соҳиб хоҳад шуд.

Дар тӯли 20 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи тоҷик таҷрибаи бузурге ҳосил кард. Аз ин рӯ бо боварӣ иброз доштан мумкин аст, ки бо такя ба ин таҷриба сохторҳои марбута ва дипломатҳои тоҷик дар иҷрои вазифаҳои худ - ҳифзи манфиатҳои миллии ҷумҳурӣ минбаъд низ саҳми босазо хоҳанд гузошт.

*Э. Раҳматуллоев*

# Фардои ободи минтақа имрӯз ниёз ба стратегияи превентивӣ дорад

Яқин аст, ки огоҳии аҳли ҷомеа аз ҷузъиёти нишастҳову ҳамоишҳои байналмилалӣ бо ширкати сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки дар он дар вақтҳои охир номи Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда) такрор ба такрор зикр мегардад, ҳанӯз комилу фарогир нест. Иштироки мунтазами ниҳоди мазкури Созмони Милал дар он нишастҳо, бидуни шак, гувоҳи аҳамияти хоссаи рисолати ӯст, ҳарчанд набудани иттилооти мушаххас пиромуни татбиқи он дар зеҳнҳо суолҳое бармеангезад. Пас иллати созмон додани чунин ниҳоди вижаи СММ дар минтақа, тафсири вазифаҳои он ва якояк баррасӣ намудани заминаҳои назариявӣ ва амалии фаъолияташ ниёзманди шарҳу тафсилоти бештарест, ки огаҳӣ аз умқи таърих, диди жарфи геополитикӣ ва таҳлили мӯшикофонае мехоҳад, ки ин мавзӯи баҳси муфассали дигарест.

Вазифаи мо ҳоло маҳдудтар аст, ки онро андозаи ин мақола муайян кардааст. Нахуст ба мазмуну мӯҳтавои худи истилоҳ таваҷҷӯҳ намоем. Дар фарҳанги сиёсӣ зуҳур ёфтани ибораи «дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда)» - ро бо номи Бутрус Бутрус Ғолӣ – Дабири кулли собиқи Созмони Милали Муттаҳид мепайванданд, ҳарчанд ковишҳои дақиқтаре зодаи даҳсолаҳои пештаре будани он ва дар аҳди Дабири кулли дигари Созмони Милал Даг Ҳаммаршелд роиҷ гаштанашро собит месозад. Вале чун ҳадаф имрӯз ба риштаи қалам кашидани сайри таърихии истилоҳи ёдшуда нест, балки бо таammул ва таҳаммул, воқеъбинона баршумурдани мушкилоти имрӯзии минтақа ва ҳадафмандона пешниҳод намудани тариқаву василаи ҳаллу фасли онҳост, бо чунин ишораи мӯҷаз иктифо мекунем ва сари мавзӯъ меоем.

Тибқи таъбири Бутрус Бутрус Ғолӣ, ки дар гузориши шаҳираш – «Рӯзнома барои сулҳ»[1] омадааст, дипломатияи превентивӣ

(пешгирикунанда) «амалиётест, ки а) ба гирифтани пеши роҳи баҳси тарафҳо, б) роҳ надодан ба табдили баҳсҳо ба низоъҳо ва в) маҳдуд намудани миқёси низоъ баъди сар задани он» [2] равона шудааст.

Ба андешаи Б.Б. Ғолӣ дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда), ки ҳадафаш ҳаллу фасли баҳсҳо то рух додани зӯровариҳост, ниёз ба иқдомоти таҳкими бовариву эътимод дорад ва дар айни замон мӯҳтоҷи огаҳии саривақтист (раннее предупреждение), ки бар ҷамъоварии иттилооти марбута бо роҳҳои расмӣ ё ғайрирасмӣ асос ёфта бошад. Ҳамаи ин иқдомот барои то ба ҳадди бӯҳронӣ расидани низои ҳоло зоҳирнашуда гирифтани пеши роҳи он аст, ва агар он аллакай рух дода бошад, ҷиҳати бартараф намуданаш чораҷӯӣ кардан аст.

Дар байни василаҳои ҳаллу фасли мушкилоти зикргардида консепсияи дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда), ки шиораш ба таъбири мардумии тоҷикӣ «Илоҷи воқеа қабл аз вуқӯъ бояд кард» будааст, маҳбубияти зиёде пайдо кард. Аз зуҳури «Рӯзнома барои сулҳ»-и Б.Б.Ғолӣ (1992) сар карда, ин дипломатия тадриҷан дар рафтору гуфтори чӣ кишварҳои алоҳида ва чӣ созмонҳои байналмилалӣ, ки машғули ҳифозати сулҳу истиқрор ҳастанд, мавқеи хосаеро касб кард.

Баъди ҷаласаи таърихии Шӯрои Амнияти СММ аз 31 январи соли 1992, ки бори аввал дар сатҳи сарони кишварҳо ва ҳукуматҳо гузашт, оҳиста-оҳиста дар ҳуҷҷатҳову асноди СММ ҳукми расмии қонунӣ ва танзимӣ гирифтани дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда) оғоз гардид. Баъзе ниҳодҳои Созмони Милал на танҳо расман ба фаъолияти пешгирикунанда машғул шуданд, балки он тадриҷан дар сатҳи вазифаҳои асосӣ ва умдаи СММ ҷо гирифт.

Бо тавсеа пайдо кардани асосҳои назарияи дипломатияи превентивӣ (пешгирикунанда) ва иқдомоти амалӣ ҷиҳати татбиқи он теъдоди зиёдтари созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ чунин навъи фаъолиятро оғоз намуданд. Миқёсу шиддати назираш дида нашудаи низоъҳои маҳаллӣ, ки баъди итмоми «ҷанги сард» сурат гирифтанд, боиси ҷиддан ҷӯё шудани ин созмонҳо аз роҳҳои беҳтарини ҳалли қазия шуд. Пешгирӣ намудани низоъҳо, на бартараф намудани онҳо пас аз бӯҳронӣ шудани вазъ аз марғубтарин ҳадафҳои ин ниҳодҳои минтақавӣ гашт. Маҳз дар ҳамин вақт Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Консепсияи пешгирӣ ва ҳаллу фасл намудани низоъҳо дар қаламрави ИДМ-ро қабул кард, ки василаи муҳимтарини татбиқаш дипломатияи превентивӣ аст.[3]

Ҷомеаи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН) Форуми минтақавӣ ва Шӯрои ҳамкорӣ дар бахши амниятро созмон дод, ки асоси фаъолияташонро консепсияи дипломатияи пешгирикунанда ташкил медиҳад.[4] Созмони ваҳдати Африқо Механизми вижаи пешгирӣ, танзим ва ҳаллу фасли низоъҳоро таъсис дод, ки фаъолтарин тарғибгар ва татбиқкунандаи ғояҳои дипломатияи превентивӣ гашт.

*****

Дар шароити ҷадиди таърихӣ ғояи ҳамеша ба аҳли башар наздик ва матлубу марғуби пешгирӣ намудани низоъҳо бо рангҳои нав ҷило дод ва барои ҳамагон нӯшдоруеро аз ҳамаи балоҳо таҷассум кард. Ин шароити нави таърихӣ ба вақте рост омад, ки пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳодисаи ғайричашмдошт талаққӣ шуд ва дар зеҳнҳо нисбати ояндаи худ афкори мухталиф эҷод кард. Аз ин рӯ ҳамаи кишварҳои минтақа Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро шакли таҷдидёфтаи иттифоқи барҳамёфта дониста, узвияти онро пазируфтанд.

Ҳоло агар таҳлилгар ва ё нозири бетарафе ба кишварҳои Осиёи Марказӣ назар афканад, дармеёбад, ки онҳоро омилҳои зиёде мисли дину мазҳаби ягона, анъанаҳои муштараки таърихиву фарҳангӣ ва нишонаҳои дигари сершумор ба ҳам мепайванданд. Кишварҳои минтақа шароити ба ҳам монанди табиию иқлимӣ дошта, бо мушкилоти мушобеҳ рӯ ба рӯ ҳастанд. Ҳокимияти қавии давлатӣ, ҳолати ибтидоии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ тавъам бо адами мавҷудияти анъанаҳои демократӣ, тасаллути қариб комили давлат бар иқтисод, ки бо заъфи механизмҳои ҳанӯз комилан суратнагирифтаи бозаргонӣ рост меояд, зарурати ислоҳоти амиқеро, ки шомили ҳама ҷонибҳои ҳаёт бошад, пеш оварданд.

Ҳамзамон бо ин муштаракот, кишварҳои Осиёи Марказӣ фарқиятҳое доранд, ки қабл аз ҳама, ба имкониятҳои иқтисодии аз Иттиҳоди Шӯравии собиқ ба онҳо меросмонда иртибот дорад. Аз рӯи ин аломатҳо мамлакатҳои минтақаро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард. Қазоқистон ва Ӯзбекистон нисбат ба Тоҷикистон, Қирғизистон ва Туркманистон, ки иқтисодашон дорои табиати возеҳи ёрирасон буд, шароити беҳтаре доштанд. Ва агар гурӯҳи аввали давлатҳои зикршуда таъсири бӯҳрони онвақтаи иқтисодиро мулоимтар карда тавониста бошанд, гурӯҳи дуюми кишварҳо маззаи талхи онро пурра чашиданд.

Дар айни замон, дар аввалҳои солҳои 90-уми қарни гузашта минтақа нуқтаи бархӯрди манфиатҳои кишварҳои мухталиф гашт, ки ҳар як аз онҳо барои таҳкими мавқеъҳои худ дар

раванди ҳамкорӣ бо ин ё он кишвари минтақа талош доштанд. Иллати ин вазъ, яқинан, дар ҷойгоҳи геополитикии минтақа, имкониятҳои коммуникатсионии он ва мавҷудияти захираҳои азими канданиҳои фоиданок ниҳон буд.

Вале рӯи кор омадани имкониятҳои бузурги иқтисодӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионии кишварҳои Осиё Марказӣ ва дар ин замина таъмин намудани амнияти миллии ҳар яки ин кишварҳо, рушди устувори иқтисодии онҳоро монеаҳое бозмедоранд, ки шартан онҳоро метавон ба ду гурӯҳ ҷудо кард.

Қисми аввали ин монеаҳоро мушкилоти табиати таърихӣ дошта ё аз таърих меросмонда, ки ҳанӯз то ба истиқлолият расидани давлатҳои минтақа ҷой доштанд, ташкил медиҳад. Ба ин гурӯҳ проблемаҳои марзиву ҳудудӣ, мушкилоти истифодаи обу замин ва душвориҳои коммуникатсионӣ шомиланд. Солҳои охир ба онҳо гурӯҳи дигари мушкилот, ки «ғайрианъанавӣ» ном гирифт, ҳамроҳ шуд, ки он болоравии сатҳи тундгароии мазҳабӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, одамфурӯшӣ ва қочоқи аслиҳаро дарбар мегирад. Ҳамаи ин душвориҳо ба иллати бархӯрди гуногуни мамлакатҳои минтақа бо онҳо, муносибати мухталифи кишварҳо ба дараҷаи афзалиятнокиашон дар роҳи равандҳои ҳамгироӣ душворӣ эҷод намуда, ҷаззобияти минтақаро чун нуқтаи сармоягузорӣ ба поин мебаранд.

Комилан возеҳ аст, ки вазъи сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки таҳлили амиқ ба дараҷаи баланди низоъхез будани онҳо ишора мекунад, ниёз ба андешидани тадбирҳои таъҷилӣ, вале оқилонае дорад, ки тавонанд шиддати мавҷудаи дар муносиботи онҳо ҷойдоштаро поин бурда, пеши роҳи низоъҳои эҳтимолиро бигиранд. Нуктаи дигаре низ мусаллам аст, ки дар байни чунин тадбирҳо, беҳтаринашон чораҳои пешгирикунандае (превентивӣ) аст, ки болоравии шиддати вазъиятро, ки ҳанӯз майле ба поинравӣ надорад, пешгирӣ намоянд.

Мушкилоти миллию ҳудудӣ, ки зодаи масоили то ҳол комилан ҳалношудаи сарҳадмуайянкунист, дар айни ҳол бо мавҷудияти як идда қитъаҳои марзии мавриди баҳс дар муносиботи байнидавлатӣ душвориҳои сангин эҷод менамоянд. Гоҳ-гоҳ аз ҷониби доираҳои муайяни миллатгарову ифротӣ дар ҳамаи кишварҳои минтақа сару садоҳое дар бораи таҷдиди назар ба марзи мавҷуда бо назардошти ҳаққу ҳуқуқи ҳақиқӣ ва ё бофта ба миён меоянд, ки ба оташи нобоварии мавҷуда равған мерезанд ва гиреҳи мушкилотро чигилтар месозанд. Шиддати дар ин замина ҳар сари вақт афзоянда, ки гоҳе бо намоиши нерӯ ва ба сари марз овардани ҷузъу томҳои низомӣ меанҷомад, вазъро ба остонаи задухӯрди байнидавлатӣ ва ё байниирқӣ меорад.

Мувофиқа ва ризоияти аввалияи эъломшудаи ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дар бобати марзҳои вуҷуддошта дар роҳи ба миён омадани баҳсҳо дар мавзӯи мансубияти қитъаҳои бузурги масоҳаташон ҳазорҳо километри мураббаъ садде нагардид ва музокироту гуфтушунидҳои сангини марзии ҳозира гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Дар айни ҳол ин вазъ ба болоравии шиддат дар муносиботи байнидавлатӣ ва пайдошавии монеаҳо дар роҳи ҳамгироии васеъ сабаб шуд. Ҳатто дар ҳолати вуҷуд надоштани масоили баҳсноки марзӣ дар роҳи интиқоли озодонаи амволу мавод ва одамон монеаву саддҳои сершуморе эҷод шудаанд, ки нобовариву адами эътимодро тақвият мебахшанд. Аз ин рӯ масъалаҳои ҳалношудаи марзӣ ва мушкилоти марбут ба ҳифзи сарҳадот ба амнияту истиқрори минтақа осеби ҷиддӣ мерасонанд.

Тақсимоти дар солҳои 20-уми қарни гузашта гузаронидашудаи марзиву миллӣ низ ҳудуди дақиқи қаламрави минтақаро аз рӯи аломатҳои миллӣ муайян карда натавонист. Он замон вазъи бениҳоят дарҳамбарҳами ҷойгиршавии этникӣ дар минтақа ва фарқияти табиии ҷуғрофӣ сарфи назар шуданд. Баръакс нигаронии ҳокимияти вақт аз он буд, ки дар қаламрави як ҷумҳурӣ эҳсосоти ҷудоихоҳии ақаллиятҳои миллӣ боло нагиранд. Ин ҳисобу китоби ҳокимияти онвақта сабабгори мушкилоти зиёди милливу ҳудудии имрӯза гаштанд.

Ҳатто баъди ба истиқлолият расидани давлатҳои Осиёи Марказӣ ин мушкилот, сарфи назар аз душвориву табиати низоъхезашон барои зимомдорони ҳукми вақт масоили аввалиндараҷа набуданд. Дар нахустин марҳалаҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои минтақа бештар ба мавзӯъҳои иқтисодиву геополитикӣ саргарм буданд. Ва дар он лаҳзаҳо имконияти воқеии аз байн бардоштани ин мушкилот вуҷуд дошт, агар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ мавқеи созанда ва гузашткунандаеро ишғол мекарданд ва ин, бешубҳа, ба манфиатҳои миллии ҳамаи кишварҳо созгор меомад. Вале бузургманишиҳо ва даъвоҳои беасосу калонигарии баъзеҳо ва, дар натиҷа, равобити аз рӯзҳои аввали истиқлол тираи ҳукуматдорони минтақа чунин имконияти нодири таърихии ҳаллу фасли ин масоили мушкилтаринро аз байн бурд.

Як масъалаи муҳимтарини дигарро набояд аз madди назар дур кард. Хатҳои маъмурии тақсимоти ҳудудии замони шӯравӣ суратгирифтаи байни ҷумҳуриҳоро ҳукуматдорони давлатҳои навзуҳур чун марзҳои устувор ва ғайри қобили тағйир намедонистанд. Баръакс ишораҳое бар он мешуд, ки сарҳадҳо аз аввал

табиати маъмурӣ доштанд, на байнидавлатӣ, ва аз ин рӯ, чун нуқтаи оғози музокирот дар ин мавзӯъ хидмат карда метавонанду бас.

Таҳлилу баррасиҳои робитаҳои байни кишварҳои Осиёи Марказӣ тӯли 20 соли истиқлолият таъкид бар он доранд, ки масъалаҳои марзиву миллӣ ва ҳудудӣ бар асари дар ин муддат ҳалношуда боқӣ монданашон ба маҷмӯи равобити байнидавлатӣ таъсири ҷиддии манфӣ мерасонанд. Чунин омилҳои таърихан ташаккулёфтаи инкори нақши минтақаҳои ҷойгиршавии гурӯҳҳои этникӣ, ки аз марзҳои байни ҷумҳуриҳои шӯравӣ фарқиятҳои ҷиддӣ доранд, кӯшишҳои марзбандиҳои якҷониба ва миназор намудани онҳо ба муносиботи байни кишварҳои минтақа халали ҷиддӣ ворид мекунанд. Метавон ҳадс зад, ки ин мушкилот дар ояндаи наздик табиати низоъхези худро ҳифз хоҳад кард, чунки қитъаҳои бузурги қаламрави ин давлатҳо вуҷуд доранд, ки онҳо чун замини ба кишварҳои дигар ғайриодилона вогузоршуда талаққӣ мешаванд. Вазъи ташаннуҷ амиқтар мешавад, чун ҳангоми баррасиву музокирот санадҳое чун асос пешниҳод мешаванд, ки зидду нақизи якдигаранд ва аз онҳо мағзи мавзӯъро ҷудо кардан имконе надорад.

Мушкилоти истифодаи об ва масоили ба он пайванди энергетикӣ маҷмӯи дигари душвориҳоро таҷассум менамоянд. Мавҷудияти нобаробари манбаъҳои об ҳам дар минтақа, ва ҳам дар ҳар як кишвари алоҳидаи Осиёи Марказӣ, маҳдудияти захираҳои об дар ҳолати табиати ғолибан кишоварзӣ доштани иқтисодиёти минтақа масоили марбут ба истифодаи обро ба мадди аввал мебарорад. Дар айни ҳол тақсиму тавзеъ ва истифодаи об, ки ба он тақрибан ҳаёти рӯзмарраи кишварҳо бастагӣ дорад, дорои нерӯи азими низоъхез аст.

Ин мушкилот ҳарчанд решаҳои таърихӣ дорад, вале дар аҳди шӯравӣ тавонистанд онро дар як чаҳорчӯбаи қавӣ нигаҳ доранд. Вале дар шароити соҳибихтиёриву истиқлоли кишварҳои минтақа сатҳи ташаннуҷи он болотар меравад, ки вазъро обёрии исрофкоронаи замин, истифодаи номутаносиби об ва фарсудагии низому шабакаҳои обёрӣ, афзоиши бесобиқаи аҳолӣ тезутундтар месозад. Ба тариқи мисол, агар дар соли 1956 шумораи аҳолии панҷ кишвари минтақа каме зиёдтар аз 20 млн бошад, ҳоло ин рақам қариб ба 64 млн расидааст.

Аҷобати амр дар он аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз манотиқи серобу шодобтарини сайёра ба ҳисоб меравад. Вале истифодаи бесамари об, тақрибан дар ин бахш вуҷуд надоштани технологияҳои пешрафта, зарурати мудом зиёд намуда-

ни тавлиду истеҳсоли озуқа барои аҳолии афзоянда, инчунин, тавре ки зикр шуд, фарсудагии шабакаҳои обёрии дар солҳои 60-уми қарни гузашта бунёдшуда ба он овард, ки на танҳо дар минтақаҳои биёбонӣ ва деҳот, балки дар марказҳои саноатӣ ва доманакӯҳҳо низ об намерасад.

Рушду нумӯи энергетика дар Осиёи Марказӣ низ дар аҳди шӯравӣ сурат гирифт. Аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки ин бахши иқтисод дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ инкишофи бузургеро дид. Масалан, соли 1990, вақте ки теъдоди аҳолии минтақа 50 млн буд, тавлиди нерӯи барқ 189,5 млрд квт-соатро ташкил дод.[6] Вале ин бахш низ монанди соҳаи обёриву ирригатсия проблемаҳои шабеҳ дорад. Бигирем, агар замоне аз як ҷониб шабакаи муттаҳидаи нерӯи барқ самараи кори бахши энергетикаи ҳар як кишвари минтақаро ҷиддан боло барад, аз ҷониби дигар дар Қирғизистону Тоҷикистони кӯҳистон ҷойгир намудани нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва дар Қазоқистону Ӯзбекистону Туркманистон мавқеъ гирифтани нерӯгоҳҳои ҳароратӣ фаъолияти пурсамари онҳо ва таъвизи мутақобилаашонро танҳо дар доираи низоми ягонаи мазкур таъмин мекарду халос.

Барҳам хӯрдани ИҶШС зуд мувозинати шабакаҳои барқии кишварҳои тозаистиқлолро хароб кард. Бар замми ин энергетикаи Тоҷикистону Қирғизистон сахт ба шароити табиӣ ва иқлим, аз ҷумла аз сатҳи об, вобаста аст, ҳол он, ки дар се кишвари дигар чунин вобастагӣ қариб вуҷуд надорад. Масалан, Тоҷикистон дар мавсими баҳору тобистон, ки вақти обшавии пиряху барфҳои кӯҳсор аст, ҳамон қадар барқе тавлид мекунад, ки аз эҳтиёҷоти худаш 2 млрд квт-соат зиёд аст, вале зимистон тақрибан ба ҳамин қадар нерӯи барқ ниёз дорад. Вазъи Қирғизистон ҳам тақрибан ба ин монанд аст. Замони шӯравӣ ин адами мувозинат аз тариқи тақсими захираҳои энергия дар байни кишварҳои минтақа бартараф мешуд.

Вазъи имрӯзаи бахши обу энергетикаро чун тазоди байни обёриву тавлиди энергия метавон тавсиф кард. Кишварҳои болооб - Тоҷикистону Қирғизистон манфиатҳои худро дар истифодаи об барои тавлиди барқ мебинанд, то эҳтиёҷоти худро ба он қонеъ намоянд, чунки аз манобеи бузурги нафту газ маҳруманд, кишварҳои поёноб - Қазоқистону ӯзбекистону Туркманистон бошанд, обро қабл аз ҳама, чун василаи таъмини обёрӣ мебинанд. Аз ин лиҳоз манофеи ин ду гурӯҳи кишварҳо дар масоили истифодаи об ба ҳам зид талаққӣ мешаванд.

Низоми таъвизкунандаи шӯравӣ, ки бар мубодилаи масрафи энергия аз ҷониби давлатҳои минтақа асос ёфта буд, ва бо мавси-

ми обёрии зироатҳо ҳамоҳанг мешуд, шакли беҳтарини ҳамкории ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар бахши обу энергетика буд. Вале ин низом, ки дар чорчӯбаи маҷмаи ягонаи иқтисодии давлати вақт хуб амал мекард, ба маҳзи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва бо эълони истиқлолият аз ҷониби кишварҳои минтақа ба оламии нестӣ рафт. Бар замми пайдо нашудани як ҷойгузини кирои бар ивази низоми қаблан амалкунанда бо муваққатан нигоҳ доштани меъёрҳои сарфу тақсими об, ки онро бо қарорҳои дохилиидоравии Вазорати собиқи обу обёрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба танзим медароварданд, ва онҳо, дар шароити нав, албатта, ягон ҳукми қонунӣ надоштанд, мушкилоти ҷойдоштаи бахши энергетикаву об амиқтар шуд. Кишварҳои болооб аз ин низоми таъвизкунандаи масорифи барқ дар зимистон маҳрум монда, иншооти гидроэнергетикии худро ҳарчӣ зиёдтар барои тавлиди барқ истифода бурдан гирифтанд, кишварҳои поёноб бошанд, нигоҳ доштани шакли пештараи муносиботро, ки якҷониба ба фоидаашон буд, талаб мекарданд.

Бахши нақлиётиву коммуникатсионӣ, ки дар шароити минтақаи ба баҳр роҳи баромад надошта, қисмати муҳимтарини иқтисодиётро таҷассум менамояд, низ аз натиҷаи сиёсати баъзе кишварҳое, ки онро чун фишанги фишор истифода мекунанд, дар азоб аст. Бо баҳонаи роҳ надодан ба мухолифини мусаллаҳ аз ҷумлаи ифротгароён миназор шудани манотиқи марзӣ, низоми сахти қаблан собиқа надоштаи раводид, ба таври мунтазам эҷод намудани монеаҳо дар роҳи интиқоли озодонаи молу мавод ва одамон робитаҳоро ба вазъе оварданд, ки татбиқи сифати «ҳусни ҳамҷаворӣ» ба онҳо ғайри қобили тасаввур аст.

Тавре ки дар боло ёд шуд, аз аввалин рӯзҳои истиқлолияти кишварҳои минтақа сар карда, ба хатару таҳдидҳо ва чолишҳои анъанавии дар боло зикршуда як зумра таҳдиду хатарҳои «ғайрианъанавӣ» зам шуданд, ки иборат аз хатари истиқрорро барҳамзанандаи тавсеаи фаъолияти исломи сиёсӣ ё ифротӣ, миқёси хеле афзудаи қочоқи маводи мухаддир, махфиёна ба қаламрави Осиёи Марказӣ, ба гумони ғолиб, аз Афғонистон ворид шудани гурӯҳҳои террористӣ ҳастанд. Ба болои таҳдидоти анъанавӣ пайдо шудани ин хатарҳои «ғайрианъанавӣ» дар минтақа ташаннуҷеро ба вуҷуд оварданд, ки он ниёз ба ҳаллу фасли оҷил, вале оқилонаву ҳакимона дорад.

Мушкилоти зикргардида, ҳарчанд, ки хеле ва хеле ҷиддианд, вале онҳо ба куллӣ нерӯи низоъхези минтақаро муайян намекунанд. Ихтилофоти иҷтимоиву сиёсии дар аҳди шӯравӣ ғуншуда, бӯҳрони тезутундшудаи демографиву муҳити зист, ҷустуҷӯи

аслҳову решаҳои ҳуввияти миллӣ ба болои маҷмӯи мушкилоти дар давраи интиқолӣ ташаккулёфта зам шуда, шиддати мубоаризаро дар байни нерӯҳои сиёсие, ки роҳҳои мухталифи аз бӯҳрон баромаданро пешниҳод менамоянд, сахттар мекунанд. Дар натиҷа вартаи бегонагӣ байни онҳо васеътар шуда, намояндагони ин нерӯҳо дар ҷустуҷӯи пуштибонии мардум такя бар эҳсосоти онҳо мекунанд. Дар шароити бештар ба табақаҳо ҷудо шудани аҳолӣ ва зиёдтар шудани фарқи байни онҳо, тақвият ёфтани халои (вакууми) маънавӣ ба арсаи сиёсат нерӯе баромад, ки кайҳо соати худро мунтазир буд ва он ислом буд.

Ағлаби коршиносони масоили Осиёи Марказӣ бар он ақидаанд, ки сарфи назар аз солҳои тӯлонии ҳукмронии илҳоди (атеизми) давлатӣ ислом чун омили мураттабсозандаи фазои тамаддунии мардумони Осиёи Марказӣ дар минтақа ҳамеша вуҷуд дошт. Вале фаъол гаштан ва ба омили ифротӣ мубаддал шудани он дар шакли исломи сиёсии оштинопазир ба ғуруби ҳокимияти шӯравӣ ва нахустин солҳои мавҷудияти кишварҳои тозаистиқлоли минтақа рост омад.

Ин падида, ки баътар номи на он қадар саҳеҳи «бунёдгароӣ» ё «ваҳҳобия»-ро гирифт, (ва ин мавзӯи баррасиҳои дигарест),дар оғози истиқлоли кишварҳои минтақа нерӯву нафаси тозае касб кард. Марҳалаи аввали номуайянӣ, ки баъд аз соҳибистиқлол шудани кишварҳои минтақа ба миён омад ва ба дунболаш боло рафтани шиддати иҷтимоиву сиёсиро дошт, табиатан ба осиёби нерӯҳое, ки парчами исломи сиёсиро бардошта буданд, об мерехт. Омили исломгароиро маҳз дар ҳаёти сиёсии минтақа бояд падидаи наве ҳисобид, чунки фарқи он аз эҳёи исломи анъанавӣ дар минтақа дар он аст, ки «аломати исломгароӣ моҳиятан дар амри ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ манфиатдор будани он аст».[7]

Ин ҳақиқат ҳангоми низои байни тоҷикон бисёр возеҳ зоҳир шуд. Зери парчами исломи сиёсӣ ба арса баромадани яке аз ҷонибҳои низоъ хеле ҷолиб буд ва сабабгори тавсеаи майдони фаъолияти ин падида гашт.

Вале ба саҳнаи сиёсат дар Тоҷикистон баромадани исломиён ба ҳеҷ ваҷҳ маънои нақши пешбари минтақавӣ касб кардани онҳоро надошт. Аксари таҳлилгарон бар он буданд, ки аҳолии водии Фарғонаи байни се кишвар – Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон тақсимшуда ҳамеша сатҳи баланди тадайюн дошт. Ҳатто дар замони шӯравӣ ин ҷо шабакаи марказҳои таълимии махфӣ вуҷуд дошт, ки масалан, як қисми роҳбарони Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар он ҷо таълими динӣ гирифта буданд. Водӣ, чун яке аз минтақаҳои сернуфустарин солҳост, ки дар масоили таъмини мардум бо замину об ва ҷои кор бо

душвориҳои сангин рӯ ба рӯст. Аз ин лиҳоз сатҳи баланди бекории дар байни ҷавонон вуҷуддошта барои ба ҳалқаҳои онон роҳ ёфтани ғояҳои ифротгароӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Имрӯз мо шоҳид ҳастем, ки сарфи назар аз талошҳои кишварҳои минтақа дар мубориза бар зидди исломи ифротӣ (ки мутаасифона, аксаран, якҷониба, бе ҳамоҳангиҳои лозим андешида мешаванд) тамоюлоти зикршуда тақвият меёбанд. Омилҳои зиёде дар бораи воқеан байналмилалӣ шудани низоъҳо дар Осиёи Марказӣ шаҳодат медиҳад. Имрӯз робитаҳои танготанги ҷунбишҳои ифротии исломии Осиёи Марказӣ бо ҳамтоёнашон дар Афғонистон ба ҳеҷ кас пӯшида нест. Ҳатто ҳозир ҳам ҳақиқатҳое рӯи об меоянд, ки исломиёни ифротии минтақа дар Афғонистон на танҳо пуштибонии маънавӣ, балки мусоидати низомиву техникӣ низ дарёфт мекунанд. Ҳар замон васоити ахбори умум дар бораи иртибототи исломиёни Осиёи Марказӣ бо ҳамтоёнашон дар Қафқози Шимолӣ ва ё бо ҷудоихоҳони ноҳияи худмухтори Шинҷони Чин ахборот дарҷ менамоянд.

Бо ташаккули танзимӣ ва муттаҳид гаштани ин нерӯҳо ба ҳайси ҷунбишу ҳаракатҳои оппозитсионии аз лиҳози сиёсӣ ба расмият даромада сиёсати худи ҳукуматдорони вақт дар оғози истиқлолият низ мусоидат кард, чунки онҳо дар ҷустуҷӯи заминаи сиёсиву фарҳангии бунёди давлатҳои нав, ки мутобиқи анъанаҳои миллиашон бошад, ба ислом рӯ оварданд. Вале баргашт ба сиёсатҳои пешина, ки натиҷаи ҳаросу ваҳми истеблишменти сиёсии вақт аз зуд нерӯ гирифтани ин ҳаракатҳо буд, сабаби боз бештар ифротитар гаштани ин ҳаракатҳо ва нисбат ба низомҳои сиёсии амалкунандаи Осиёи Марказӣ мавқеи душманона гирифтани онҳо шуд.

Гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ки яке аз мушкилоти ҷиддӣ барои минтақа гашта, ки на танҳо ба саломатии аҳолии Осиёи Марказӣ ва ИДМ хатар эҷод кард, балки бо сабабҳои сершумори дигар барои амнияти миллии ҳар як давлати минтақа таҳдиди мустақимро таҷассум кард.

Сарфи назар аз ин, вуҷуд надоштани ҳамкориҳои муассири сохторҳои марбутаи кишварҳо бо созмонҳои байналмилалии зирабт, дар ҳолати дар Тоҷикистону Қирғизистон амал кардани агентиҳои махсуси мубориза бар зидди маводи мухаддир бо маблағҳои СММ, инчунин хоҳиш надоштани баъзе кишварҳо ҷиҳати ба СММ манзур намудани маълумоти оморӣ дар бораи гардиши маводи мухаддир шакку шубҳаи ин сохторҳоро нисбат ба ин гардиши ғайриқонунӣ робита доштани намояндагони ҳукуматҳои минтақа бармеангехт.

Омиле, ки Осиёи Марказиро ба шараёни бузурги интиқол ва интишори маводи мухаддир мубаддал сохт, ҳамҷавориаш

бо Афғонистон – тавлидкунандаи асосии нашъа аст. Талаботи рӯ ба афзоиши ин мавод дар Аврупои Ғарбӣ ва Россия масири аз тариқи Осиёи Марказӣ вуҷуддоштаи интиқоли онро барои нашъаҷаллобон роҳи ҷолибе мекунад.

Шаҳодати ин гуфтаҳо шохисҳои аз гардиши ғайриқонунӣ мусодира намудани маводи нашъадор аст. Аз рӯи маълумоти марказҳои таҳлилии байналмилалӣ аз соли 1993 сар карда, то имрӯз афзоиши сикаратаи ҳаҷми маводи мухаддири мусодирашуда сурат гирифтааст. Ҳарчанд мавзӯи интиқоли маводи нашъадор барои ҳамаи кишварҳои минтақа актуалӣ аст, ҳаҷми аз ҳама бештари мусодираи он ба Тоҷикистон рост меояд. Масалан аз рӯи маълумоти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар дар солҳои 2001-2005 наздикии 30 тонна маводи мухаддир мусодира шуда бошад, ин рақам дар солҳои 2005-2011 низ зиёда аз 31 тоннаро ташкил дод. Вале бо дарназардошти он ки тадбирҳои дар Афғонистон ҷиҳати маҳдуд кардани кишти маводи мухаддир андешидашаванда ҳанӯз пурсамар нестанд, хатари нашъа барои кишварҳои Осиёи Марказӣ чун таҳдиди ҷиддӣ боқӣ хоҳад монд.

Чандин омил монеаи ҷиддӣ дар роҳи муборизаи босамар бар зидди нашъа ҳастанд, ки мавҷуд набудани манбаъҳои дигари чунин даромади муфт ба кишоварзони афғон, маҳдудияти тадбирҳои бар зидди кишти нашъа равонашуда, набудани назорати ҷиддии ҳукуматӣ дар тамоми қаламрави кишвар, робитаи нашъаистеҳсолкунандагон бо арбобони ҷинояткории муташаккил ва ғайра аз ҷумлаи онҳо ҳастанд.

Ин вазъ сабаб шуд, ки нашъаҷаллобӣ ба бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои Осиёи Марказӣ роҳ ёфтааст. Камбизоатӣ ва қашшоқӣ заминаи иҷтимоии ба ин тиҷорати ҳаром ҷалб гаштани теъдоди зиёди одамонро муҳайё кардааст ва ба интишори коррупсия низ сабаб гаштааст.

* * * * *

Ҳамин тавр ҳамаи маҷмӯи бахшҳои ба таҳлил кашидашуда, бешак, на танҳо ба имкониятҳои сар задани низоъ ишора мекунад, балки тавсеа ёфтани имкониятҳои онро низ таъкид мекунад.

Дар чунин вазъият, вақте, ки ташаннуҷи дар муносибати байни давлатҳои минтақа ҷойдошта баъзан ба худ намуди бӯҳронӣ мегирад, татбиқи тақрибан ҳамаи шаклҳову тарзҳои дипломатияи превентивӣ талаби замон мегардад. Бунёди низоми минтақавии огоҳкуниии саривақтӣ (раннее предупреждение), ки дар бораи боло рафтани шиддати муносибот маълумоти муқаддамотӣ пешниҳод кунад, зарурати бешакку шубҳае гаштааст. Намунаи рӯҳбаландкунандаи ҳаллу фасли баъзе мушкилот, аз ҷумла

проблемаҳои марзӣ дар чорчӯбаи «Панҷгонаи Шанхай», ва баъдтар Созмони ҳамкориҳои Шанхай барои кишварҳои минтақа як роҳи наҷоту халосӣ аз хатарноктарин мушкилоти низоъсоз ва бунёди фазои эътимоду боввариро таҷассум карда, барои ба роҳ мондани муносибатҳои мусбату самаранок як асоси устуворро ба миён хоҳад овард.

Дар ин радифи шароити айнӣ ҷиҳати татбиқи дипломатияи превентивӣ зарурати тақдирсози зоҳир намудани омили асосии субъективӣ – иродаи сиёсӣ аз ҷониби зимомдорони минтақа бештар ва бештар эҳсос ва аён мегардад. Аз ҷониби нухбагони сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ амиқан фаҳмидани зарурати бетаъхири ба кор бурдани иродаи сиёсӣ имкон медод, ки минтақаи мо на танҳо ба як гӯшаи орому осудаи сайёра мубаддал гардад, балки шароити хуберо барои ба нуктаи ҷаззоби сармоягузорӣ ҷиҳати рушди устувор табдил гаштани он фароҳам меовард.

**Пайнавишт:**


1 Бутрос Гали, Бутрос. Повестка дня для мира. Второе издание, Нью-Йорк, 1995.

2 Ҳамонҷо, саҳ. 99.

3 Действующее международное право, т.2, М. 1997, стр. 280-286.

4 Review of Preventive Diplomacy in the Asia-Pacific Region. Prepared by CSCAP Singapore for the CSCAP Working Group on CSBMs/ Workshop on Preventive Diplomacy. Bangkok. Thailand, 28 February - 2 March 1999. Конаровский М.А.. Превентивная дипломатия в Азии: проблемы и перспективы. - В книге: «Северо-Восточная и Центральная Азия. Динамика международных и межрегиональных взаимодействий». М.2004, стр. 82-90.

5 Gutto, Shadrock B.O..The OAU's new mechanism for conflict prevention management and resolution and the controversial concept of humanitarian Intervention in International Law. African Society of International and Comparative Law. 1996 Annual conference. 7th August 1995, pp. 348-357, Salim, Salim Ahmed. Preventive Diplomacy Among African States Disarmament, vol. 13, № 13, 1990 pp. 174-189.

6 Петров Г.Н., Назриев М.Н.. Водно-энергетический комплекс бассейна Аральского моря. Современное состояние, проблемы и перспективы развития в книге Водные ресурсы ЦА и их рациональное использование. Душанбе, 2001, стр. 141.

7 Ibrahim A. Karawan. The islamist impose. Adelghi Paper. 314. London, 1997, p.7 /Цит. по Матвеева А. Угроза исламизма в постсоветской Евразии, Центральная Азия, 1999, № 4(5), стр.97.

*Алиасғари Шеърдӯст*

# Аз шукӯҳи Сомониён то шукуфоии даврони истиқлол

Тоҷикон дар маъбари таърихи Осиёи Марказӣ ҳамвора меҳвари фарҳанг ва тамаддун будаанд ва фаҳми таъриху кашфи завоё ва хабоёи ношинохтаи таърихи ин сарзамин мақдур нест, магар ин ки фарҳанги тоҷику тоҷиконро бишносем; дар партави шинохти ин миллат аст, ки чашмандози таърихи ин сарзамин бар дидгоҳи ҳар муҳаққиқу пажӯҳишгаре кушода мешавад; ба дигар сухан, куллияи вуруд ба шаҳри фарҳанг ва таъриху тамаддун дар ин бахш аз ҷаҳони фарҳанги тоҷикӣ ва эронист. Мубоҳоти ман ҳам аз сари ҳамдилӣ ва ҳамроҳӣ бо миллати шарифу озода ва сарбаланди Тоҷикистон аст ва ҳам таъкид бар ҳузури фарҳанг ва тамаддуни рӯзгор ва кӯшишҳои муҷиддонаи ин миллати шариф, ки дубора номи азизи Тоҷикистонро дар гӯши ҷаҳониён танинандоз кард. Ин эъломи ҳузур танҳо навзоии як миллат набуд. Авомили шаклгирии миллатҳо мутааддид ва печида аст, забон, нажод, ҷуғрофиё, фарҳанг ва ғайра аз муҳимтарини ин муаллафаҳо ҳастанд.

Таърихдонон Тоҷикистонро модари Эронзамин ба шумор меоваранд, зеро ки на танҳо эрониён, балки ориёниён аз он ҷо бархостаанд. Муаррихони коршиноси даврони бостон ва эроншиносон навиштаанд, ки тоҷикҳои ҳазораи пеш аз мелод як тоифаи эронӣ ба номи Комбуҷо (Kambojas) буданд, ки ба забоне наздик ба авестоӣ сухан мегуфтанд ва Боктриё (Балх) ва Тахор бахше аз қаламрави густурдаи онон буд, ки умдатан мобайни ду рӯди бузург – Амударё ва Сирдарё мезистанд.

Муаррихон ашкониён (портиён)-ро бархоста аз миёни онон навиштаанд ва муаррихони румиву аврупоӣ хуросониҳо ва табаристониҳоро аз ҳамон тоифаи эронӣ донистаанд. Яздигурди севум дар пайи шикасти низом ба ҳамин минтақа паноҳ бурда буд, ки бо марги ӯ эрониён ҳам истиқлол ва ҳокимияти худро аз даст доданд. Аммо ба юмни ҳамин тоҷикони порси-

забон ва фарҳангдӯст, ки каёни маниш ва тамаддуни эрониро мухофизат карданд, ки пайдоиши Сомониён ба саросари Эрон густариш ёфт. Сомониён, ки аз сарзамини тоҷикон бархостанд, аз нахустин дастаи эрониёне ба шумор меоянд, ки истиқлолу ҳокимияти Эронро зинда карданд. То қарни даҳуми мелодӣ ва оғози муҳоҷирати ақвоми турк ба минтақаи Фарорӯд ба кор бурдани вожаи тоҷикон зиёд марсум набуд ва ҳамаи эрониён худро «порс» меномиданд ва аз замоне вожаи тоҷик ба кор рафт, ки порсиёни Фарорӯд ва Эрони ховарӣ (Афғонистони имрӯзӣ) хостанд, ки худро аз туркон мушаххас созанд ва аз он пас вожаҳои «турку тоҷик» барои мушаххас сохтани афроди он минтақа ба кор рафт. Қаблан ҳам бархе аз хуросониҳо барои мушаххас шудан аз арабҳо худро «порсивон» мехонданд.

Сарзамини Тоҷикистони имрӯзӣ, ки то поёнии даврони Сомониён саросари шимоли Амударё (Ҷайҳун)-ро шомил мешуд, ба тадриҷ бар асари ҳуҷуми ақвоми олтоик кӯчак шуд ва охирин зарбаро аз раҳбарони шӯравӣ хӯрд ва дар соли 1920 мелодӣ, пас аз фурӯпошии истибдоди худкомаи Манғитиён, бори дигар ҳувияти тоҷикон нодида гирифта шуд ва ҳатто ин сарзамини асил дар ҳайати Ҷумҳурии Ӯзбакистон ба расмият шинохта шуд. Бо вуҷуди ин, талошу исрори таҳсинбарангези бузургмардони ин диёр боис шуд то ҳадди ақалл ҳуқуқи аздастрафта боз ситонида шавад ва он ҳамоно таъсиси Ҷумҳурии мустақили шӯравии Тоҷикистон дар соли 1929 мелодӣ буд.

Он чӣ дар нахустин солиёни пас аз инқилоби 1920 мелодӣ бар миллати тоҷик гузашт, ба равшанӣ маълум нест ва ба сахтӣ метавон дар чашмандози қавмии Осиёи Миёна ин ҷараёнотро дунбол кард. Ситези мавҷуд дар он замон ситезе буд миёни дунёи навину дунёи пешин ва таваҷҷӯҳи бисёр каме нисбат ба забон ё замон мабзул мешуд. Бо ин васф, ҳамин ки мавқеияти ниҳоӣ таҳким ёфт ва фарҳангу иқтисод рафта-рафта рӯ ба тавсеа ниҳоданд, масъалаи миллият низ муҳим талаққӣ гашт ва миллати тоҷик (дар канори шуморе аз миллатҳои дигар, аз ҷумла узбак, туркман, қирғиз ва қарақалпоқ) шакл гирифт, миллате, ки ба забони тоҷик ва соири забонҳои эронӣ такаллум мекунад ва дар шарқи Бухоро ва силсилаҷиболи Помир иқомат дорад.

Дар 28 октябри 1924 мелодӣ миллати тоҷик истиқлоли нисбӣ ёфт, ки дар ин замон тақсимбандии пешини ақвоми Осиёи Миёна аз байн рафт ва Ҷумҳурии Худмухтори Шӯравии Сусиолистии Тоҷикистон дар ҳайати Ҷумҳурии Узбакистон таъсис шуд ва дар соли 1929 мелодӣ расман истиқлоли худро дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравии Сусиолистӣ ба даст овард. Албатта ин ҷараён ба содагӣ

ва суҳулат рух надод. Тоҷикҳо дар оғоз бо муқовимату сарсахтии миллигароён рӯ ба рӯ шуданд. Ин миллигароён дар мавҷудияти миллии худ ҳеҷ гуна ҳаққу имтиёзе барои тоҷикон қоил набуданд. Ситезае, ки перомуни мавҷудияти миллии тоҷикон ҷараён дошт, беандоза сахт буд; ба унвони мисол, пас аз инқилоби Бухоро аносири мазкур иҷоза надоданд, ки мадориси тоҷикон кушоиш ёбад ва ҳамчунин ба бунёдгузори адабиёти шӯравии тоҷик устод Садриддин Айнӣ метохтанд ва ӯро таҳти фишор қарор медоданд.

Садриддин Айнӣ ба соли 1925 мелодӣ бо таълифи ганҷинаи азиме аз адабиёти тоҷик дар роҳи хостаҳои миллати хеш гоме бузург бардошт, ба гунае, ки раҳгузари таърихӣ-адабӣ фарҳангии ҳазорсолаи миллати тоҷикро нишон дод ва бад-ин тартиб ба исботи ҳаққонияти тоҷикон дар ташкили миллате мустақил пардохтааст. Ин кори бузурги Айнӣ ҳам арзиши адабӣ дошт ва ҳам арзиши сиёсӣ. Аносири мухолифи ташкили ҳувияти тоҷикон аз ҷасорати ин нависанда сахт ба танг омаданд ва дар пайи он кӯшиданд, ки аз интишори ин китоб ҷилавгирӣ намоянд ва ин баҳонаро пеш кашиданд, ки дар ин китоб қасидае ҳазорсолаи дар мадҳу санои шоҳ, ки шӯравии сусиолистӣ ин адабиётро муртаҷеъ ва мамнӯъ карда буд,  омадааст. Ба ҳамин далел, ҳосили заҳмат ва нубуғи фикрӣ ва офаринишҳои адабии муборизтарин марди тоҷик барчаспи зиддиинқилобӣ ба худ гирифт; марде, ки барои миллати хеш толиби ҳаёти навин буд ва дар ин роҳ мусаммаму устувор гом бар медошт. Агарчи мухолифони ҳувият ёфтани тоҷикон дар баробари Айнӣ сахт ба муқобила пардохтанд, вале дар ниҳояти ин Айнӣ буд, ки бар инон чира шуд ва заминаҳои лозим барои эҷоди давлати навини Тоҷикистонро ба мафҳуми комил фароҳам сохт.

Дар охирин даҳаи садаи XX мелодӣ ва паси фурӯпошии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, бӯҳроне азим тамоми Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла Тоҷикистонро фаро гирифт. Дар нӯҳуми сентябри соли 1991 мелодӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлоли худро ба таври комил ба даст овард ва ин яке аз шукӯҳмандтарин сафаҳоти таърихи тоҷикон аст. Аммо, дар ин айёми хуҷаста, баногоҳ мавҷе аз тавтеа боис шуд, ки ин шаҳди ширини норасида ба ком талх гардад ва дар шароите, ки мерафт, то ин сели муҳиби бунёнбарандози бародаркушӣ ин киштии дар тӯфон гирифторро дар ҳам шиканад, бо дирояту дурандешии тарафайни ин ҷанги хонумонбарандоз ва ба вежа бо азми росих ва ва ҳиммати мардонаи раҳбари хирадманду дарёдили он ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон дар соҳили наҷот ором гирифт.

Зуҳури муҷаддади миллате ба номи тоҷик дар Осиёи Марказӣ баромада аз арҷмандтарин ва олитарин муаллафа, яъне фарҳанг аст. Аз ин рӯ зуҳури миллати тоҷик дар Осиёи Марказиро бояд ба масобаи ҳокимияти фарҳанг бар ҳаёти иҷтимоию сиёсии бахше аз ҷаҳон талаққӣ кард ва ин зуҳури муборакест.

Имрӯз метавон иддао кард, ки Тоҷикистон бӯҳронҳои хуфтаву нуҳуфтаеро, ки дигар кишварҳо дар батни ҳаёти иҷтимоию сиёсии худ доранд, аз сар гузарондааст. Давраи ҷадид, ки барои Тоҷикистон оғоз шуда, давраи хештаншиносии миллист ва ҳамагон мекӯшанд, ки бо тааммулу тадаббур ва эҳсоси масъулият дар баробари насли хешу ояндагон ва таърих корномаҳои матлубу мақбул аз худ ироя диҳанд. Ба дигар сухан метавон гуфт:ончӣ бар Тоҷикистон  гузашт, гарчӣ нохоста ва номатлуб буд, аммо ба сабаби ҳамин омили номуборак миллати хирадманду фарҳехтаи Тоҷикистон дастовардҳои мубораку матлубе касб кардааст, ки муҳимтарини онҳо хештаншиносии миллист.

Агар ҳатто низоми давлатии пеш аз исломи эрониёнро низ ба ҳисоб наёварем, ҳамин саду ҳаштод соли ҳукуматдории Сомониён дар Мовароуннаҳру Хуросон ва таҷрибаҳои арзандае, ки ба даст оварданд, пуштвонае сахту улгӯе муносиб барои давлатдории имрӯзи тоҷикон дар Тоҷикистон метавонад ба ҳисоб ояд. Давлатмардону сиёсатмадорони имрӯзи тоҷик, бетардид, бо нигоҳе ба гузашта медонанд, ки тоҷикон замонҳои пешин чӣ гуна бо дар назар доштани аҳдофи мутаолӣ ва ормонҳои инсонии бузург, бо шоистагии тамом дар фикри басту тавсеаи адолат ва фароҳам кардани оромишу осоиш барои миллати хеш ва дар сояи он барои дигарон низ буданд. Сомониён, ин фарзандони шоистаи миллати тоҷик 1100 сол пеш бо ҳадафи бапойии давлати миллӣ ва эҳёи таъриху тамаддуни ғании эронӣ масиреро дар пеш гирифтанд, ки натиҷаи тайи тариқ дар ин масир дастовардҳои дурахшони Сомониён дар давлатдорӣ ва низ дар фарҳангу шеъру адаб, ки ҳанӯз аст, мояи фахру мубоҳоти тоҷикон ва эрониён аст. Яке аз авомили зафару пешрафти Сомониён адолатхоҳӣ ва раъиятпарварии онон буд, ки реша дар аҳдофи сиёсӣ ва рафтори таърихии онон дошт. Дар рӯзгоре, ки мардуми ситамкашидаи Эрон зери зулму ҷаври ҳокимон ба сутӯҳ омада буданд ва фарёди додхоҳии ононро тозиёнаҳои амирону фармондорони ситамгар посух медод, додгарӣ ва адолатхоҳии Сомониён мӯҷиб шуд, то ақвоми эронӣ ба иттико ба қудрати маънавӣ-таърихии худ бо иттиҳоде камназир ба раҳбарии Сомониён давлати миллии худро бунён ниҳанд ва бо ёрӣ додан ба фарзандони шоиста ва мудаббири худ, яъне амирони Сомонӣ, равнақи сиёсӣ, фарҳангӣ

ва иқтисодии тоҷиконро фароҳам оваранд. Имрӯз низ бо сурурy шодмонии тамом шоҳидем, ки фарзандони халафи Сомониён ва миллати дурандеши тоҷик бо илҳом гирифтан аз рафтори мутамаддинонаи ниёкони худ рӯзҳои талху хонумонсӯзи тафриқа ва чанддастагиро ба дур афкандаанд ва бо андешаи эҳёи давлати миллӣ ва тақвият он кинатӯзиҳоро канор ниҳодаанд ва яксадовраякдил ба посдорӣ аз истиқлоли худ ва низ ба тақвияти давлати миллии хеш пардохтаанд.

Ин сарзамини азиз имрӯз бист соли таҷрибаи истиқлолро пушти сар мегузорад. Имрӯз аз он хурсанд ва шодем, ки ниҳоле, ки бист сол пеш кошта шуд, ба навҷавоне мемонад, ки пирони чанд ҳазор сол пешро дар сояи худ парвардааст. Ин ҷо сарзамини падари адабиёти порсӣ Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ аст. Ин ҷо тахтгоҳи мунҷии забону фарҳанги порсизабонон Исмоили Сомонӣ аст. Хоки ин диёр ганҷе аст, ки ҳазорон дурдонаҳои илму адабро дар домани худ парвардааст.

Тоҷикон дар тӯлии таърих ҳамвора нишон додаанд, ки мардумоне сулҳталаб ва фарҳангдӯст будаанд ва ҳеҷ гоҳ мавзеи таҳоҷумӣ надоштаанд. Дар исботи ин муддао ҳамин бас, ки кишвари имрӯзаи Тоҷикистон аз маъдуди кишварҳоест, ки на бо кишваре душманӣ меварзад, балки ҳамвора дасти ӯ ба сӯйи дӯстӣ кушодааст.

Рафторе, ки тоҷикҳо дар гуфтугӯи сулҳи дохилӣ нишон доданд, инъикоси тамоми ақлонияту таҷрибаи башарӣ буд ва ин дастоварди андак нест, ки миллати Тоҷикистон ба он даст ёфтааст. Сулҳи миллӣ дар гарави мушоракати миллӣ аст, ин танҳо посух ба бӯҳронҳоест, ки дар кишварҳои бо танавӯи нажодӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ рӯй менамояд.

Роҳе, ки Тоҷикистон барои истиқрори сулҳу дӯстӣ интихоб кард, хирадмандонатарин равише буд, ки то кунун ақли ҷамъӣ ва таҷрибаҳои башарӣ ба он даст ёзондааст ва ин ҳикоят аз ду чиз дорад: нахуст тафаззули Худованди бузург ба ин сарзамин ва дувум воқеънигарии сиёсӣ, ки дар Раёсати мӯҳтарами ҷумҳурӣ ва раҳбарони ҳизбҳо ва гурӯҳҳо ва тоифаҳои мухталифе аст, ки бо ин фоҷиаи миллӣ рӯ ба рӯ шуданд. Дарки муштараку тааҳҳуди миллии онон ро ба интихоби роҳе раҳнамоӣ кард, ки ғайр аз он фоҷиаи азим ҳувияти миллӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро дар маърази табоҳӣ ва нобудӣ қарор медод.

Умедворем бо ёрии ин чунин мардуми фаҳмида ва миллатхоҳ давлату ҳокимияти Тоҷикистон битавонад гомҳои баланду муассире дар ҷиҳати рифоҳу осоиши мардум бардорад ва ба басту густариши адлу адолат муваффақ гардад, зеро ҳар миллате, ки ин ду гавҳарро ба даст оварад, аз заволу нобудӣ барҳазар хоҳад буд.

Аз нахустин рӯзҳои истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумҳурии Исломии Эрон аз росихтарин кишварҳои дӯст будааст, ки дар канори мардуму давлати Тоҷикистон истодааст.

Кишвари Эрон ба Тоҷикистон ба унвони яке аз кишварҳои узви Созмони Милали Муттаҳид наменигарад, Тоҷикистон айни Эрон аст. Аз ин рӯ, мо тайи ин солҳо бо фарозу нишебиҳое, ки давлату миллати Тоҷикистон тай кардааст, ҳамвора қалбҳоямон тапидааст. Тайи ин бист сол рухдодҳои бузург дар ин бахш аз ҷаҳон ҳодис шудааст, ки метавонист ниҳоли навпои ин ҷумҳуриро дар маърази тундбодҳои буниёнкан қарор диҳад, аммо, хушбахтона, ин рухдодҳо тавониста рӯҳи ватанпарастию истиқлолталабӣ ва ғайрати миллиро дар тоҷикон устувортар кунад ва ин дастоварди бисёр гаронбаҳоест.

Равобити Теҳрону Душанбе аз ибтидои истиқлоли Тоҷикистон дар соли 1991 мелодӣ ҳамвора дар ҳоли рушд будааст. Эрон аввалин кишварест, ки истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва бо он равобити дипломатӣ барқарор кард. Сипас дар ҷараёни ноорамиҳои солҳои 1992-1997 Эрон мизбони чандин давр аз музокироти сулҳи тоҷикон буд ва яке аз миёнҷиёни аслии музокироти сулҳ ба шумор мерафт ва дар канори Русия ва Созмони Милали Муттаҳид талошҳои зиёде барои таҳсили сулҳ анҷом дод. Дар замони бозсозии Тоҷикистон низ Ҷумҳурии Исломии Эрон ҳузури пурранге дар саҳнаи иқтисоди ин кишвар доштааст ва дорад.

Дар миёни кишварҳои Осиёи Миёна Тоҷикистон ба далели қаробатҳои забонӣ ва фарҳангӣ барои Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷоизи аҳамият аст. Дар хилоли ин солҳо Эрон, илова бар масоили фарҳангӣ, ба барқарории равобити иқтисодӣ бо ин кишвар низ мутамоил буда ва дар садад баромада, то анҷоми пружаҳои умронӣ ва амалиётиро низ дар ин кишвар бар ӯҳда бигирад. Ин масъала тайи солиёни мутамодӣ мадди назари мақомоти сиёсии Эрон буд ва дар ниҳоят мунҷар ба баста шудани қарордодҳое дар ин замина шуд. Ду пружаи бузург – туннели «Истиқлол» ва нерӯгоҳи «Сангтӯда 2» ҳосили ин талошҳо аст, ки тавассути муҳандисини эронӣ дар ҳоли иҷро мебошад.

Яке аз маъзулоти бузурги Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи дар замони шӯравӣ ва чи баъд аз истиқлол масъалаи рафту омади мардуми Тоҷикистон аз устонҳои шимолӣ ба ҷанубӣ ё баръакс буд, ки бояд аз масири душворгузаре анҷом мегирифт ва ҳатто мардуми зиёде ҳамасола ҷони худро дар ин роҳ аз даст медоданд. Тоҷикҳо аз тариқи як гардана ин масофатро мепаймуданд, ки дар шароити ҷави муносиб ҳудуди ҳашт соат замон мебурд ва дар зимистон

низ бар асари яхбандон ин ҷода маъмулан баста буд. Ба ҳамин далел давлати Тоҷикистон дар пайи эҷоди туннеле дар ин масир баромад ва иҷрои ин тарҳро тайи як муноқиса ба ширкати эронии «Собир» вогузор кард. Ин туннел устони шимолии Суғд ва шаҳри таърихии Хуҷандро ба Душанбе ва дигар шаҳрҳои Тоҷикистон муттасил мекунад. Арзиши ин пружа 39 миллион доллар аст, ки 7,8 миллион доллари онро давлати Тоҷикистон таъмин карда, 10 миллион доллар дар қолаби кӯмаки тавсеаи Эрон ва 21,2 миллион доллар низ воми Эрон ба Тоҷикистон ба ин манзур аст. Ин туннели 5-километрӣ, ки бар ростӣ метавон онро мӯъҷизаи қарн номид, дар мурдодмоҳи соли 1386 шамсӣ бо ҳузури руасои ҷумҳури Эрон ва Тоҷикистон, дар ҳоле ифтитоҳ шуд, ки амалиёти умронии он ҳамчунон идома дошт ва баъдҳо ба далели мушкилот кори умронии комили он гирифтори ихтилол гардид. Аммо ба тозагӣ бо мулоқоти руасои ҷумҳурии ду кишвар тафоҳумҳое дар заминаи такмили он дар ояндаи бисёр наздик сурат гирифт, ки умед аст то поёни соли ҷорӣ куллияи навоқиси мавҷуд муртафаъ гардад.

Аз дигар иқдомот ҳамкориҳои иқтисодии азими фимобайн пружаи сохти сад ва нерӯгоҳи «Сангтӯда 2» ба дасти паймонкорони эронӣ аст. Ҳузури муҳандисони эронӣ дар пружаҳои энергетикии кишвари Тоҷикистон тайи санавоти ахир метавонад ояндае мутмаинро барои таъмини энергетикии ин кишвар рақам занад. Аҳамияти иҷрои ин пружа барои Тоҷикистон ба наҳве аст, ки ин кишвар бо таҳаққуқи онҳо хоҳад тавонист илова бар таъмини барқи мавриди ниёзи худ ҳарсола миқдоре барқ низ ба кишварҳои дигар содир намояд. Ин нерӯгоҳи барқи обӣ дар соли поёнии пружа, яъне 1390 шамсӣ метавонад ду воҳиди 110 мегаваттиро барои тавлиди барқ пеши рӯ дошта бошад.

Итминон дорам, ниҳоли барӯманде, ки бист сол пеш нишонда шуд, дар сояи нигаҳбонии фарзандони шоистаи ин сарзамин пок ба дарахте тановар, ки реша дар аъмоқи таърихи чандҳазорсола дорад, табдил хоҳад шуд ва ҳар сол шоҳиди пурбортар шудани он хоҳем буд.

Афзун бар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон рисолати ҳифзу густариши забон ва фарҳанги тоҷикӣ-форсиро муштаракан бар дӯш доранд. Дар ин масир дастоварди яке – дастоварди дигаре низ хоҳад буд.

Мо, яъне ману шумо, яъне эрониву тоҷик акнун, ки дар пешонии фарохи қарни бисту як истодаем, қиболи дастовардҳои бузургони худ масъулем. Забони форсӣ, ки намудгори воқеии фарҳангу тамаддуни эронист, масоибу балоё ва душвориҳои фа-

ровонеро аз сар гузарондааст, аммо аз сахтҷонии фарзандони худ сахтҷонӣ ба даст овардааст. Эрониву тоҷик истилои арабону турконро дидааст, зери суми аспону барқи шамшерони чингизиён ларзидааст, ба иштиҳои Темури ланги хунхор равон шудани хуни азизонашро назорат кардааст ва ниҳоятан ҳуҷуми кӯчиёнро бар Хуросону Мовароуннаҳр ба хотир супурдааст, аммо ҳаргиз забону ҳувияти худро набохтааст, ки на забону ҳувияташ ӯро масун доштааст ва дар ниҳоят пирӯзиро аз они ӯ кардааст, чӣ гуна? Бо фурӯ балъидани душмани хунрези бефарҳанг, бо фурӯ бурдани ӯ дар андаруни хеш ва бо тазриқи хуни фарҳанг дар рагони ӯ хӯи ваҳшигарӣ ва хунрезии ӯро аз сари ӯ андохтааст ва ӯро чунон ром кардааст, ки гӯё аз азал худовандгори сулҳу меҳрубонӣ будааст. Намунааш ром кардану парварондани фарзандони Чингизи хунрез буд, ки дар домани фарҳанги эронӣ ҳар кадом аз хӯи ваҳшигарии ниёгони худ даст шустанд ва фарҳангпарварону адабёрони фарҳехта шуданд. Кӯтоҳи сухан ин, ки забони порсиро дарёбем. Имрӯз бо вуҷуди анҷумани «Пайванд» ва бо алоқае, ки дар зиёиён, донишмандон, фарҳехтагон ва давлатдорони тоҷик мебинем ва низ бо таваҷҷӯҳ ба алоқае, ки миллати Эрон ва низ давлати Эрон ба густариши равобити фарҳангӣ бо бародарони ҳамзабони тоҷики худ доранд, замина барои густаришу тарвиҷи забони муштарак фароҳам аст.

Поёни сухан ин, ки ҷашнҳои истиқлоли Тоҷикистон, ки бо мушоракати ҳамаи дӯстони тоҷик дар саросари гетӣ баргузор мешавад, бавоқеъ таъкиде бар худварзӣ ва фарҳангдӯстиву мушоракати тоҷикон дар раванди байналмилалӣ сохтани ҷаҳони ҷадид аст ва нозуктабъиву рӯҳи латифи ин миллат ин маросимро ҳамвора бо як посдошти ойину фарҳанг даромехтааст ва ин нишондиҳандаи ин амр аст, ки миллати Тоҷикистон ҳувият ва будани хешро марҳуни фарҳанг медонад, чаро ки ҷони абиромези тоҷиконро бо роиҳаи дилангези хирадмандиву ҳикмату дӯстдорӣ даромехтаанд.

Дар поён ба намояндагӣ аз раёсати ҷумҳурӣ ва миллати Ҷумҳурии Исломии Эрон бистумин солрӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба тамомии мардуми азизу шарифи ҳамзабон ва хешовандони фарҳангии ин диёр тақдим мекунам.

*Дигар борат чу бинам, шод бинам,*
*Сарат сабзу дилат обод бинам.*

*Мехмет Мунис Дирик*

# Муносибатҳои Тоҷикистону Туркия таҳким хоҳанд ёфт

Ба муносибати 20-умин солгарди истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Ҷумҳурии Туркия ва шахсан аз номи худам мардуми шарафманди тоҷикро самимона табрик мегӯям.

Тоҷикистон 20 сол қабл аз ин ба тамоми ҷомеаи башарӣ эълом дошт, ки мисли дигар давлатҳои соҳибистиқлол баробарҳуқуқ аст ва минбаъд тақдири кишвари худро танҳо мардуми Тоҷикистон муайян менамояд. Ҷумҳурии Туркия яке аз нахустин давлатҳое буд, ки 16 декабри соли 1991 истиқлолияти Тоҷикистонро эътироф намуда, 29 январи соли 1992 муносибатҳои дипломатиро барқарор намудааст. Ҳамзамон 4 августи соли 1992 фаъолияти Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид.

Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои фарҳангу маданияти муштарак мебошанд. Барои ҳарду ҷониб мутафаккир Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ шахсияти ҷовидона маҳсуб мегардад. Таърихи муштараку риштаҳои пайванди фарҳангии мустаҳкам бо самимияти хосаи халқҳоямон заминаи муносибатҳои байни кишварҳоямонро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ аз 9-уми сентябри соли 1991 ин ҷониб муносибати густурдаи дӯстонаву бародаронаи ҳарду кишвар имкон дод, ки равобити дуҷониба боз хам ривоҷу равнақ дошта бошад.

Иродаи қавии давлатҳоямон ба он равона шудааст, ки муносибатҳои мавҷудаи байни ду кишвар дар самтҳои мухталиф дар асоси манфиатҳои мутақобила минбаъд низ рушду такомул дошта бошанд. Ҳамзамон тазаккур бояд дод, ки густариши равобити кишварҳоямон муҷиби таҳкими самимияти тарафайн мегардад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввалини истиқлолияти хеш баҳри таъмини сулҳу субот ва истиқрори ваҳдат дар киш-

вар кадамҳои устуворро гузоштааст, ки моро бетараф наме-гузорад. Иқдомоти роҳбарияти Тоҷикистон роҷеъ ба эҳёи таъриху фарҳанги миллӣ дар баробари истиқболи мардуми меҳнатқарини тоҷик аз дастовардҳои замони муосир дар маҷмӯъ давлати миллии тоҷикро ба роҳ андохт, ки оламиён шукуҳу шаҳомати чунин давлатсозиро эътироф намуданд.

Давлати Тоҷикистон бо ин гуна иқдомҳои хеш тавонист ба халқи худ заминаҳои рушду рифоҳиятро муҳайё кунад ва барои дигар кишварҳои минтақа намунаи ибрат гардад.

Ба назари ман барои мақоми шоистаро дар Осиёи Марказӣ соҳиб шудани Тоҷикистон имконоти мусоид мавҷуд мебошад. Барои ин бояд ҳамкории муфидро байни кишварҳоямон давом дода, баҳри ривоҷу равнақи он саъю кушишамонро дареғ надорем.

Итминон дорам, ки ҳамкории дӯстонаву бародаронаи кишварҳоямон ояндаи дурахшон дорад. Дар вақташ Мавлоно Румӣ дар осори худ ишқро чун офтоб ва дӯстиву рафоқатро чун дарё арзёбӣ намудааст. Месазад, ки имрӯз миллатҳоямон ба ин андарзи Мавлоно рӯ оварда бошанд.

Шубҳае нест, ки давлати Туркия ҳамеша дар симои Тоҷикистон кишвари дӯст ва шарики боэътимодро мебинад.

Ба ин манзур бори дигар таҷлили 20 солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро самимона табрик гуфта умедворам, ки равобити кишварҳоямон ба равнақи беш аз пеш ноил мегардад. Дар охир аз номи роҳбарияти кишварам, хоса аз номи худам фарорасии ин ҷашни муқаддасро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арз медорам ва таманнои онро дорам. ки оромиву осудагӣ насиби мардуми шарифи Тоҷикистон бошад.

Ҳамзамон барои фароҳам овардани имкон ҷиҳати изҳори табрикот ба Вазири мӯҳтарам Ҳамрохон Зарифӣ ва ҳампешагони садоқатманди Вазорати корҳои хориҷӣ ташаккури хешро иброз медорам.

*М.Собиров*
*З. Саидов*

# Содружество Независимых Государств - организационное становление, состояние и перспективы развития

## Образование и организационное становление

8 декабря 1991 г. в Вискулях - резиденции Белорусского правительства в Беловежской Пуще - руководители Республики Беларусь, Российской Федерации и Украины подписали Соглашение о создании Содружества Независимых Государств (СНГ).

Чуть позже, 13 декабря в г. Ашхабад состоялась встреча президентов пяти центральноазиатских республик: Казахстана, Киргизии, Таджикистана, Туркменистана и Узбекистана. Итогом стало Заявление, в котором страны выразили согласие войти в организацию, но при условии обеспечения равноправного участия и признания всех государств СНГ в качестве учредителей. Впоследствии Казахстан предложил собраться в Алма-Ате для обсуждения вопросов и принятия совместных решений.

21 декабря 1991 г. в Алма-Ате (Казахстан) главы 11 суверенных государств (кроме прибалтийских государств и Грузии) подписали Протокол к этому соглашению, в котором подчеркнули, что Азербайджанская Республика, Республика Армения, Республика Беларусь, Республика Казахстан, Кыргызская Республика, Республика Молдова, Российская Федерация, Республика Таджикистан, Республика Узбекистан и Украина «на равноправных началах и как Высокие Договаривающиеся Стороны образуют Содружество Независимых Государств».

По итогам встречи была принята Алма-атинская декларация, в которой излагались цели и принципы СНГ. В ней закреплялось положение о том, что взаимодействие участников организации «будет осуществляться на принципе равноправия через координирующие институты, формируемые на паритетной основе

и действующие в порядке, определяемом соглашениями между участниками Содружества, которое не является ни государством, ни надгосударственным образованием».

Алма-атинская встреча стала важной вехой в государственном строительстве на постсоветском пространстве, так как она завершила процесс преобразования бывших республик СССР в суверенные государства. Последними государствами, ратифицировавшими Алма-атинскую декларацию, стали Азербайджан (24 сентября 1993 г.) и Молдавия (8 апреля 1994 г.), до этого являвшиеся ассоциированными членами организации. В 1993 году Грузия также стала участницей СНГ.

Первые годы существования организации в большей степени были посвящены организационным вопросам. На первой встрече глав государств СНГ, которая состоялась 30 декабря 1991 года в Минске, было подписано Временное соглашение о Совете глав государств и Совете глав правительств Содружества Независимых Государств, по которому учреждался высший орган организации, Совет глав государств. В нём каждое государство имеет один голос, а решения принимаются на основе консенсуса. Кроме того, было подписано Соглашение Совета глав государств - участников Содружества Независимых Государств о Вооруженных Силах и Пограничных войсках, по которому государства - участники подтверждали своё законное право на создание собственных Вооружённых Сил.

Организационный этап завершился в 1993 году, когда 22 января, в Минске, был принят Устав Содружества Независимых Государств, основополагающий документ организации. В нём были определены условия членства государств в СНГ, сформулированы цели и принципы коллективной безопасности и военно-политического сотрудничества, предотвращения конфликтов и разрешения споров, взаимодействия в экономической, социальной и правовой областях, межпарламентских связей, закреплено суверенное равенство всех его членов.

В документе подчеркнуто, что входящие в СНГ государства являются самостоятельными и равноправными субъектами международного права. Содружество, прежде всего, служит дальнейшему развитию и укреплению отношений дружбы, добрососедства, межнационального согласия, доверия, взаимопонимания и взаимовыгодного сотрудничества между государствами и не обладает наднациональными полномочиями.

За два года до принятия Устава СНГ Соглашением о координационных институтах СНГ от 21 декабря 1991 года была определена структура Содружества, согласно которой высшими ор-

ганами СНГ определялись Совет глав государств (СГГ) и Совет глав правительств (СГП). Эта структура позднее была закреплена также в Уставе СНГ.

Впоследствии, на основе подписанных в рамках СНГ документов были созданы другие органы сотрудничества, в частности Совет министров иностранных дел (СМИД), являющийся основным исполнительным органом, обеспечивающим сотрудничество во внешнеполитической деятельности государств – участников СНГ по вопросам, представляющим взаимный интерес, в период между заседаниями Совета глав государств, Совета глав правительств Содружества. Решением Совета министров иностранных дел был создан Совет постоянных полномочных представителей государств - участников Содружества при уставных и других органах Содружества, способствующий взаимодействию государств в период между заседаниями СГГ, СГП и СМИД.

Единым постоянно действующим исполнительным административным и координирующим органом СНГ, обеспечивающим организацию работы всех вышеперечисленных структур, является Исполнительный комитет СНГ штаб-квартира которого находится в г.Минске. Председательство в органах Содружества Независимых Государств осуществляется в соответствии с Решением Совета глав государств Содружества от 2 апреля 1999 года поочередно каждым государством-участником Содружества в лице его представителя на основе принципа ротации, на срок не более одного года. Предшествующий и последующий председатели органа Содружества являются его сопредседателями.

Основной правовой базой межгосударственных отношений в рамках Содружества являются многосторонние и двусторонние соглашения в различных областях взаимоотношений государств.

Началом нового этапа развития СНГ стало подписание 24 сентября 1993 года главами государств СНГ Договора о создании Экономического союза. В документе была заложена концепция трансформации хозяйственного взаимодействия в рамках Содружества Независимых Государств с учетом сложившихся в нем реалий. По сути, Договор стал международной юридической основой формирования системы интеграционного сотрудничества бывших советских республик.

В основе Договора легло понимание его участниками необходимости формирования общего экономического пространства, основанного на свободном перемещении товаров, услуг, рабочей силы, капиталов: выработки согласованной денежно-кредитной политики, сближения методов регулирования хозяйственной деятельности, создания благоприятных условий для развития пря-

мых производственных связей. Таким образом, СНГ обеспечило институционально-организационную и, в определенной степени, нормативно-правовую общность государств постсоветского пространства.

В течение короткого срока СНГ приобрёл определённые позиции и на международном уровне. 24 марта 1994 года Генеральная Ассамблея ООН предоставила Содружеству Независимых Государств статус наблюдателя в ООН (резолюция 48/237), а 3 августа 1994 года в соответствии со статьей 102 Устава ООН был зарегистрирован Секретариатом ООН Устав СНГ в качестве многостороннего международного соглашения. Тем самым Содружество Независимых Государств было признано региональной международной организацией и в качестве таковой принимает участие во всех крупных форумах, проводимых ООН и другими международными организациями.

### Состояние и перспективы деятельности

В этом году исполнится 20 лет со дня подписания Соглашения о создании Содружества независимых государств. По историческим меркам срок небольшой, но за этот короткий период в СНГ достигнуто многое. Налажены тесные и взаимовыгодные связи во всех областях жизнедеятельности государств-участников Содружества. Заложена хорошая база для дальнейшего развития их политических и торгово-экономических взаимоотношений. Успешно функционируют механизмы взаимодействия в сфере безопасности и гуманитарного сотрудничества.

Политическое взаимодействие в Содружестве осуществляется на разных уровнях и направлено на выработку согласованных подходов к решению актуальных вопросов региональной и мировой политики, представляющих взаимный интерес. Важнейшими направлениями сотрудничества в данной сфере являются сохранение региональной и глобальной безопасности, противодействие новым вызовам и угрозам, развитие и продвижение общепризнанных демократических норм и принципов.

Весомым является вклад государства – участников СНГ в деле построение мира, свободного от ядерного оружия, способствуют выработке международных решений об укреплении режима ядерного нераспространения, включая мирное ядерное сотрудничество, обеспечение поступательного разоруженческого процесса.

В этом направлении можно отметить заключение нового российско-американского Договора о мерах по дальнейшему сокра-

щению и ограничению стратегических наступательных вооружений, решение Республики Беларусь, Республики Казахстан и Украины вывести со своих территорий все ядерные вооружения и присоединиться к Договору о нераспространении ядерного оружия (ДНЯО) в качестве государств, не обладающих ядерным оружием, заключение Договора о зоне, свободной от ядерного оружия, в Центральной Азии.

В 2008 г. государства – участники Содружества сделали совместное заявление на Второй специальной сессии Конференции по рассмотрению действия Конвенции о запрещении химического оружия.

В рамках международной деятельности государства – участники СНГ активно выступают в рамках сессий Генеральной Ассамблеи ООН по различным жизненно важным вопросам и являются инициаторами принятия документов, отвечающих интересам стран Содружества и мирового сообщества, таких как резолюции о 65-й годовщине окончания Второй мировой войны, об укреплении международного сотрудничества и координации усилий в деле изучения, смягчения и минимизации последствий чернобыльской катастрофы, об улучшении усилий по борьбе с торговлей людьми, о провозглашении Международного дня во имя мира, свободного от ядерного оружия, Всемирного дня социальной справедливости и Международного дня гор, об объявлении 2005–2015 гг. Международным десятилетием действий «Вода для жизни» и др.

Расширяется взаимодействие Содружества с различными структурами международных организаций, в том числе ООН и ОБСЕ. В рамках этого взаимодействия приняты в 2004 г. Заявление глав государств – участников СНГ и Обращение государств – участников СНГ относительно положения дел в ОБСЕ, в которых подчеркивалась необходимость адаптации Организации к требованиям меняющегося мира.

Успешное председательство Республики Казахстан в 2010 г., завершившееся саммитом Организации, способствовало закреплению и развитию позитивных тенденций в деятельности ОБСЕ. Нахождение на посту председателя ОБСЕ государства – участника СНГ свидетельствует о повышении роли и значения Содружества в обеспечении региональной безопасности и стабильности.

Политическое взаимодействие регулярно осуществляется на уровне Совета глав государств, Совета министров иностранных дел СНГ, а также в ходе многоуровневых межмидовских консультаций. В 2007 г. возобновила деятельность Совместная консультативная комиссия по вопросам разоружения.

К успешным примерам политического сотрудничества государств – участников Содружества можно перечислять и деятельность Миссии наблюдателей от СНГ за выборами и референдумами, которая осуществила мониторинг 60 кампаний во всех государствах – участниках Содружества.

Заметное развитие за 20 лет существования Содружества получило взаимодействие по парламентской линии, важным инструментом которого является Межпарламентская Ассамблея государств – участников СНГ.

За это время МПА СНГ в рамках работы над гармонизацией и согласованием модельной законодательной базы Содружества, приняло более 300 модельных кодексов, законов, рекомендаций и других документов, направленных на сближение национальных законодательств государств – участников Содружества в различных сферах многостороннего сотрудничества на основе общепризнанных принципов и норм международного права.

Ассамблеей уделяется особое внимание вопросам развития демократии, обеспечения и защиты прав человека в государствах – участниках СНГ. Учреждён Международный институт мониторинга развития демократии парламентаризма и соблюдения избирательных прав граждан государств – участников МПА СНГ.

Развивается сотрудничество МПА СНГ на международной арене, в рамках которого заключены договоры о её сотрудничестве с 50 международными организациями.

Особое место в деятельности Содружества занимает экономическое сотрудничество стран-участниц. За два десятилетия в организации пройден путь от единого народнохозяйственного комплекса (1991 год) к совокупности взаимосвязанных экономик независимых государств.

За прошедший период наработана обширная международно-правовая база развития торгово-экономических отношений. Функционируют Экономический совет, Экономический Суд, Комиссия по экономическим вопросам при Экономическом совете СНГ. Активно работают 39 органов отраслевого сотрудничества СНГ, в работе ряда которых участвуют представители третьих стран.

Реализация Плана важнейших мероприятий, направленных на развитие и повышение эффективности взаимодействия государств – участников СНГ в экономической сфере в 2003–2010 гг., повысил уровень их сотрудничества. Содружество Независимых Государств в этот период стало одним из наиболее динамично развивающихся регионов.

На сегодняшний день основополагающим документом, нацеленным на поиск взаимоприемлемых решений всего спектра экономических проблем, является Стратегия экономического развития СНГ на период до 2020 г. Документ определяет приоритеты и перспективы дальнейшего социально-экономического развития прежде всего в сферах торговли, транспорта, инноваций и топливно-энергетический и агропромышленный комплексах.

Основные итоги выполнения первого этапа (2009–2011 гг.) Стратегии свидетельствуют о положительной динамике ее реализации. 19 октября 2011 года в г. Санкт-Петербурге в ходе заседания Совета Глав Правительств СНГ было принято решение о Плане мероприятий по реализации второго этапа (2012–2015 гг.) Стратегии.

В сфере энергетики созданы необходимые условия для формирования и функционирования общего электроэнергетического рынка СНГ, расширения торговли электрической энергией, повышения надежности электроснабжения в государствах – участниках СНГ. В 2009 г. была утверждена Концепция сотрудничества государств – участников СНГ в сфере энергетики. План первоочередных мероприятий по ее реализации охватывает все важнейшие направления топливно-энергетического комплекса, включая углеводородные ресурсы, электроэнергетику и энергосбережение.

Осуществлялась согласованная политика в сфере транспорта, направленная на развитие общих рынков транспортных услуг, повышение эффективности тарифной политики, обеспечение безопасности на транспорте. Подписано Соглашение о согласованном развитии международных транспортных коридоров, проходящих по территории государств – участников СНГ, формируется Координационный комитет транспортных коридоров СНГ, разработан проект Концепции стратегического развития железнодорожного транспорта.

Одним из важных направлений в экономической интеграции в аграрной сфере стало создание общего аграрного рынка СНГ, формирование которого осуществляется на основе рынков зерна, мясомолочной, плодоовощной продукции и картофеля. Объем производства продукции сельского хозяйства в среднем по странам СНГ за последние 10 лет возрос в 1,3 раза.

В рамках принятия совместных меры для обеспечения продовольственной безопасности, Решением Совета глав государств СНГ 2011 год был объявлен Годом повышения продовольственной безопасности.

Согласованная торговая политика, направленная на сокращение количества тарифных и нетарифных ограничений при импорте товаров, постепенная либерализация взаимной торговли способствовали существенному росту товарооборота, который только за 2000–2010 гг. вырос более чем в 3 раза.

В целях наращивания торгово-экономического сотрудничества в СНГ был разработан проект нового Договора о зоне свободной торговли с учетом норм и правил ВТО, который призван дать дополнительный импульс развитию взаимной торговли государств – участников СНГ и свободной конкуренции, росту национального производства и потенциала Содружества в целом. Этот договор был подписан в ходе заседания Совета Глав правительств СНГ 9 октября 2011 г., в г. Санкт-Петербурге.

Приоритетной задачей стран СНГ становится активизация сотрудничества в сфере инноваций, снижение энерго- и материалоемкости национальной экономики и повышение ее конкурентоспособности. В 2009 г. образован Межгосударственный совет по сотрудничеству в научно-технической и инновационной сферах. Утверждены Основные направления долгосрочного сотрудничества государств – участников СНГ в инновационной сфере.

Тесное гуманитарное сотрудничество государств-участниц СНГ определяется исторически сложившимися связями, тяготением народов стран СНГ к взаимному духовному обогащению, образовательному, культурному и научному обмену. Ведущее место в этом направлении принадлежит Совету по гуманитарному сотрудничеству, в рамках деятельности которого регулярно проводятся форумы творческой и научной интеллигенции государств – участников СНГ, годы по гуманитарной тематике.

Успешно работают отраслевые советы в области образования, науки, культуры, здравоохранения, туризма, по делам молодежи и др.

В области образования ведётся последовательная работа по формированию общего образовательное пространство, обеспечению равного доступа граждан в общеобразовательные учреждения, взаимному признанию и эквивалентности документов о среднем, начальном профессиональном и среднем профессиональном (специальном) образовании.

Налаживать и укреплять тесные контакты в научной сфере, призван учрежденный Совет по сотрудничеству в области фундаментальной науки. В рамках сотрудничества в научно-технической и инновационной сферах, в области фундаментальной науки и научно-технической информации в г. Дубне создан Международный инновационный центр нанотехнологий.

Созданы организационно-правовые предпосылки для решения вопросов трудовой миграции. В частности, принята Конвенция о правовом статусе трудящихся-мигрантов и членов их семей государств – участников СНГ, учрежден Консультативный Совет по труду, миграции и социальной защите населения.

Углублению разностороннего взаимодействия в рамках СНГ способствует формирование общего информационного пространства, создание и развитие совместных информационно-телекоммуникационных систем. Заметным шагом в этом направлении стало создание Ассоциации национальных информационных агентств государств – участников СНГ, а также активизация деятельности Межгосударственной телерадиокомпании «Мир».

В рамках Содружества обеспечению безопасности и противодействию организованной преступности в ее различных формах и проявлениях уделялось постоянное внимание. В целях эффективного и согласованного противодействия новым вызовам и угрозам приняты профильные целевые концепции и межгосударственные программы совместных мер борьбы с преступностью, международным терроризмом, незаконным оборотом наркотиков, незаконной миграцией и торговлей людьми.

Существенный вклад в такое взаимодействие вносят профильные органы отраслевого сотрудничества Содружества, а также Бюро по координации борьбы с организованной преступностью и иными опасными видами преступлений на территории государств – участников СНГ и Антитеррористический центр СНГ.

Сотрудничество государств – участников СНГ в сфере обороны способствовало решению проблем, связанных с формированием национальных вооруженных сил, развитию их взаимодействия по широкому спектру приоритетных направлений. Создана и развивается Объединенная система противовоздушной обороны государств – участников СНГ. Регулярно проводятся совместные учения «Боевое Содружество».

Подытоживая поступательное развитие Содружества Независимых Государств за последние 20 лет, можно констатировать, что оно подтвердило объективную необходимость взаимодействия в этом формате, которое основано на исторических предпосылках, стремлении народов государств-участников к сотрудничеству. Содружество эволюционирует в русле общемировых тенденций повышения роли региональных структур в международной политике и экономике.

Содружество содействовало решению сложнейших проблем, связанных с распадом СССР, способствовало становлению суверенных независимых государств, сохранению и дальнейшему развитию исторически сложившихся связей на постсоветском пространстве. Во многом благодаря Содружеству торгово-экономические отношения были переведены на рыночную основу, налажены постоянный политический диалог, сотрудничество в укреплении безопасности и стабильности, в гуманитарной сфере.

За этот период пройден сложный путь становления организации, включающий отказ от завышенных ожиданий, преодоление центробежных тенденций, поиск оптимальных форм сотрудничества, адаптацию его институтов и механизмов к потребностям многостороннего взаимодействия.

На сегодняшний день сформирована работоспособная система уставных и отраслевых органов, создана Межпарламентская Ассамблея. Закончена инвентаризация договорно-правовой базы, создан Единый реестр правовых актов Содружества, отработаны необходимые процедуры. Отлажен механизм наблюдения за выборами и референдумами.

Введение системы со-председательствования, практика проведения тематических годов в Содружестве, учреждение поста национальных координаторов, осуществляющих в своих государствах контроль за реализацией принятых документов, способствовали повышению эффективности Содружества. Мировой финансово-экономический кризис, последствия которого были преодолены совместными усилиями, подтвердил необходимость комплексного взаимодействия в формате СНГ.

Подписанный Главами правительств СНГ 19 октября 2011 г. в городе Санкт-Петербурге Договор о зоне свободной торговли, именуемый уже Санкт-Петербургским, открывает новые перспективы развития Содружества в решение важнейших задач по формированию и обеспечению функционированию режима свободной торговли на пространстве Содружества в соответствии с нормами и правилами Всемирной торговой организации, создание эффективных платежно-расчетных механизмов во взаимной торговле, организация в перспективе интегрированного валютного рынка, формирование межгосударственного инновационного пространства.

Особое внимание надо уделять сближению правовых и экономических условий функционирования хозяйствующих субъектов, формированию гармоничной нормативной базы, углу-

блению сотрудничества в области энергетики, формированию общего электроэнергетического рынка Содружества. Необходимо также, усилить работу по формированию сети межгосударственных транспортных коридоров, согласованной агропромышленной политики, механизмов реализации программ занятости и создания новых рабочих мест, укреплению связей в образовательной, научной, информационной и культурной и других областях.

В политической сфере предстоит на основе накопленного опыта продолжать развивать и углублять политический диалог, более активно использовать во взаимных интересах согласованные выступления на общепризнанных международных форумах по ключевым вопросам мировой политики.

Дальнейшее развитие и укрепление Содружества отвечает жизненным интересам народов государств – участников СНГ, их устремлениям к миру и процветанию.

## ТАДЖИКИСТАН – СНГ

Во внешнеполитической деятельности Республики Таджикистан Содружество Независимых Государств занимает особое место. Она, с первых дней образования СНГ принимает активное участие в работе всех её организационных структур, последовательно выступая за развитие и углубление интеграционных процессов в Содружестве, как на двусторонней, так и многосторонней основе.

Таджикистан, придавая особое значение дальнейшему укреплению доверительных и конструктивных взаимоотношений со всеми странами региона, всегда стремился к предметному сотрудничеству в рамках Содружества в целях скорейшего решения имеющихся проблем, обеспечения социально-экономической и политической стабильности на всем его пространстве.

Это стремление отразилось и в Концепции председательства Таджикистана в СНГ в 2011 г., которая была разработана и направлена в декабре 2010 года, направила всем государствам Содружества. Концепция предусматривает выполнение всех основополагающих документов, которые ранее были одобрены главами государств. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон на пресс-конференции по итогам саммита СНГ в Москве 10 декабря 2010 года отметил, что председательство республики в Содружестве будет исходить из принципа преемственности и развития интеграционных процессов на прагматической основе.

В рамках своего председательства Таджикистан первоочередное внимание уделял реализации концептуальных и стратегических целей развития Содружества, заложенных в принятых документах. Это концепция дальнейшего развития СНГ, принятая Советом глав государств Содружества в Душанбе 5 октября 2007 года, Стратегия экономического развития СНГ на период до 2020 года, План мероприятий, посвященных 20-летию образования Содружества, решение Совета глав государств СНГ об объявлении 2011 года Годом продовольственной безопасности, приоритетные мероприятия в сфере гуманитарного сотрудничества участников СНГ на 2011—2012 годы.

Основная работа была направлена на вопросы укрепления добрососедских отношений, расширения экономического сотрудничества, повышения значения СНГ как региональной организации, его эффективности и практического предназначения, развития сотрудничества в гуманитарной сфере и противодействия идеологии экстремизма, терроризма, нетерпимости и ксенофобии.

Были проведены мероприятия по подготовке и проведению в 2011 году Года повышения продовольственной безопасности в Содружестве Независимых Государств, целью которых является обеспечение за счет национального производства основными видами продовольствия всего населения при условии физической и экономической доступности продуктов питания в таком количестве и при том качестве, которые необходимы для сохранения и поддержания жизни и дееспособности человека.

Придавая исключительно важное значение этой проблеме, Главы правительств государств Содружества приняли Комплекс совместных мер по повышению продовольственной безопасности государств – участников СНГ, утвердили детально проработанную Концепцию повышения их продовольственной безопасности. В течение 2011 года решались вопросы, предусмотренные Планом мероприятий по реализации Стратегии экономического развития Содружества Независимых Государств на период до 2020 года, в том числе по развитию производственной базы агропромышленного комплекса и дальнейшей интеграции рынков основных видов сельскохозяйственной продукции. Сельскохозяйственные товаропроизводители государств Содружества приняли активное участие в межгосударственной выставке, посвященной 20-летию СНГ в конце мая и начало июля 2011 года в городе Москве.

В июне 2011 года в городе Душанбе на заседании XIV Совета по социальной политике и XXIV Совет по труду, миграции и социальной защиты государств-участников СНГ, рассмотрены вопросы, касающиеся ситуации в миграционной сфере в странах Содружества, состояния и перспектив сотрудничества.

Активизирована работа по оптимизации деятельности отраслевых органов. 16-18 июня 2011 года, в городе Душанбе проведено заседания XXIV Совета по сотрудничеству в области образования государств – участников Содружества Независимых Государств.

В период председательства Таджикистан вел свою работу в тесном контакте с партнерами по Содружеству и Исполкомом СНГ, которым был разработан План оказания содействия таджикскому председательству. Акцент делался на качественной проработке и подготовке документов, выносимых на заседания СГГ и СГП. Республика Таджикистан прилагал все усилия к тому, тому обеспечить максимальную возможность для предметного обсуждения наиболее актуальных для государств Содружества международных и региональных вопросов с выходом на взаимоприемлемые решения, отработать оптимальный алгоритм действий председательства с учетом возможностей, в рамках действующего «Положения о председательстве».

Результатом этой работы стал принятие на очередном заседании Глав правительств стран Содружества, который состоялся 18-19 октября 2011 года в Санкт-Петербурге, подписание 28 документов, в том числе Договора о зоне свободной торговли стран СНГ, Решение о Плане мероприятий по реализации второго этапа (2012-2015 гг.) Стратегии экономического развития стран СНГ до 2020 г., Решение о едином бюджете органов СНГ, документы, регламентирующие деятельность стран СНГ в сфере валютного регулирования, развития железнодорожного транспорта, инновационного и культурно-гуманитарного сотрудничества.

***Н.Зоҳидов,***
***Ш.Ҷононов***

# Назаре ба ташаккули пояҳои шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шартномаҳои байналмилалӣ асоси ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалиро фароҳам оварда, ба таъмини сулҳу субот ва амният, ҳамзистии миллатҳову кишварҳо ва инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ мутобиқи мақсад ва принсипҳои Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид мусоидат менамоянд. Шартномаҳои байналмилалӣ дар ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, дар таъмини манфиатҳои қонунии давлат нақши муҳим бар ӯҳда доранд.

Дар шароити кунунии вусъат ёфтани раванди ҷаҳонишавӣ, ки давлатҳо аз бисёр ҷиҳат бо ҳам алоқаманданд, нақш ва мақоми шартномаҳои байналмилалӣ чун василаи танзими муносибатҳои байнидавлатӣ рӯ ба афзоиш овардаанд, зеро ягон давлат наметавонад бе низоми ташаккулёфтаи муносибат бо дигар давлатҳо ҳастии худро таъмин намояд. Маҳз шартномаҳои байналмилалӣ имконият медиҳанд, ки низоми мураккаби муносибатҳои гуногунҷанба ба танзим дароварда шавад.

Аз ҷониби дигар, шартномаҳои байналмилалӣ омили муҳими ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ маҳсуб мешаванд. Зарур аст, ки ташаккул ва мавҷудияти низоми нави ҷаҳонӣ ҳам манфиатҳои давлатҳои гуногунро ҳамоҳанг ва созгор намояд ва ҳам барои кулли инсоният заминаҳои амну субот ва рушду нумӯро фароҳам биёварад. Маҳз дар ҳамин росто шартномаҳои байналмилалӣ ба ҳайси унсури ташаккулдиҳандаи низоми нави ҷаҳонӣ аҳамияти беш аз пешро касб мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз рӯзи арзи вуҷуд кардани худ ба ҳайси давлати соҳибистиқлол устуворона пой ба арсаи

муносибатҳои байналмилалӣ ва байнидавлатӣ гузошта, кӯшиш ба харҷ дод, ки муносибатҳои гуногунҷабҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангиашро бо кишварҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ дар заминаи шартномаҳои мутақобилан судманд ва ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллии кишвар роҳандозӣ намояд. Дар ин самт дар тӯли 20-соли Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои мухталифи ҷаҳон шартномаҳои гуногун ба имзо расонида, дар ташаккул ва такомули пояҳои шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои хеш бо ҷаҳони имрӯз ба тавфиқ даст ёфт. Дар натиҷа, имрӯз дар Тоҷикистон анъана ва таҷрибаи зарурӣ дар заминаи таҳия,ҳамоҳангсозӣ, имзо ва тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ фароҳам овардааст. Ин анъана ва таҷрибаи шартномавӣ амалан маҳсули татбиқи сиёсати "дарҳои кушод" аст, ки аз ҷониби Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби олӣ Эмомалӣ Раҳмон эълон шуда, мавриди истиқболи доираҳои сиёсии ҷаҳони имрӯз қарор гирифтааст.

Лозим ба таъкид аст, ки заминаи асосии ташаккул ва рушди пояҳои ҳуқуқиву шартномавии муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Моддаи 10-уми ин ҳуҷҷати сарнавиштсози миллат санадҳои байналмилалиро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисмати ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон дониста, дар сурати ихтилофи санадҳои ҳуқуқӣ бартарияти шартномаҳои байналмилалиро таъйид кардааст.

Моддаи мазкури Конститутсия бо Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид ва муқаррароти Конвенсияи Вена дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ (аз соли 1969) комилан мутобиқат дорад. Бояд таъкид кард, ки эътироф ва тасдиқи Конвенсияи мазкур аз ҷониби Тоҷикистон иқдоми муҳим ва заминасозе буд, ки омодагии давлати тозаистиқлоли тоҷиконро ҷиҳати пайвастан ба анҷумани давлатҳои мутамаддин ва роҳандозии муносибатҳои гуногунсамта бо онҳоро дар заминаи усулҳои эътирофгардидаи байналмилалӣ таъйид ва тасдиқ намуд.

Иқдоми дигари муҳиме, ки бар таҳким ва тақвияти пояҳои ҳуқуқиву шартномавии муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд, ин таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 11 декабри соли 1999 маҳсуб мешавад. Қонуни мазкур заминаҳои ҳуқуқии таҳия, ҳамоҳангкунӣ, имзо, тасдиқ ва иҷрои шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистонро ба тартиб ва танзим медарорад.

Қонуни мазкур ва санадҳои фавқуззикри байналмилаливу ватанӣ дар маҷмӯъ роҳро барои ташаккули пояҳои қарордодии

муносибатҳои хориҷии Тоҷикистон ҳамвор намудаанд. Дар натиҷа, бо такя ба ин пояи устувори ҳуқуқӣ Тоҷикистон дар тӯли 20-соли Истиқлолияти худ 1494 шартномаи байналмилалӣ ба имзо расонидааст, ки аз ин миқдор 747ададии он ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ, 554 адад ба кишварҳои минтақаи Осиё, 149 адад ба кишварҳои Аврупо, 30 адад ба мамлакатҳои минтақаи Америка ва 14-тои он ба қитъаи Африқо рост меояд (ниг. Нақшаи 1).

Ин рақамҳо бозгӯи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда,




*Нақшаи 1.*

дар айни замон қонунмандии ин сиёсатро низ ифода мекунанд. Чунончи, 50 дар сади шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ ба имзо расид, ки ин бесабаб нест. ИДМ созмонест, ки умумияти манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитарии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро ифода мекунад. Ин ҷумҳуриҳо дар тӯли беш аз 70 соли мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ дар фазои ягонаи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ қарор доштанд. Анъана ва суннатҳои ҳамзистӣ ва ҳамгироии қавмҳову миллатҳои гуногун, ки дар матну батни Иттиҳоди Шӯравӣ ташаккул ёфта буданд, пас аз заволи ин давлати абарқудрат аз байн нарафтанд ва заминае барои тамоюли аксари ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷониба дар доираи ИДМ эҷод намуданд. Аз ин ҷост, ки таҳкими равобит бо кишварҳои ИДМ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон ба шумор меравад ва қариб ними шартномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон дар тӯли 20-соли Истиқлолияти худ ба имзо расонидааст, ба кишварҳои ИДМ тааллуқ доранд. Албатта, абзори татбиқи созишномаву муоҳидаҳо ва самаранокии ҳамкориҳо дар доираи ИДМ хоҳони таҷдиди назар ва беҳбудии ҷиддӣ ҳастанд, вале зарурати рушди ҳамгироии иқтисодӣ, таъмини амнияту

субот ва тавсеаи беш аз пеши ҳамкориҳои маънавиву фарҳангӣ аз ҷониби аксари кишварҳои аъзои Иттиҳод таъйид гардидааст. Бино бар ин, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил минбаъд низ аз муҳимтарин созмонҳои минтақавӣ боқӣ мемонад, ки таҳкими равобити пурсамар ва такмили пояҳои қарордодии ҳамкориҳои гуногунсамта бо кишварҳои узви он ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ хоҳад буд.

Дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 747 адад шартномаи мавҷуда 233 адад ё 30%-и онро Тоҷикистон бо Федератсияи Россия ба имзо расонидааст, ки вусъати ҳамкориҳои мутақобилан судмандро миёни ин ду кишвар инъикос мекунанд (ниг. Нақшаи 2). Чунин мақоми афзалиятноки Федератсияи Россия дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол, албатта, решаҳои амиқи таърихиву сиёсии худро дорад ва ба таҷрибаи тӯлонии дӯстиву ҳамзистии халқҳои ин ду кишвар асос ёфтааст. Дар айни замон, теъдоди бузурги шартномаҳои басташуда ифодагари муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ миёни Тоҷикистон ва Россия аст. Бо вуҷуди он, ки чунин пояи қарордодии мусоид ва густардаи муносибатҳо миёни ду кишвар фароҳам омадааст, имкониятҳои азим ва номаҳдуди ҳамкорӣ байни Тоҷикистону Россия дар соҳоти мухталиф, бавижа дар бахшҳои иқтисод, гидроэнергетика ва сармоягузорӣ мавҷуд ҳастанд. Ба кор гирифтани ин имкониятҳо ва ноил шудан ба маҳсули беҳтари ҳамкориҳои пурвусъат тақозо мекунад, ки самаранокӣ ва натиҷамандии як идда аз шартномаҳои басташуда ба хотири татбиқи ҳадафҳои ҳамёрии стратегӣ мавриди назар ва тааммули ҷонибҳо қарор гиранд.

Дар миёни кишварҳои ИДМ Ҷумҳурии Ӯзбекистон пас аз Федератсияи Россия аз лиҳози теъдоди шартномаҳо бо Тоқикистон дар мақоми дувум қарор дорад. Тоҷикистон бо ин кишвари ҳамсоя то кунун 115 шартнома дар сатҳҳои мухталиф ба имзо расонидааст (ниг. Нақшаи 2), ки тамоми самтҳои муносибатҳои дуҷонибаро фаро мегирад. Миёни ин санадҳои ҳамкорӣ Аҳдномаи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ (аз 4 январи соли 1993) ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ (аз 15 июни соли 2000) хеле муҳим буда, муқаррароти онҳо ба муштаракоти зиёди таърихӣ, фарҳангӣ, динӣ ва риштаҳои ногусастании дӯстӣ миёни халқҳои тоҷику ӯзбек асос ёфтаанд. Лозим ба таъкид аст, ки пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар 10-15 соли аввали истиқлолияти ин ду кишвари ҳамсоя бо суръат ва вусъати беш аз пеш ташаккул ёфтааст, вале дар тӯли панҷ соли охир ҳаҷму мӯҳтавои робитаҳои дуҷониба

ба сабаби назарҳои мухталифе, ки кишварҳо дар масъалаи истифодаи самараноки захираҳои обу энергетикии минтақа доранд, нисбатан коҳиш ёфтааст. Зудтар паси сар кардани марҳилаи рукуд дар муносибатҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ва роҳандозии ҳамкориҳои фарогир, аз ҷумла дар ҳалли масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои обу энергетикии минтақа, тақозои давру замон ва талаби суннатҳои таърихии дӯстиву бародарии халқҳои халқҳои тоҷику ӯзбек мебошад. Омодагии ҷониби Тоҷикистон ба ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсбарангези муносибатҳои дуҷониба бо назардоршти манфиатҳои миллии кишвар борҳо аз ҷониби Сарвари давлати Тоҷикистон изҳор шудааст. Истиқбол аз ин мавқеи созанда метавонад муносибатҳои ду кишвари дӯсту бародарро ба раванди табиии рушду тараққӣ баргардонад, ки он бешубҳа, посухгӯи ормонҳои мардуми Тоҷикистону Ӯзбекистон аст. Аз ин ҷост, ки такмили заминаҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Ӯзбекистон бо маҷмӯи санадҳои тафоҳум ва ҳамкорӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои истифодаи самараноки захираҳои обу энергетика минтақа аз вазифаҳои мубрами рӯз маҳсуб мешавад.

Дар тӯли 20 соли Истиқлолияти Тоҷикистон бо яке аз шариконни стратегии худ – Ҷумҳурии Қазоқистон 87 санади ҳамкорӣ ба имзо расонидааст (ниг. Нақшаи 2), ки, бешубҳа, заминаи қарордодиву ҳуқуқии устувор ва мустаҳкам барои рушди пурвусъати муносибатҳои дуҷониба дар сатҳи мухталиф ба шумор меравад. Ба шарофати ҳамин заминаи қарордодиву ҳуқуқӣ аст, ки муносибатҳои пурсамар миёни ду кишвар дар ҳоли рушди мунтазам ва




*Нақшаи 2.*

густурда қарор доранд, Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатӣ ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон таъсис ёфтаанд, Фонди сармояҳои мустақими Қазоқистону Тоҷикистон амал мекунад. Ин ниҳодҳо чун омилҳои ташкимбахши муносибатҳои дуҷониба ба татбиқи пурсамари Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳои байни ду кишвар, амалӣ гаштани барномаи ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Тоҷикистону Қазоқистон ва шартномаҳои дигари дуҷониба мусоидат мекунанд.

Солнома ва динамикаи ташаккули заминаи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон худ далели рушди устувор ва афзоишёбандаи ин муносибатҳо буда, аз дурнамои нек ва густариши минбаъдаи беш аз пеши онҳо дарак медиҳанд.

Тоҷикистон то кунун бо Ҷумҳурии Қирғизистон 76 санад ва бо Туркманистон 47 санади ҳамкорӣ ба имзо расонидааст (ниг. Нақшаи 2) ва бо такя ба онҳо метавонад самтҳо ва мӯҳтавои ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо ин ду кишвари дӯст тақвият бубахшад. Теъдоди нисбатан камтари санадҳои ҳамкорӣ бо Туркманистон дар қиёс бо соири кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳеҷ ваҷҳ аз маҳдуд будани робитаҳои гуногунсамтаи дуҷониба дар марҳилаи кунунӣ дарак намедиҳад. Баръакс, дар чанд соли охир муносибатҳои ду кишвар дар сатҳҳои гуногун нисбат ба марҳилаи қаблӣ ба маротиб афзоиш ёфта, доираи ҳамкориҳо вусъати беш аз пеш касб карда истодааст. Фузун бар ин, майлу иродаи ҷонибҳо ба таҳкими равобити мутақобилан судманд низ заминае мусоид барои такмилу тавсеаи пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистону Туркманистон дар ояндаи наздик фароҳам меоварад.

Дар маҷмӯъ, заминаи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон бо чор кишвари Осиёи Марказӣ то кунун 385 санади ҳамкории байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравиро дар бар мегирад. Ин теъдод аз таваҷҷӯҳи Тоҷикистон ба рушди муносибатҳои неки ҳамҷаворӣ бо кишварҳои минтақа паём мерасонад. Дарвоқеъ, халқҳои минтақаи Осиёи Марказиро умумиятҳои зиёди таърихӣ, табииву ҷуғрофӣ ва муштараки фарҳангиву маънавӣ ба ҳам мепайвандад. Ҳамин пайванди манфиатҳои умумӣ тақозо дорад, ки раванди ҳамгироӣ дар минтақа беш аз пеш тақвият ёбад. Ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар замони ҳассоси байналмилалӣ ба нафъи ҳар як кишвари минтақа буда, имкон медиҳад, ки онҳо дар баробари хатарҳо ва чолишҳои замони муосир осебпазир набошанд. Бо дарки ин нукта, Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали истиқлолияти хеш манфиат-

дори равандҳои ҳамгироӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ буд ва теъдоди зиёди санадҳои ҳамкорӣ, ки бо кишварҳои минтақа ба имзо расонидааст, далели боризи майлу иродаи сиёсии вай ба таҳкими раванди ҳамгироии минтақавӣ аст.

Дар доираи ИДМ дар баробари Федератсияи Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Украина ва Беларус робитаҳои дуҷонибаи самаранокро роҳандозӣ кардааст. 73 санади ҳамкорӣ бо Украина ва 56 санади дуҷониба бо Беларус пояҳои устувори қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистонро бо кишварҳои мазкур фароҳам овардаанд. Бо назардошти иқтидорҳои саноатӣ ва техникии Украина ва Беларус қисмати бештари шартномаҳое, ки бо ин кишварҳо ба имзо расидаанд, ҳадафи густариши ҳамкориҳоро дар бахши таъмини Тоҷикистон бо техникаву таҷҳизотҳои саноатӣ, энергетикӣ ва кишоварзӣ пайгирӣ мекунанд.

Ташаккули пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон бо Арманистон (27 санад), Озарбойҷон (25 санад) ва Молдова (16 санад) дар асоси ниёзҳои мавҷуда сурат гирифта, мавҷудияти имконот ва захираҳоро баҳри густариши минбаъдаи муносибатҳо бо кишварҳои мазкур бозгӯ мекунад.

Тоҷикистон ба ҳайси кишваре, ки дар қитъаи Осиё мавқеият дорад, ба рушди муносибатҳо бо кишварҳои ин қитъаи бузурги ҷаҳони муосир таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад. Ин таваҷҷӯҳро 554 адад санадҳои ҳамкории дуҷониба бо кишварҳои алоҳидаи қитъаи Осиё ба исбот мерасонад (ниг. Нақшаи 1). Мусаллам аст, ки қитъаи Осиё теъдоди бузурги кишварҳои хурду бузургро, ки аз лиҳози рушди иқтисодӣ, дину ойин, фарҳангу тамаддун, мавқеи геополитикӣ ва шароити табииву иқтисодӣ гуногун ҳастанд, фаро мегирад. Роҳандозии муносибатҳои дуҷониба ва ташаккул додани пояҳои қарордодиву ҳуқуқии робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои қитъаи Осиё дар асоси омилҳои мушаххас, аз қабили алоқамандии тарафайн, муайян кардани самтҳои ҳамкорӣ, мавҷудияти манфиатҳои иқтисодӣ ва ниёзҳои воқеӣ сурат мегиранд. Бо назардошти омилҳои мазкур ва ташаккули пояҳои қарордодиву ҳуқуқӣ дар робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё метавон чанд самтро ташхис дод, ки бар умумиятҳои гуногун асос ёфтаанд.

Самти аввал ва мусмир – ин ҳамкориҳо бо кишварҳои форсизабони Эрон ва Афғонистон аст, ки муносибатҳои ҳамкориву дӯстии Тоҷикистон бо онҳо ба умумиятҳои сарнавишти таърихӣ, муштаракоти забонӣ, фарҳангӣ ва динӣ бунёд ёфтаанд. Ҳамин умумиятҳо боис гаштанд, ки муносибатҳои Тоҷикистон бо

Ҷумҳурии Исломии Эрон аз рӯзҳои нахустини Истиқлолият дар самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмиву фарҳангӣ ва маориф бо густардагии тамом роҳандозӣ шаванд. Бо рушди робитаҳои иқтисодиву тиҷоратии дуҷониба нақши Эрон дар татбиқи лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ ва сармоягузорӣ торафт густариш меёбанд. Далели боризи ин матлаб 140 санади ҳамкорӣ аст, ки миёни ду кишвар дар сатҳҳои мухталиф ба имзо расидаааанд (ниг. Нақшаи 3). Лозим ба таъкид аст, ки аз лиҳози теъдоди санадҳои дуҷонибаи баимзорасида Ҷумҳурии Исломии Эрон пас аз Федератсияи Россия дар миёни ҳамёрони Тоҷикистон мақоми дуввумро ҷойгузин аст.

Пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишвари дигари ҳамфарҳангу ҳамзабон ва ҳамсояву ҳамёр-Афғонистон 66 санади ҳамкориро дар бар мегирад. Дар миёни ин санадҳо Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни ду кишвар, ҳамчунин созишномаҳои ҳамкорӣ




*Нақшаи 3.*

дар соҳаҳои энергетика, маориф, фарҳанг, илму техника, нақлиёт ва интиқоли транзитии мусофирон ва борҳо, мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ ва ҷиноёти муташаккилонаи фаромиллӣ ва ғайра барои рушди муносибатҳои дуҷониба муҳим арзёбӣ мешаванд. Тоҷикистон бино бар қаробатҳои таърихӣ ва фарҳангӣ бо Афғонистон, аз як тараф, ва мавҷудияти тӯлонитарин хати сарҳад бо ин кишвар дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз тарафи дигар, беш аз соири давлатҳои минтақа ва ҷаҳон ба истиқрори сулҳу субот ва амният дар ин сарзамини ҷангзада манфиатдор аст. Ағлаби лоиҳаҳои энергетикӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ, ки Тоҷикистон онҳоро амалӣ карданист, дар баробари ба манфиатҳои миллии кишвар хидмат карданашон ҳамчунин ба рушди иқтисоди Афғонистон ва истифодаи имкониятҳои транзитии ин кишвар нигаронида шудаанд.

Бо таҳкими суботу амният дар Афғонистон дарояндаи наздик имконоти бештаре ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои мутақобилан судманд (аз қабили хати баландшиддати интиқоли барқи CASA-1000, бунёди пулҳо, роҳҳои мошингард ва оҳан, сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва ғайра) фароҳам меоянд ва на танҳо мӯҳтаво ва зарфияти муносибатҳои дуҷониба тақвият пайдо мекунанд, балки теъдоди санадҳои ташаккулдиҳандаи пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳо байни ду кишвари дӯст ба маротиб афзоиш хоҳад ёфт.

Самти дигари муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ин ташаккули ҳамкориҳои судманд бо кишварҳои абарқудрати Осиёи Ҷанубӣ - Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҳиндустон маҳсуб мешавад. Ин самти муносибатҳои Тоҷикистон ҳадафи густариши ҳамкорихои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҷалби сармояи кишварҳои мазкурро ба иғтисоди ҷумҳурӣ пайгирӣ мекунад. Тавофуқи ин ҳадаф бо кӯшиши кишварҳои абарқудрат ҷиҳати таъмини ҳузур ва нуфузи худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ густариши ҳамкориҳои судманди дуҷонибаро ба бор овард.

Рушди муносибатҳои иқтисодӣ хоссатан бо Ҷумҳурии Халқии Хитой алҳол суръат ва вусъати беназир касб карда, ба пояи мӯътамади қарордодиву ҳуқуқӣ, ки 105 созишномаи ҳамкориро шомил аст, такя мекунад. Яке аз мухтассоти санадҳои ҳамкории дуҷониба миёни Тоҷикистон ва Хитой дар он зоҳир мешавад, ки онҳо ба таври фаъол ва муваффақона татбиқ мешаванд ва робитаҳои мухталифро аз энергетикаву коммуникатсия ва сохтмон то саноати сабуку кишоварзӣ дар бар мегиранд. Аз ин ҷост, ки Хитой имрӯз ба яке аз сармоягузорони асосӣ ба иқтисоди

Тоҷикистон табдил ёфта, иштирокаш дар татбиқи лоиҳаҳои барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаётан муҳим тавсиаи беш аз пеш меёбад.

Пояи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Ҳиндустон алҳол 45 санади ҳамкорӣ ба танзим медоранд (ниг. Нақшаи 3). Бо такя бар ин санадҳо ҳамкориҳои Тоҷикистон бо {индустон дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла ҳарбӣ, гидроэнергетика сохтмон, бозомӯзии кадрҳо ва ғайра бо муваффақият идома доранд. Бо вуҷуди ин ва бо назардошти имконоти бузурге, ки ин кишвари абарқудрати Осиё доро аст, захираҳои то кунун истифоданашуда дар ҳамкориҳои судманди иқтисодии дуҷониба мавҷуданд. Ба кор гирифтани ин захираҳо барои эҷоди навъе таносуб ва тавозун дар ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои абарқудрати Осиё муҳим арзёбӣ мешавад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо Туркия ва Покистон ба заминаҳои устувори қарордодиву ҳуқуқӣ такя мекунанд. 51 санади ҳамкорӣ бо Туркия ва 30 санади дуҷониба бо Покистон аз ҷониби Тоҷикистон то кунун ба имзо расидаанд (ниг. Нақшаи 3), ки зарфиятҳои равобити мутақобилан судмандро бо кишварҳои мазкур бозтобӣ мекунанд.

Самти мусмир ва ояндадори муносибатҳои Тоҷикистонро ҳамкориҳои ташаккулёбанда бо кишварҳои минтақаи Осиёву уқёнуси Ором фароҳам меоваранд. Тоҷикистон ба баъзе кишварҳои минтақаи мазкур, аз қабили Ҷопон, ҳамкориҳои пурвусъатро ба роҳ мондааст. 28 санади танзимкунандаи равобити дуҷониба, ки бо Ҷопон ба имзо расидаанд, самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон будани рушди ҳамкориҳо бо ин кишварро таъйид мекунанд.

Заминаҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳо бо соири кишварҳои минтақа, аз қабили Корея, Ветнам, Таиланд, Индонезия, Малайзия, Сингапур ва ғайра, дар ҳоли ташаккул қарор доранд. Аксари кишварҳои минтақаи мазкур ҳамагӣ чанд даҳсола пештар қадам ба ҷодаи рушду тараққӣ гузошта, дар як фосилаи кӯтоҳ ба комёбиҳои бузурги иқтисодиву тиҷоратӣ ноил гаштанд. Тоҷикистон бо манфиатдорӣ ба омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи рушди кишварҳои мазкур, тамосу робитаҳои гуногунсатҳи худро бо онҳо тадриҷан инкишоф дода истодааст, ки ин амр дарояндаи наздик бояд ба фароҳам омадани пояҳои қарордодиву ҳуқуқии ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо ин кишварҳо мусоидат намояд.

Самти дигари муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ҳамкориҳо бо кишварҳои арабӣ, аз қабили Қатар (4 санад), Кувайт (5 санад), Амороти муттаҳидаи Араб (10 санад), Сурия (11 санад), Арабистони Саудӣ (3 санад), Салтанати Уммон (1 санад), Яман (6 санад) ва ғайра маҳсуб мешавад (ниг. Нақшаи 3). Ба қатори ин кишварҳо давлатҳои арабии кисмати шимолии қитъаи Африка, мисли Ҷумҳурии Мисри Араб (10 санад), Алҷазоир (4 санад) ва ғайраро бояд афзуд (ниг. Нақшаи 6).

Чунон ки аён аст, пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои олами араб теъдоди нисбатан маҳдуди шартномаҳои ҳамкориро дар бар мегиранд. Сабаби ин ҳолат пеш аз ҳама вазъи ноамни сиёсӣ ва ҳаёти нобасомони иқтисодии кишвар дар чанд соли аввали Истиқлолият буд. Бо таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ ва суботи иқтисодӣ имконот ба роҳандозии робитаҳо бо олами араб ва ҷалби сармояи давлатҳои қудратманди арабӣ ба иқтисоди Тоҷикистон рӯ ба фузунӣ овардаанд. Дар ин росто ҷонибҳо бо арҷгузорӣ ба умумияти дину ойин ва пайвандҳои таърихии худ, бо такя ба майлу иродаи мутақобил дар рушди ҳамкориҳои судманд ва такмили бемайлони заминаи ҳуқуқии онҳо бояд дар оянда ба наздик ба тавфиқ даст ёбанд.




*Нақшаи 4.*

Таҳкими робитаҳои гуногунҷанба бо кишварҳои Аврупо аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, зеро вуруд ба Аврупо ва роҳандозии муносибатҳои дуҷониба бо давлатҳои тараққикардаи ин минтақа далели омодагии Тоҷикистон ба истиқбол аз равандҳои де-

мократии ҷаҳони муосир, далели таъйиди ҳамбастагии кишвар бо тамаддуни умумибашарӣ маҳсуб мешавад. Аз ҷониби дигар, кишварҳои мутараққии Аврупои Ғарбӣ имконоти фаровоне ҷиҳати кӯмак ва сармоягузорӣ ба иқтисоди Тоҷикистон доранд, ки ба кор гирифтани онҳо ба рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар метавонад мусоидат намояд. Манфиатдории Тоҷикистон ба роҳандозии ҳамкориҳо бо кишварҳои Аврупо аз ҷониби аксари кулли онҳо дастгирӣ пайдо кард ва нахустин санадҳои ҳамкориҳои дуҷониба таҳия ва ба имзо расиданд. Имрӯз заминаи қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ 149 созишномаи ҳамкории дуҷонибаро дар бар мегирад (ниг. Нақшаҳои 1 ва 4).

Дар миёни ҳамёрони Тоҷикистон дар Аврупо аз лиҳози теъдоди санадҳои ба имзорасида давлатҳои Олмон (43 санад), Полша(15 санад), Фаронса (11 санад), Швейтсария (8 санад), Маҷористон (8 санад) ва Латвия (8 санад) мақоми пешсафиро соҳибанд. Раванди ташаккули пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои дигари Аврупо низ шурӯъ шуда ва бо ҳар яке аз онҳо аз 1 то 5 санади ҳамкории дуҷониба ба имзо расидааст (ниг. Нақшаи 4). Албатта, ин теъдод дар қиёс бо шумораи созишномаҳои дуҷониба бо кишварҳои ИДМ ё Осиё нисбатан кам ба назар мерасад. Бо эътирофи имконот ва захираҳо барои таҳкими минбаъдаи пояҳои қарордодии муносибатҳои дуҷониба дар ин самт, бояд таъкид кард, ки кишварҳои Аврупои Ғарбӣ беш аз ҳар минтақаи дигари олам ба ҳамбастагӣ ва ваҳдати сиёсиву иқтисодӣ рӯй овардаанд ва ағлаби иқдомҳои онҳо, аз ҷумла дар самти ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ бо Тоҷикистон низ, дар доираи барномаҳои Иттиҳоди Аврупо, ки мазҳари ваҳдату ҳамбастагии кишварҳои мазкур аст, сурат мегиранд. Аз ин ҷост, ки кишварҳое, мисли Британияи Кабир, Норвегия ва ғайра бо Тоҷикистон ҳамкориҳои нисбатан фаъол доранд, вале чун ин ҳамкориҳо аксаран тавассути Иттиҳоди Аврупо ва ё Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ё Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ амалӣ мешаванд, дар пояҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои мазкур нақши худро нагузоштаанд. Интизор меравад, ки бо рушди минбаъдаи иқтисоди Тоҷикистон ҳамкориҳои он бо кишварҳои Аврупо аз доираи кӯмакҳо ва татбиқи барномаҳои дастаҷамъӣ ба сӯи тақвияти равобити дуҷониба тамоюл хоҳад кард, ки ин амр, бидуни тардид, ташаккули заминаҳои қарордодии муносибатҳои мутақобилан судмандро дар ояндаи наздик суръат ва вусъати лозим мебахшад.




*Нақшаи 5.*

Тоҷикистон бо кишвари абарқудрати ҷаҳон - Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ҳамкориҳои судмандро дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, ҳарбию техникӣ, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, маорифу тандурустӣ ва ҳифзи сарҳад ба роҳ мондааст, ки онҳоро 27 санади дуҷонибаи баимзорасида ба танзим медароранд (ниг. Нақшаи 5). Чунин заминаи қарордодиву ҳуқуқӣ ба рушди самараноки муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Амрико мусоидат хоҳад кард. Гузашта аз ин, ҳамсоя ва ҳамёри содиқи Афғонистон будани Тоҷикистон ва нақши фаъоли Амрико дар ин кишвари ҷангзада ба ҳайси омили дигаре барои ҳамкориҳои тарафайн дар бахшҳои низомӣ, ҳифзи сарҳадот, мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва терроризм, татбиқи лоиҳаҳои коммуникатсионӣ ва гидроэнергетикӣ бояд хидмат кунанд.

Аз миёни кишварҳои дигари қитъаи Амрико Тоҷикистон бо Куба 3 созишномаи ҳамкории байналмилалӣ ба имзо расонида ва ба ташаккули заминаҳои қарордодиву ҳуқуқии муносибатҳои хеш ба ин кишвар оғоз ниҳодааст. Муносибатҳои Тоҷикистон бо соири кишварҳои қитъаи Амрико дар доираи созмонҳои байналмилалӣ сурат гирифтаанд, вале роҳандозии ҳамкориҳои мустақим дар заминаи созишномаҳои дуҷонибаи байналмилалӣ ба иқдомҳои минбаъдаи Тоҷикистон ва кишварҳои алоқаманди ин қитъа ниёзманд аст.

Айни ҳамин ҳолат ба роҳандозии муносибатҳои дуҷонибаи самаранок бо кишварҳои қитъаи Африқо низ хос аст. Дар ин

қитъаи паҳновари ҷаҳон Тоҷикистон алҳол бо ду кишвари арабӣ - Ҷумҳурии Мисри Араб ва Ҷумҳурии Халқӣ- Демократии Алҷазоир созишномаҳои дуҷониба ба имзо расонидааст (ниг. Нақшаи 6). Ҷиҳати роҳандозии равобити дуҷониба бо соири кишварҳои Африқо зарур аст, ки самтҳои судманди ҳамкорӣ, ниёзҳои воқеӣ ва алоқамандии тарафайн муайян карда шаванд. Ин вазифаи минбаъдаи сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол аст, ки бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар ва бар асоси прагматизми иқтисодӣ ҳаллу фасли худро бояд пайдо кунад.

Созишномаҳои дуҷонибаи байналмилалӣ, ки Тоҷикистон бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба имзо расонидааст, аз лиҳози тааллуқашон ба соҳаҳо чунин тасниф мешаванд:

1. *Народная газета,№17(19519),20 апреля 2006г.*
2. *Таджики мудрый народ.//. «Бизнес и политика», 2011.-№40(300), 6 октября 2011 г. или www.gazeta-bip.net.*
3. *Внешняя политика Российской Федерации. 1992-1999.Учебное пособие.- М.:РОССПЭН,2000,-С.112.*
4. *«К нам не прислушались вовремя…».Ответы на вопросы «Независимой газеты»,14 мая 2002года.*

*См.: Э.Рахмонов. Тысяча лет в одну жизнь(Сборник выступлений. речей, интервью и статьей).Душанбе, «Ирфон», 2003.С.507-508.*

5. *Амал (Деловой мир),16-18 августа 2006г.*
6. *Абдулатипов Рамазан. Мой таджикский народ. Москва-Душанбе-2011.*

*Ф. Розиков*

# Межгосударственные отношения Республики Таджикистан и Российской Федерации в 90-х годах XX в.

В новых исторических условиях становления Таджикистана как суверенного государства Российская Федерация одной из первых поддерживала все самостоятельные инициативы и начинания суверенной республики. Признание суверенитета Таджикистана 8 апреля 1992 года, оказание ему практической помощи, поддержка его политики на международной арене были первыми мерами, предпринятыми Российской Федерацией в сложных условиях переходного периода, переживаемого нашей республикой, преодоления ею сложнейших внутригосударственных противоречий.

Установление межгосударственных отношений через заключение многочисленных договоров и соглашений, практическая их реализация, а также взаимная поддержка друг друга во всех международных организациях через СНГ, других региональных организаций, а главное – политическое, военное и экономическое сотрудничество за истекший период превратили Российскую Федерацию и Республику Таджикистан в весьма близких стратегических союзников и партнеров.

Межгосударственные отношения Республики Таджикистан и Российской Федерации основываются на Договоре о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи, подписанном 25 мая 1993 года в Москве.[1]

Этот документ положил начало подведению прочной юридической базы под таджикско-российские отношения и стимулировал дальнейшее развитие таджикско-российских отношений.

Таджикско-российское сотрудничество в первом периоде несмотря на тяжелые условия межтаджикского конфликта разви-

валось многогранно и охватывало практически все сферы жизни: политику, экономику, торговлю, военно-техническую, гуманитарную, финансово-кредитную, топливно-энергетическую, промышленность и производственную кооперацию, гражданскую оборону и помощь при чрезвычайных ситуациях и т.д. Таджикско-российское сотрудничество развивалось не только на двусторонней основе, но и в рамках СНГ. По большинству кардинальных международных проблем, а также по интеграционным процессам в рамках Содружества существовала близость или полное совпадение позиций наших стран.

1992 – 1997 годы были периодом официального признания РФ суверенитета РТ, её поддержки и практической политической, военной и экономической помощи нашей республике в мирном решении межтаджикского конфликта и установлении мира на таджикской земле. В эти годы между нашими странами заключены более 140 разных договоров и соглашений. [2] Российская Федерация оказала помощь Республике Таджикистан в развязке внутреннего кризиса, организовала присутствие в Таджикистане ограниченного контингента вооруженных сил, коллективных миротворческих сил, выступила инициатором организации межтаджикского диалога, приняв в нем активное участие. Она поддержала все усилия и инициативы Правительства Республики Таджикистан на международном уровне, в результате чего ООН создала в республике международные организации. [3] Известно, что без реальной помощи России межтаджикский конфликт ещё долго не нашёл бы своего решения.

Значительное продвижение по укреплению интеграционных процессов началось с зимы 1995-1996 годов, когда было принято решение о присоединении Республики Таджикистан к Таможенному Союзу. Так, в мае 1996 г. были подготовлены все документы по торгово-экономическому сотрудничеству между Российской Федерацией и Республикой Таджикистан, также был принят ряд важных договоренностей в рамках работы российско-таджикской комиссии по развитию торгово-экономического сотрудничества.

31 мая 1996 г. состоялась встреча заместителя Председателя Правительства Российской Федерации А. Большанова и Премьер-министра Республики Таджикистан Я. Азимова, на которой обсуждались проблемы формирования доходной части бюджета Республики Таджикистан, возврата кредитов, обеспечение зерном.[4]

Актом особых отношений с Россией является соглашение о двойном гражданстве, подписанное как со стороны Республики Таджикистан, так и со стороны Российской Федерации. Введение института двойного гражданства безусловно способствовало более тесному интегрированию двух государств, решению и укреплению их связей и сотрудничества.

В ходе визита Президента Э. Рахмонова в Москву 9 августа 1996 г. Президент Республики Таджикистан встретился с Президентом Российской Федерации Б. Ельциным, где была подтверждена твердая поддержка российского политического руководства усилиям Президента Таджикистана по установлению мира, вывода страны из тяжёлого социально-экономического положения, осуществления демократических экономических реформ.[5]

Реальным успехом многосторонних мер по предотвращению межтаджикского конфликта и, прежде всего, результатом усилий Российской Федерации как страны – гаранта в урегулировании гражданского противостояния в Таджикистане стало подписание Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане 27 июня 1997 года в Москве.[6] Этот документ был необходим для развязки всех других противоречий в общественно- политической жизни республики и для движения таджикского общества к строительству нового общества.

В 90-х годах XX столетия в республику регулярно поставлялись учебники, художественная литература, школьные принадлежности, здесь проводились различные выставки достижений науки, техники, культуры, взаимообмен концертных бригад, дни литературы и культуры; определенное количество таджикской молодежи обучалось и продолжают учиться в вузах РФ. В анализируемом периоде только в военных училищах и вузах обучались свыше 400 представителей таджикской молодежи.[7] Российские и таджикские солдаты и офицеры совместно охраняли южные границы СНГ, военные специалисты обучали солдат и офицеров Республики Таджикистан.

Успехи становления мирового процесса в Таджикистане послужили стимулом дальнейшего интенсивного развития российско-таджикских взаимоотношений, поскольку для обеих стран предстояло решение не менее сложной конфликтной задачи, проходящей по линии границы СНГ. Дальнейший процесс эволюции российско-таджикских международных отношений, вопросы экономического сотрудничества всегда находились в поле зрения руководителей обоих государств.

В самом конце 1997 года состоялся визит в Республику Таджикистан Председателя Правительства Российской Федерации В.С. Черномырдина. Центральное место в этих переговорах заняли вопросы торгово-экономического сотрудничества двух стран, где отмечалось, что динамика его развития с обеих сторон желает лучшего.

В ходе обстоятельных переговоров президента Рахмонова Э.Ш. премьер-министра Я. Азимова с В.С. Черномырдиным было подтверждено стремление обеих сторон и дальше расширять и углублять многоплановое сотрудничество в рамках стратегического партнерства.

По ходу данных переговоров были обсуждены вопросы возможности сотрудничества на взаимовыгодных основах в области развития гидроэнергетики, горнодобывающей промышленности, добычи и переработки минеральных ресурсов, по вопросам транспорта, связи и сельского хозяйства. Было признано необходимым и дальше ускорить реализацию имеющихся договоренностей и принять дополнительные меры по поддержке и стимулированию взаимной торговли, в том числе, по линии прямых связей с федеральными округами РФ и областями Таджикистана. Была подтверждена и заинтересованность в сотрудничестве между оборонными отраслями в военной, военно-технической сферах и в области охраны государственной границы, имея в виду, главным образом, обеспечение интересов безопасности в центрально-азиатском регионе.

В ходе переговоров вновь были обсуждены вопросы гуманитарного характера. В частности, вопросы расширения связей в области информации, культуры, науки и в сфере образования, включая обеспечение Российско-Таджикского (Славянского) Университета и русских школ и лицеев учебно-методической, научной и художественной литературой.[8]

В.С. Черномырдин лишний раз подтвердил, что Россия поддерживает вступление Таджикистана в Таможенный союз, создание в республике Российско-Таджикского фонда экономического и социального партнерства.

По итогам этого визита были подписаны новые важные межгосударственные документы – соглашения по двустороннему взаимовыгодному сотрудничеству. В частности, Соглашения о

сотрудничестве в деле обмена информацией в области борьбы с нарушениями налогового законодательства, о сотрудничестве в области гражданской обороны, предупреждения и ликвидация чрезвычайных ситуаций, отдельная Программа сотрудничества между МИД Республики Таджикистан и МИД Российской Федерации на 1997 год, Соглашения между Министерством обороны Таджикистана и России на 1997 год, Соглашения между Государственной акционерной холдинговой компанией «Барки Точик» и РАО ЕЭС РФ.

В ходе встречи В.С. Черномырдина с Президентом Э.Ш. Рахмоновым стороны высказались за активизацию скоординированных международных усилий под эгидой ООН с целью прекращения кровопролития на афганской земле и дальнейшего повышения уровня сотрудничества в рамках СНГ и т.д. Поэтому данный визит по масштабам поставленных для решения задач был одним из центральных во взаимоотношениях Российской Федерации и Республики Таджикистан.

В конце декабря 1997 года в Таджикистане находился председатель законодательного собрания Российской Федерации Г.Н. Селезнев. Подписанное по итогам этого визита соглашение о сотрудничестве между Государственной Думой РФ и Маджлиси Оли РТ стало логическим продолжением процесса расширения и углубления таджикско-российских отношений на уровне межправительственных связей. В ходе этого визита Г.Н. Селезнев посетил Российско-Таджикский (Славянский) университет, где встретился с научно-педагогическим коллективом и студентами университета.[9]

В конце 1997 г. правительство РТ в целях дальнейшего расширения взаимовыгодных связей заключил договора с правительствами ряда федеральных округов РФ. Среди них можно отметить договор о торгово-экономическом научно-техническом сотрудничестве между правительствами РТ и Башкортостаном, а также договор между правительствами РТ и правительством Чувашской Республики о сотрудничестве в области образования, науки и техники, здравоохранения, культуры, информации, социальной защиты, спорта и туризма.

Таким образом, важно отметить, что в данном периоде оформилась правовая база, которая обеспечивала импульсивное развитие многогранного сотрудничества Таджикистана и России в условиях суверенности.

**Литература:**

*1. Саидов З., Сатаров А. Российско-таджикские отношения на современном этапе и перспективы их развития. Материалы научно-практической конференции. – Душанбе, 2002.*

*2. Саидов З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. - Душанбе: «Авесто», 2006.*

*3. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана. - Душанбе: Офсет, 2010.*

*4. Теоретический архив МИД РТ. Справка о торгово-экономическом сотрудничестве РТ и РФ 1995-1996 гг. Л6.*

*5. Газета «Ҷумҳурият», 3 июня 1996 г.*

*6. Газета «Азия-Плюс», 14 августа 1996 г.*

*7. Эмомалӣ Раҳмонов – Президенти мо. Книга-альбом. – Душанбе, 2006 г.*

*8. Текущий архив МО РТ. Справка о подготовке кадров для РТ в 1997-1999 г. Л5.*

*9. Газета «Азия-Плюс», 5 мая 1998 г.*

*10. Саидов З. Международные отношения Республики Таджикистан в двухстороннем формате. - Душанбе, 2001.*

*11. Текущий архив МИД РТ. Справка о торгово-экономическом сотрудничестве РТ и РФ. 1996-1997 гг. Л3.*

*К. Олимов*

# Тоҷикистон - ЮНЕСКО: таърихи мухтасар, вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо

***«Мо фақат бо фаъолияти муштарак метавонем, ки ғояҳои наздикшавӣ ва ҳамкориҳои тамаддунҳородар амал татбиқ намоем.Ин ба мақсадҳои олии чунин созмони мӯътабари байналмилалӣ, монанди ЮНЕСКО мувофиқ хоҳад буд»***
***Эмомалӣ Раҳмон***

Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ҷашни 20 солагии худро ҳамчун давлати мустақил ва узви баробарҳуқуқи ҷомеаи байналмилалӣ таҷлил мекунад, дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ оқибатҳои фоҷиабори ҳодисаҳои солҳои навадуми асри гузаштаро таҳти сарварии Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бартараф карда, дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мақому мавқеи хосаи худро пайдо намуд. Яке аз намунаҳои соҳибистиқлолии кишвари мо узвияти Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) мебошад.

ЮНЕСКО 16 ноябри соли 1945 дар ш.Лондон таъсис ёфта, мақсади асосии он мусоидат ба таҳкими сулҳу амнияти ҷаҳонӣ буда, шиори «Таҳкими пояи сулҳ дар тафаккури инсонӣ»-ро эълом доштааст.

ЮНЕСКО барои ҷорӣ шудани мақсадҳои олии инсонӣ ба воситаи рушди илм, маориф, фарҳанг ва ҳамкориҳои давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ фаъолияти хеле муҳимро анҷом додааст ва медиҳад.

Аз замони таъсиси худ ин созмони байналмилалӣ барои дастгирии илму маориф ва фарҳанги кишварҳо, махсусан кишварҳои рӯбаинкишоф, ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ, пайдо кардани роҳҳои ҳалли проблемаҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии ба салоҳияташ воба-

ста, саъю талош мекунад. Ҳоло ЮНЕСКО дар 193 давлати дунё фаъолияти худро ба воситаи комиссияҳо, шӯъбаву бюроҳои худ пеш мебарад.

Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО ҳанӯз дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ дар доираи Комиссияи миллии Иттиҳоди Шӯравӣ оид ба ЮНЕСКО оғоз шуда буд ва аз охири солҳои 70-ум ба баъд ба туфайли талошҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва Муҳаммад Осимӣ густариш ёфт.Маҳз бо ташаббуси онҳо бо иштироки муаллифони кишварҳои мухталиф таълифи «Таърихи тамаддуни исломӣ» ба забони англисӣ дар шаш ҷилд оғоз шуда, баъди вафоти онҳо ҷилдҳои охири он ба табъ расид ва ба баъзе забонҳои дигар тарҷума шуд. Бо дастгирии ЮНЕСКО дар соли 1968 Симпозиуми илмии байналмилалӣ оид ба омӯхтани тамаддуни кӯшонӣ дар шаҳри Душанбе баргузор шуд, ки дар таҳқиқи маданияти қадими Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозид.

Истиқлолияти давлатии мо  барои амалӣ шудани сиёсати мустақили хориҷӣ роҳи васеъ кушод ва аз ҷумла дар ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО дар соҳаҳои илм, фарҳанг ва маориф имкониятҳои бештарро ба вуҷуд овард. Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО-дар ҷиҳати пешбурди сиёсати давлатӣ ба воситаи ин созмон ва таҳаққуқи  мақсаду мароми ЮНЕСКО ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани таъриху фарҳанги халқи тоҷик то ҳадди имкон фаъолияти муассирро анҷом  дод. Ҳануз соли 1993, аз лаҳзаҳои аввал, ки Тоҷикистон узви ин созмон гардид, корҳои муайян ба сомон расида, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор дар самти маориф, фарҳанг ва илм чорабиниҳои илмӣ ва фарҳангӣ гузаронида шуда буданд.

Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО дар кишвари мо 28 июни соли 1994 бо қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда буд. Аз ҳамон сол омаду рафти намояндагони ЮНЕСКО ва сафарҳои намояндагони Тоҷикистон ба муассисаҳо ва чорабиниҳои ЮНЕСКО доимӣ гардид. Ҳамон сол дар ҳайати гурӯҳи СММ ба Тоҷикистон мутахассиси бахши маориф Ф.Л.Хигенсон ва баъдан соли 1997 мудири бахши фарҳанг Стюард Гибсон баҶумҳурии Тоҷикистон омада, барои амалӣ сохтани лоиҳаҳои дарозмуддат дар ҷумҳурӣ музокира намуда буданд. Сипас мутахассисони ватанӣ дар чорабиниҳои гуногуни ЮНЕСКО бахшида ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг дар конфронсу симпозиумҳо, мизҳои мудаввар, ки дар кишварҳои Аврупо ва Осиё баргузор шуданд, ширкат варзиданд. Дар фаъолияти Комиссияи миллӣ раисони собиқи он дар солҳои гуногун Г.Додхудоева, Б.Маҳмадов, котибони масъули собиқи Комиссия Г.Бобосодиқова, М.Бобоҷонова,С. Ғаниева,М.Комилов саҳми муносиб гузошта буданд.

Барои пешбурди ҳамкориҳо бо ЮНЕСКО Сафорати Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия, ки моҳи декабри соли 2001 ба фаъолият шурӯъ карда буд, нақши муҳим бозид ва сафирони собиқи Тоҷикистон дар он кишвар Шариф Раҳимзода ва Саймӯмин Ятимов, ҳамзамон ҳамчун намояндаи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО дар таҳкими робитаҳо мусоидат кардаанд. Вазоратҳои маориф, фарҳанг ва Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хусус сарварони ин соҳаҳо Абдуҷаббор Раҳмонов,Мирзошоҳрух Асрорӣ, Мамадшо Илолов барои пешбурди кори Комиссияи миллӣ ва амалисозии лоиҳаҳо саҳми назаррас доштанд.

Яке аз проблемаҳои барои вусъати ҳамкориҳо халал расонанда,масъалаи қарзи ҷумҳурӣ ба ЮНЕСКО буд, ки он бидуни иштироки Тоҷикистон ҳангоми тақсими қарзҳои Иттиҳоди Шӯравӣ баъд аз пошхурии он, муайян гардида аст. Ин сабаби маҳрум шудан аз ҳуқуқи овоз ва интихобот дар мақомоти ЮНЕСКО шуда буд. Дар соли 2003, дар ҷараёни Конференсияи генералии XXXIIЮНЕСКО, ин масъала дар натиҷаи гуфтушунид бо роҳбарият ва масъулони ЮНЕСКОҳалли худро ёфт ва Тоҷикистон ҳуқуқи овози худро барқарор кард.Ҳамкории кишвар бо ЮНЕСКО имконият дод, ки Тоҷикистон ба воситаи ин созмон фарҳанги бойи худро пешкашиҷаҳониён намояд. Гурӯҳҳои фарҳангию илмии Тоҷикистон борҳо дар фестивалҳо ва конференсияҳою семинарҳои байналмилалӣ дар кишварҳои гуногун бо мусоидати ЮНЕСКО иштирок кардаанд ва дар кишвари мо низ чунин чорабиниҳои муштарак баргузор шуданд.

Аз тавсеаи робитаҳо чунин далел шаҳодат медиҳад, ки Директори Генералии ЮНЕСКО К. Матсуура бо даъвати Ҳукумати Ҷумҳуриамон се маротиба ба Тоҷикистон ташриф овард. Дар рафти яке аз вохӯриҳои ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз масъалаҳои муҳим-баргузор намудани Конференсияи байналмилалиро оид ба проблемаҳои оби тоза, ворид кардани Ҷашни 2700 солагии шаҳри Кӯлобро ба феҳристи ЮНЕСКО ва инчунин доир кардани Рӯзи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаҳри Парижба миён гузошт. Ин пешниҳодҳо аз ҷониби Директори генералӣ бо қаноатмандӣ қабул гардид. Моҳи октябри соли 2005 дар ҷараёни Конфронси 33-юми ЮНЕСКО дар шаҳри Париж Рӯзи Тоҷикистон баргузор гардид, ки онро метавон як падидаи назарраси сиёсию фарҳангӣ маҳсуб кард. Дар чорабинӣ Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзида, аз минбари ЮНЕСКО суханронии ҷолиб ва пурмӯҳтаво кард, ки мавриди истиқболи гарми вакилони Конференсияи генералӣ аз давлатҳои узви ЮНЕСКО гардид. Намоиши асарҳои рассомон ва моделёрҳои тоҷик ва консерти

устодони ҳунари тоҷик бо барномаҳои рангин иштирокдорони ин намоишро, ки намояндагони беш аз 180 давлати дунё буданд, мафтун сохтанд.

Дар доираи ин чорабинӣ ёддошти ҳамкории байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО аз тарафи мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҷаноби К.Матсуура ба имзо расид, ки ба ҳамкориҳои дуҷониба такони нав бахшид. Роҳбарияти ЮНЕСКО хидматҳои Президенти ТоҷикистонЭмомалӣ Раҳмонро дар таҳкими сулҳ ва ҳалли проблемаҳои глобалӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо ба назар гирифта, ӯро бо медали тиллоии ЮНЕСКО сарфароз гардонд.

Яке аз муваффақиятҳои назарраси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО соли 2003-юм ба Феҳристи ёдгориҳои ғайримоддии ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудани шоҳкории мусиқии халқи мо Шашмақом мебошад. Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО барои аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудани Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба гуногунрангии фарҳангҳо ва дертар тасдиқи Конвенсияи ЮНЕСКО дар бораи ҳифзи мероси фарҳанги ғайримоддӣ бо ҳамкории Вазорати фарҳанги ҶТ ва Вазорати корҳои хориҷии ҶТ кори ҷиддиеро иҷро намуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба тақвияти робитаҳои кишвар бо ЮНЕСКО дар мулоқоти худ бо Директори Генералии ЮНЕСКО К. Матсуура дар доираи Конфронси байналмилалӣ, ки дар Чулпон-Атои Қирғизистон сурат гирифта буд, як бори дигар таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, масъалаи гуфтугӯи тамаддунҳоро барои устувории авзои ҷаҳон таъкид намуд.Бояд қайд кард, ки дар пешрафти корҳои Комиссияи миллӣ оид ба корҳои ЮНЕСКО саҳм ва дастгирии Вазорати корҳои хориҷииҶТ, ки кормандони Комиссияи мазкур шомили шӯъбаи Вазорати мазкур мебошанд, хеле назаррас мебошад. Таваҷҷӯҳи вазоратро ба Комиссияи миллӣ ва ЮНЕСКО махсусан дар давраи вазирии академик Талбак Назаров ва Ҳамрохон Зарифӣ махсус бояд қайд кард.

Яке аз мақсадҳои ЮНЕСКО ин кумак расонидан ба мутахассисони ватанӣ оид ба дастгирии техникӣ мебошад. Декабри соли 2002 коршиноси ЮНЕСКО оид ба мероси фарҳангии ғайримоддӣ Жан Дюринг ба Тоҷикистон омада, масъалаи ба феҳристи ёдгориҳои таърихӣ ворид намудани «Саразм»-ро баррасӣ намуда буд. Яке аз муваффақиятҳои бузурги ҳамкории олимон, мутахассисони ЮНЕСКО ва Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО ворид шудани «Саразм» ба феҳристи ёдгориҳои таърихию бостоншиносии ЮНЕСКО мебошад, ки дар ин бора Кумитаи мероси таърихии ЮНЕСКО

моҳи июли соли 2010 дар Бразилия қарор қабул кард. Ин чунин маъно дорад, ки маданияти кишоварзии тоҷикон ва таърихи 5500-солаи он аз ҷониби созмони бузургтарини фарҳангииҷаҳон эътироф гардид.

Ба наздикӣ ҷомеаи мо 100 солагии зодрӯзи шоир ва мубори-зи роҳи сулҳи ҷаҳонӣ Мирзо Турсунзодаро ҷашн гирифт, ки он ба феҳристи санаҳои таърихии ЮНЕСКО ворид шуда буд.Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили осору фаъолияти устод Турсунзода барои таваҷҷӯҳи ЮНЕСКО ба ин шахсияти бузурги адабӣ ва ҷамъиятӣ сипосгузорӣ изҳор намуд.

Ҳоло Комиссияи миллӣ бо Кумитаи ҳифзи муҳити зист ва экологияи назди Ҳукумати ҶТ дар ҳамкорӣ бо коршиносони ЮНЕСКО лоиҳаи санадҳои ба феҳристи ёдгориҳои табиии ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид намудани «Боғи миллии Тоҷикистон»-ро таҳия кардаанд, ки бояд соли оянда амалӣ карда шавад. Айни замон, мавзӯи «Боғи миллии Тоҷикистон» дар мадди назари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, аз ҷониби коршиносони ватанӣ ва мутахассисони маркази мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО корҳои омодасозӣ идома доранд. Дар назар аст, ки пас аз анҷом ёфтани корҳои омодасозӣ оид ба «Боғи миллии Тоҷикистон», боғи табиӣ-таърихии «Ширкент» ба Маркази мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО пешниҳод гардад. Ин боғ дар қисмати шарқии Тоҷикистон воқеъ буда, дорои хусусиятҳои хоси худ, аз ҷумла табиати нотакрор ва тахмини вуҷуд доштани изи пои динозаврҳост, ки ҳазорсолаҳо пеш дар ин мавзеъ пайдо шуда, айни ҳол пурра омӯхта нашудаанд.

Яке аз натиҷаҳои кори бомуваффақияти ҳайати Комиссияи миллии оид ба корҳои ЮНЕСКОдар Конфронси генералии 34-уми ЮНЕСКО октябри соли 2007ин буд, ки Тоҷикистон аввалин бор ба узвияти Кумитаи байналмилалии байнидавлатии иттилоот ва коммуникатсияи ин созмон интихоб гардид.

Дар рафти Конфронсҳои генералии 34-ум ва 35-умиЮНЕСКО, ки дар шаҳри Париж баргузор шуданд, Раиси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО суханронӣ карда, оид ба муваффақиятҳои сиёсати ҷумҳурӣ дар соҳаҳои маориф, илм, фарҳанг, таваҷҷӯҳи доимии Президенти кишвар ба ин соҳаҳо маълумот дода, ҳамзамон зарурати ҳарчи бештари муколимаи тамаддунҳо ва ҳамкориҳои васеъро дар пешрафти илму фарҳанг ва маориф ва пешгирии зуҳуроти ҳама гуна ифротгароиро дар зеҳни ҷавонони кишварҳо пешниҳод намуд.

ЮНЕСКО барномаҳои гуногунро доро мебошад, ки ба самтҳои мухталифи маориф, илм ва фарҳанг бахшида шудаанд. Яке аз

ин барномаҳо ҷашнгирии шахсиятҳои маъруф мебошад. Ба воситаи барномаи зикргардида соли 1997 дар ҷаласаи 152 Шӯрои Иҷроияи ЮНЕСКО қарор оид ба 90-солагии академик Бобоҷон Ғафуров қабул гардида буд.  Ин ҷашнвора барои тамоми мардуми ҷумҳурӣ чорабинии хотирмон буд. Соли 2009 бо ташаббуси ҷониби Тоҷикистон 1150 – солагии Абу Абдулло Рӯдакӣ ва 100-солагии Мирзо Турсунзода ба  рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО ворид гардиданд.

Тоҷикистон мероси бойи фарҳангии моддӣ ва ғайримоддӣ дорад. Комиссияи миллӣ ва муассисаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва маорифро зарур аст, ки онҳоро пешкаши омма гардонда, дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд. Мусиқии «Фалак», «Шашмақом», «Гуруғлӣ» ва  иди «Наврӯз» намунаи беҳамтои мероси ғайримоддии  халқи тоҷик ба шумор меравананд. Аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 май ҳамчун рӯзи «Шашмақом» эълон гардида буд ва он ҳамасола дар ҷумҳурӣ бо шаҳомати хоса баргузор мешавад. Ин ташаббус барои таблиғу  ривоҷи Шашмақом дар ҷумҳуриамон аҳамияти таърихӣ дошт. Комиссияи миллии ҶТ оид ба ЮНЕСКО ва вазорати фарҳанги ҶТ ҳидояти Президенти кишварро дар ин ҷиҳат амалӣ намуда, кӯшиш карданд, ки «Шашмақом» мақоми ҷаҳонӣ пайдо кунад.Ҳамин тавр «Шашмақом» соли 2003 аз тарафи ЮНЕСКО ҳамчун шоҳасари мусиқӣ шинохта шуд ва ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият шомил гардид. Дар натиҷаи ин 30 ноябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе Фестивали Байналмилалии мусиқии классикии «Шашмақом» ва намоиши созҳои Шашмақом баргузор гардид, ки дар он намояндагони  кишварҳои минтақа ширкат варзиданд.

Яке аз натиҷаҳои муҳими ҳамкории Тоҷикистон бо ЮНЕСКО аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣҳамчун таҷрибаи нодир эътироф намудани сулҳи тоҷикон мебошад ва дар расидан ба ин комёбӣ нақши пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе хеле муҳим арзёбӣ гардид. Бинобар ин бо дарназардошти пешниҳоди Сарвари давлат ва раиси шаҳри Душанбе бо қарори ЮНЕСКО соли 2003 Душанбе «Шаҳри сулҳ» эълон гардид. Дар пешбурд ва амалӣ шудани ин кор Комиссияи миллӣ низ кӯшишҳо ба харҷ дод.

ЮНЕСКО равандҳоиҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти иҷтимоиро, ки барои барқарор намудани муколама байни ҷомеаҳо шароит фароҳам меоварад, ба назар гирифта, 17 октябри соли 2003 Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи мероси ғайримоддии фарҳангиро қабул кард. Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июли соли 2010 конвенсияи мазкурро тасдиқ намуд.

Барои амалӣ сохтани талаботҳои конвенсияи зикргардида ва бо мақсади феҳристкунонии объектҳои фарҳангии ғайримоддӣ аз 28 то 30 июли соли 2011 дар шаҳри Душанбе 2-юмин ҷаласаи шабакавии давлатҳои Осиёи Марказӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ баргузор гардид, ки дар фарҷоми он ёддошти ҳамкорӣ байни вазорати фарҳангиЧТ ва маркази байналмилалии иттилоот ва шабакаи ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ (ICHCAP) ба имзо расид.

Дар доираи барномаҳо оид ба ҳифзи мероси табииву фарҳангӣ, таърихиву меъморӣ ва ворид намудани он ба рӯйхати Мероси Умумиҷаҳонии ЮНЕСКО аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 17 ёдгории таърихиву фарҳангӣ пешниҳод гардид, ки ҳашттои он - қалъаи «Ямчун», мадрасаи «Хоҷа-Машҳад», «Панҷакенти қадима», шаҳраки «Ҳулбук», маъбадхонаи «Аҷина-теппа», шаҳраки «Тахти сангин», қалъаи Ҳисор, шаҳраки «Бунҷикат»-и Шаҳристон ёдгории «Роҳи бузурги абрешим» мебошанд. Ин ёдгориҳо аз санҷишҳои экспертӣ гузашта, ба рӯйхати пешакии мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидаанд.

Барои ЮНЕСКО соҳаи маориф яке аз самтҳои авлавиятнок мебошад. Ин соҳа дар барномаҳои Созмон ҷои махсусро дорост. Ҳанӯз моҳи апрели соли 2000 дар Сенегал форуми умумиҷаҳонӣ шуда гузашт, ки дар он барномаи «Маълумот барои ҳама»-ро қабул карданд. Таи 10 сол мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барномаи мазкур иштирок карда, барои ноил гардидан ба 6 мақсади асосӣ:

-тавсеа бахшидани ғамхорӣ ба кӯдакони томактабӣ ва таълимӣ онҳо;

-таъмин намудани таҳсилоти озод ва баробар ба ҳама;

-такмил додани таҳсил ва маҳорат ба ҷавонон ва калонсолон;

-баланд бардоштани саводнокии калонсолон;

-инкишоф додани мувозинати гендерӣ то соли 2005 ва баробарии гендерӣ то 2015;

-такмил бахшидани баробарии таълим ;

кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Дар ин ҷода маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба комёбиҳои зиёд ноил гардид. Дар давоми 18 соли муносибати дуҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ЮНЕСКО лоиҳаҳои гуногун дар самти маориф амалӣ гардиданд. Мутахассисони ватанӣ дар семинару вохӯриҳои коршиносон дар давлатҳои гуногуни дунё иштирок карда, вазъи кунунии соҳаи маориф ва пешравиҳои технологияҳои иттилоотиро ба ҷаҳониён муаррифӣ карданд. Чорабиниҳои гуногун дар самти маориф бо иштироки намояндагони дафтари ЮНЕСКО

ва Комиссияҳои миллии давлатҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардиданд. Дар баробари ин, дар доираи барномаи UNITWIN дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду кафедраи ЮНЕСКО кушода шуд, ки яке дар дар Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Россия ва дигаре дар Донишгоҳи Ҳуҷанд ба номи Б.Ғафуров фаъолият менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм низба воситаи Комиссияи миллӣ бо ЮНЕСКО ҳамкории доимӣ дорад. Дар назди Академияи илмҳоиҶТ кумитаи «Одам ва биосфера» фаъолият дорад, ки барои рушди минбаъдаи муҳофизати табиат барномаҳои ЮНЕСКО-ро амалӣмесозад. Дар баробари ин дар назди АИҶТ кумитаи «Биоэтика» низ фаъолияти худро баҳри такмил додани муносибат ва ҳифзи олами зинда равона сохтааст. Ҳамасола дар доираи барномаҳои ЮНЕСКО кумитаҳо лоиҳа пешниҳод намуда, мақсадҳои ташкилотро дар ин ҷода пеш мебаранд. Бо масъалаҳои об бошад Институти G-WADI кор мебарад, ки он, аз ҷумла, чанд сол боз бо Институти масъалаҳои обу гидроэнергетика ва экологияи назди Академияи ИлмҳоиҶТ барномаҳои алоҳидаро амалӣ месозад

Комиссияи миллӣ инчунин барои дастгирии Созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва воситаҳои ахбори оммаи ғайридавлатӣ, созмонҳои ақаллиятҳои миллии муқими Тоҷикистон мусоидат карда,барои амалисозии идеяҳои ЮНЕСКО оид ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва озодиҳои демократӣ корҳои муҳимро иҷро кардааст. Ба ин манзур, аз ҷумла аз соли 2008 то 2011 15 лоиҳаиҶТ дар доираи барномаи иштироки ЮНЕСКО дастгирӣ ёфта, ба пуррагӣ иҷро гардиданд.Яке аз ин лоиҳаҳо Семинари байналмилалӣ доир ба пешбурди нерӯи ҷамиятӣ, илм ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ барои ҳифзи гуногунии биологӣ ва ҳифзи муҳити атроф дар мавзӯи «Хартияи Замин ва рушди устувор» буд, ки он 25-26 марти соли 2011 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки муносибатҳои Ҳукумати Тоҷикистон бо ЮНЕСКО аз тариқи Комиссияи миллӣ беш аз пеш вусъат ва таҳким ёфта, онҳо дар ҳама самтҳои доираи фаъолият назаррасанд.

Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО ахиран сомонаи худро дар Интернет ҷорӣ намуд, ки он барои хубтару беҳтар дастрас намудани маълумотҳо ва вусъати ҳамкориҳо бо хориҷ ва вазорату идораҳои дахлдори кишвар воситаи муҳим ба шумор меравад.

*Д. Назриев*

# Нақши сафир дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва «Таърихи Масъудӣ»-и Байҳақӣ

Дипломатияи тоҷик таърихи тӯлонӣ ва рангин, расму анъанаҳои бойи худро дорад. Яке аз сарчашмаҳои муҳими омӯзиши таърихи дипломатияи тоҷик асарҳое мебошанд, ки дар давраҳои гуногун ба забони форсӣ-тоҷикӣ эҷод шуда, дар баробари дигар масъалаҳо ин мавзӯъро низ дар бар гирифтаанд. Ин асарҳо дар баробари равшанӣ андохтан ба мавзӯъҳои таърихӣ барои омӯзиши расмияту анъанаҳо ва тадбиру иқдомҳои дипломатӣ хизмати арзандае карда метавонанд. Чунин асарҳо аз нигоҳи жанр ва услуб хусусиятҳои хоси худро дошта, дар инъикоси мавзӯъ аз ҳар ҷониб мусоидат мекунанд.

Дар миёни чунин асарҳо рӯ овардан ба ду асар - «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва «Таърихи Масъудӣ»-и Байҳақӣ бамаврид аст, зеро дар ҳардуи он дар бораи сафир – яке аз мансабҳои муҳимтарин ва калидӣ дар ривоҷ додани робитаҳои хориҷӣ маълумоти ҷолиб пешкаш гардида, то кадом дараҷа муҳим будани ваколату рисолат ва шахсияти фиристодаи давлат барҷаста инъикос ёфтааст. Дигар ҷиҳати мавриди таваҷҷӯҳ қарор додани ин ду асар он аст, ки Низомулмулк дар «Сиёсатнома»-и худ ба давлатдорон дар бораи интихоби сафир ва сифатҳои ӯ дастур медиҳад, Байҳақӣ бошад дар «Таърихи Масъудӣ» рӯйдоди мушаххас – рафти боздиди сафири Хилофати Арабро аз давлати Ғазнавиён бисёр моҳирона рӯи коғаз овардааст, ва дар маҷмӯъ хонанда имкони қиёс кардани назарияи муаллифи аввалиро бо амалияи инъикоснамудаи дуввумӣ пайдо мекунад. Илова бар ин, ҳарду муаллиф ҳам дар кори давлатдорӣ таҷрибаи васеъ доштанд, шахсони донишманд буданд ва ин ҷиҳат арзиши баланди

асарҳояшонро таъмин кардааст. Яъне, аз ҳама ҷиҳат муроҷиат кардан ба ин ду асар тасодуфӣ нест.

Қивомуддин Абӯалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ (1018-1092), ки бо унвони Низомулмулк машҳур аст, дар дарбори Салҷуқиён корро нахуст ба сифати дабир оғоз карда, баъдан ба туфайли маҳорату кордонӣ ва заковати баландаш ба дараҷаи вазирӣ расид. Дар ин вазифа ҳамроҳи шоҳ Алпарслон ва сипас писари ӯ Маликшоҳ кор кард. «Сиёсатнома»-ро бо хоҳиши Маликшоҳ тақрибан ҳамон тавре эҷод кард, ки бо шоҳ мувофиқа шуда буд.

Китоб беш аз панҷоҳ фасл дошта, ҳар кадоми он мавзӯеро дар кори давлатдорӣ дар бар мегирад. Муаллиф дар аввали ҳар фасл дар мавзӯи муаяйншуда дастуре пешниҳод намуда, сипас оид ба он масъала аз ҳаёти давлатмардони намоён ҳикоятҳо меоварад. Чунин тарзи эҷоди китоб ба муаллиф имкон додааст, ки аз як ҷониб, дар бораи роҳу равиши сиёсати давлат ва ташкили кори идораи давлатдорӣ маслиҳат (дастур) бидиҳад ва аз дигар тараф, дар бораи кору зиндагии бисёр шахсиятҳои таърихӣ, аз ҷумла, аз даврони Сосониён, Сомониён ва Ғазнавиён маълумоти ҷолибе пешкаш кунад.

Фасли 21 китоб «Андар маънии аҳволи расулон ва тартиби кори эшон» [1] пурра ба кору шахсияти сафир бахшида шудааст.

Муаллиф менависад, ки «подшоҳон ҳамеша ҳурмати якдигар доштаанд ва расулонро азиз гирифта, ки бад-он қадру ҷоҳ эшонро зиёдат шудааст».[2] Ва ҳатто дар вақте, ки миёни подшоҳон мухолифате ва ваҳшате будааст ва расулон, ки барои иҷрои рисолати худ омадаанд «ҳаргиз эшонро наёзурдаанд ва аз некӯдошт ҳеҷ одате кам накардаанд».[3]

Ба андешаи Низомулмулк сафирро бояд аз сарҳади давлат шахси мӯътабаре то расидан ба даргоҳ ҳамроҳӣ намояд, тавассути шаҳру ноҳияҳо бо роҳҳое бубарад, ки ободӣ бошад. Сафирро бояд ҳама ҷо «некӯ доранду ба хушнудӣ гусел кунанд ва неку бад ҳамчунон бошад, ки ба ин подшоҳ карда бошад, ки ӯро фиристода бошад».[4]

Бояд дар назар дошт, ки дар замони Низомулмулк сафирон доимӣ набуданд, фақат тавассути сафарҳо ваколати худро иҷро мекарданд. Аз ин лиҳоз, тавре зикр шуд, ин ҷо дар бораи ба кишвари дигар ташриф овардани сафир сухан меравад. Дар ин ҳолат сафир бо супориши роҳбари давлати худ ба шоҳи кишвари дигар номаеро мерасонад ё доир ба масъалаҳои гуногун сӯҳбату гуфтушунид ҷараён медиҳад. Аммо, ба андешаи Низомулмулк сафир ҳамзамон боз вазифаи дигаре низ дорад: шоҳон вақте ба

кишварҳои дигар сафир мефиристанд, мақсад танҳо расондани нома ё мулоқот набошад, балки донистани «сад мақсуду сир пеш бошад». [5] Яъне хоҳанд бидонанд, ки роҳҳои агбаҳо ва рӯдҳо чи гуна аст ва лашкар гузашта метавонад ё не, алаф куҷо бошад, ба ҳар ҷо гумоштагон киҳо ҳастанд ва лашкари малик чанд аст. Ҳамчунин олату иддат ба андоза аст, хону маҷлис чӣ ҳол дорад, тартиби даргоҳу боргоҳ, чавгону шикор, шахсияти шоҳу амалдоронаш, ободии мулку аҳволи мардумаш, маҳорати ҷангию лашкаркашӣ чӣ сон аст ва ғ.

Ҳамин тариқ, сафир ҳангоми сафараш бояд тавассути дидану шунидан ва дигар имкониятҳои дастдода дар бораи он кишвар тамоми иттилои заруриро ҷамъоварӣ ва ба роҳбари худ пешкаш намояд. Ва ҳамаи ин ба хотире, ки агар мақсаде пеш ояд, бояд бидонанд, ки онро чӣ тавр метавон амалӣ кард.

Ба вазифаи сафирон иҷрои супоришҳои дигар низ дохил мешуданд. Масалан, ҳангоми сафари шоҳ ба кишвари дигар сафир пешакӣ барои ҳаллу фасли баъзе масъалаҳо ба он мамлакат фиристода мешавад, то муроду дархостҳоро бирасонад ва ҳамчунин маслиҳат бигирад.

Дар баробари муайян кардани вазифаҳо Низомулмулк дар бораи интихоби одамон ба мансаби сафирӣ низ маслиҳатҳо додааст. Ӯ менависад, ки «… подшоҳони зираку бедор ахлоқи хеш муҳаззаб кардаанд ва сирати некӯ ба даст гирифтаанд ва мардумони шоиста ва покдину росткор дар пеши кор нигоҳ доштаанд ва амал фармуда, то касе ба эшон айб нагирад». [6]

Маслиҳатҳои дигари муаллиф дар бобати онанд, ки бояд сафир чи гуна инсон бошад: «… расулиро марде шояд, ки ӯ хидмати подшоҳон карда бошад ва ба сухан гуфтан далер ва сафари бисёр карда ва аз ҳар донише баҳрае ёфта ва ҳофизу пешбин ва хушқаду некӯманзар. Ва агар марде ва саворе пиру олим бошад, беҳтар ва агар надимеро фиристанд, бад-ин шуғл, эътимод зиёдтар бувад. Ва агар мардеро ба расулӣ фиристанд, ки ӯро далерӣ бошад ва мардонаю боадаб ва силоҳу саворӣ нек донад ва мубориз бошад, беҳтар бошад, то бад-эшон намуда бошад, ки мардумони мо ҳама чунин бошанд. Ва агар расул марди шариф бувад ҳам, нек бошад, ки аз баҳри шараф ҳурмати зиёд кунанд ва бо ӯ бадӣ натавонанд кард. Ва агар касе бувад, ки шаробхора набошад ва мозеҳу қимор ва бисёргӯю маҷҳул, беҳтар бувад. Ва бисёр вақт подшоҳон расул фиристодаанд бо ҳадя ва тароифи бисёр ва аз хештан аҷзу нармгарданӣ намуда ва бад-ин ғурур бар асари

расул лашкар сохта ва мардони кор фиристода ва хасмро шикастаанд».[7]

Дар фаслҳои дигари китоб низ бо андешаҳое дучор омадан мумкин аст, ки низ ба сиёсати хориҷӣ куллан мувофиқат мекунанд. Масалан, дар фасли 34 мегӯяд: «Камолу хиради мард он бошад, ки хашм нагирад. Агар гирад, бояд ки ақли ӯ дар хашми ӯ чира бувад, на хашми ӯ бар ақл».[8]

Дар фасли 39 «Андар шитоб накардан дар корҳои подшоҳӣ» мегӯяд, ки дар корҳои давлатдорӣ шитобзадагӣ набояд кардан, то ҳақиқати кор падид ояд ва дурӯғ аз рост пайдо гардад. Ҳамчунин, агар ду хасм пеш ояд ва бо якдигар сухан гӯянд, бояд ки эшонро маълум набошад, ки майли подшоҳ ба кадом ҷониб аст. Яъне, то ҳақиқат маълум нашавад, чизе нагӯяд.[9]

Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақӣ (996-1077) дар асари таърихии худ «Таърихи Масъудӣ» («Таърихи Байҳақӣ») ҳодисаҳои замони ҳукмронии Масъуди I – султони давлати Ғазнавиёнро (1031-1041) ба қалам додааст. Гарчанде қисми ками китоб то замони мо расидааст, вале ҳамин ҳам барои тасдиқи он, ки «Таърихи Масъудӣ» яке аз беҳтарин китобҳои таърихии ба забони тоҷикӣ эҷодшуда мебошад, басанда аст.

Абулфазл Байҳақӣ қариб 25 сол дар котиботи давлатӣ ё худ Девони рисолат дар вазифаи ёвари роҳбар, сипас чун сарвари ин идора хизмат кард. Ӯ аз тамоми масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ғазнавиён бохабар буд, кулли ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла, дипломатӣ, мукотибаи рамзии махфӣ бо сафирон аз дасти ӯ мегузаштанд, ба ҳама гуна иттилои махфию ошкоро дастрасии мустақим дошт. Ӯ имкон дошт, ки дар бораи машваратҳои махфии султон бо аъзои ҳукумат ва мушовирони шахсиаш огаҳӣ пайдо кунад, қабули бошаҳомати сафиронро бо тамоми маросими мураккабаш зери мушоҳида гирад. Бо чунин таҷрибаи бойи зиндагӣ Байҳақӣ ҳодисаҳоро бо камоли кордонӣ ва воқеъбинона ба қалам додааст.

Манзалати «Таърихи Масъудӣ» шоистаи таҳқиқоти алоҳида аст. Дар ин мақола бо ёрии қисмати хурди ин китоби ғалатӣ кӯшиш ба харҷ дода мешавад, то дар бораи чорабиниҳои ташрифотии вобаста ба боздиди сафири давлати хориҷӣ тасаввуроти умумиеро ба вуҷуд орад. Ба ин хотир дар мақола ба он қисми асар мурочиат шудааст, ки муаллиф дар бораи боздиди сафири Хилофати Бағдод Сулаймонӣ аз Балх нақл мекунад.

***Пешвозгирии сафир.*** Соли 1031 милодӣ (422 ҳиҷрӣ) Халифаи аббосӣ ал-Қодир Биллоҳ Аҳмад ибни Исҳоқ ибни ал-Муқтадир

вафот кард ва валиаҳди ӯ писараш ал-Қоъим Биамриллоҳ Абдулло ибни Аҳмад ал-Қодир ба тахти хилофат нишаст, ӯро байъат карданд. Сипас роҳбарияти хилофат ба мақсади таҷдиди садоқат дар муносибатҳо ба халифаи нав ба кишварҳои дигар нома навишта ва сафиронашро мефиристад. Ба ин хотир Фақеҳ Абубакр Муҳаммад ибни Муҳаммад Сулаймонӣ ат-Тусӣ ба сифати сафир (расул) бо ин супориш ба Хуросон раҳсипор шуд.

Амир Масъуд аз ин хабар андешаманд шуда, бо вазир Хоҷа Аҳмад ва Хоҷа Бӯнаср маслиҳат мекунад. Хоҷа Аҳмад пешниҳод мекунад, ки гарчанде хабар ҳақиқат дорад, онро пинҳон нигоҳ доштан лозим ва хутбаро бо номи ал-Қодир бикунанд. Таклифҳои дигар чунин буданд: 1.) Ҳамин ки сафир омаду биёсуд, пеши амир ҳозираш мекунанд, то номаи таъзият ва таҳниятро бирасонад ва бозгардад; 2) Рӯзи дигар амир менишинад ва расми таъзият ба ҷо меоварад се рӯз; 3) Баъд аз он рӯзи одина амир ба масҷиди одина меравад, расми таҳният мегузаронанд, хутба ба номи ал-Қоъим мекунанд. Амир мегӯяд: «Савоб ҳамин аст» [10] ва хабарро пинҳон доштанд.

Байҳақӣ менависад, ки вақте сафир Сулаймонӣ ба Шобурқон (шаҳре наздики Балх) расид, ҳокимон, мансабдорон ва гумоштагони султон аз Рай то он ҷо нисбати ӯ эҳтироми хосае зоҳир карда, расми истиқболро ба ҷо оварданд.

Бо супориши амир яке аз мансабдорони воломақом Хоҷа Алӣ Микоил, ки дар ин бобат таҷрибаи калон дошт, бо кавкабаи бузург - гурӯҳи алавиён (хонадони Алӣ), қозиён, уламо, фақеҳон бо теъдоди зиёди хизматгорон ва аспҳо ба истиқболи сафир баромад. Бӯалии расулдор (шахсе, ки ӯро амир барои пазироии сафирон муваззаф кардааст) ва мартабадорон бо ӯ буданд.

Ҳангоме ки сафир ба шаҳр наздик шуд, се ҳоҷиб (пардадор, ё ба истилоҳи имрӯза маъмурони ташрифоти дарбор), Булҳасани Карҷӣ (дар дастгоҳи Масъуд сатҳи надимӣ дошт), Музаффари Ҳокими надим (аз ҳамнишинон, ҳамсӯҳбатон ва мушовирони Масъуд буд), ки бо забони арабӣ хуб ҳарф мезад, бо даҳ сарҳанг ва ҳазор савора ба истиқболи ӯ баромаданд. Бо эҳтирому ҳашамати беандоза сафирро ба шаҳр оварданд ва дар маҳаллаи Сабадбофон, дар сарои зебою озода ҷой доданд. Дарҳол хӯришҳои зиёди бисёр хуб тайёршударо пеш гузоштанд. Сафирро бо иззату икроми зиёд се рӯз меҳмондорӣ карданд ва ӯ биосуд.

***Пазироии сафир.*** Пас аз се рӯз амир Масъуд бо Хоҷа Аҳмад маслиҳати тадбирҳои минбаъдаро анҷом дод. Мувофиқа шуд, ки сафирро ба Кушки Дари Абдулло биёранд, зеро он ҷо ду сарой

дошт ва барои доир сохтани пазироӣ ва ҳамин қабил чорабиниҳо, дар ин ҳолат, барои гузаронидани маросими таъзияту таҳният шароитҳои хубтару мусоид мавҷуд буд. Ба хилват рафта, ҳоҷиби бузург (раиси дарбор), солори ғуломон, ориз (лашкарнавис, раиси девони арз) ва соҳиби девони рисолатро даъват карданд, амир он чи маслиҳат шуд ба онҳо супориш дод. Амир ба Кушки Дари Абдулло Алӣ рафт, он чунони дастур дода буд, шароитҳои заруриро фароҳам оварданд. Амир тасмим гирифт, ки сафирро рӯзи нахустини моҳи муҳаррам, ки оғози сол ҳисоб мешавад, пазироӣ кунад. Раиси девони рисолат Хоҷа Бӯнаср Мушкон чуноне расм буд расулдор Бӯалиро дастур дод, то аз сафир номаро оварда, бо мазмуни он шинос шуданд ва дар он дар бораи воқеаҳои рухдода (ғамангезу хурсандибахш) дар Бағдод хабар дода мешуд.

Дар вақти таъиншуда – субҳи панҷшанбе чор ҳазор ғуломи дарбор аз ду тарафи сарой дар чанд қатор саф оростанд: ду ҳазор бо кулоҳи душох, камарбандҳои гарони бо даҳ овеза ва ҳар кадомаш бо амуди (гурзи) симин (нуқрагин); ду ҳазор бо кулоҳи чаҳорпар (чаҳоршоха), бо камарбанду тирдону шамшеру тиркашу камондони баста дар миён, дар дасти ҳар кадом камону се пайкон, ҳама дар қабои дебои шуштарӣ буданд. Сесад ғуломи муҳофиз дар либоси гаронмоятар, кулоҳҳои душохдор, камарбандҳои заррин (чанд нафар ҳатто камарбандҳои гавҳарнишон доштанд) бо гурзҳои тиллоӣ ва сипарҳо атрофи суфа наздики амир меистоданд. Панҷоҳ ё шаст сипардор беруни дар, миёни саройи Дилмон рост меистоданд.

Тамоми бузургони дарбор, вилоятдорон (волиён) ва ҳоҷибон кулоҳҳои душох ва камари заррин доштанд. Аз беруни сарой мартабадорон меистоданд ва он ҷо теъдоди зиёди филҳо нигоҳ дошта мешуд. Лашкар мусаллаҳ бо ҷомаҳои дебои гуногун бо дирафшҳо дар ду қатори муқобили ҳам меистод, то сафирро аз миёнашон гузаронда оранд.

Расулдор бо гурӯҳи калоне рафт ва сафирро барнишонданду оварданд. Чуноне Байҳақӣ менависад, наъраи карнаю садои нақора чунон баланд шуд, ки гӯё рӯзи қиёмат аст. Бо чунин шукӯҳи беандоза сафирро истиқбол карданд; ӯ он чиро дид, ки дар ҳаёташ надида буд ва мадҳушу мутаҳайир вориди кушк шуд.

Амир дар тахт наздики суфа (айвони сақфдор) нишаста буд. Ғайр аз Хоҷаи бузург Аҳмади Ҳасан дар назди амир ҳама рост меистод. Сафири халифа, ки либоси сиёҳ бар тан дошт, салом арз кард. Ба ӯ Хоҷаи бузург посух дод. Ҳоҷиб Бӯалӣ аз зери дасти сафир дошта, ӯро шинонд. Амир пурсид, ки халифа дар кадом ҳолат қарор дошт. Сафир посух дод: «Худованд, ки номи вай гиромӣ бод, подшоҳи бузургро ба вафоти пешвои мо (Ал-Қодир

Биллоҳ, амири муъминон, Худованд ҳуҷҷати ӯро дар қиёмат равшан ва сареҳ дорад) савоб диҳад, ҳамоно мо ба фармони Худоем ва ба сӯи вай бармегардем. Мусибат бисёр азим аст, аммо бахшиши илоҳӣ ба сабаби бақо ва ҳаёти мавлои мо (Ал-Қоъим Биамриллоҳ) афзунтар аз ранҷи ин мусибат аст». [11] Ӯ идома дод, ки Худованд ҷойи халифаи марҳумро ҷаннат гардонад, Худованди дину дунё амиралмуъмининро боқӣ дорад. [12]

Хоҷаи бузург чанд ҳарфе бисёр зебо бо ҳамин маънӣ бо арабӣ гуфт ва зимни суханронӣ ишора кард, ки ӯ (сафир) паёмро супорад. Сафир бархост, паёмро, ки дар ҳарири сиёҳ печонда шуда буд, ба амир супурд ва баргашта бо ҷойи худ нишаст. Амир Хоҷа Бӯнасрро назди худ хонд, ӯ назди тахт омад, паёмро гирифт ва каме қафо рафт, рӯ ҷониби тахт истода, лӯларо боз кард ва бо овози баланд паёмро қироат намуд. Вақте ӯ анҷом дод, амир фармуд, ки тарҷумаашро ҳам бихонад, то ба ҳама фаҳмо бошад. Ӯ ба забони форсӣ хонд. Сафирро рухсат доданд ва бо иззату икром ба қароргоҳаш гуселониданд. Амир ба маросими мотам омодагӣ гирифт.

***Маросими мотам.*** Рӯзи дигар амир маърака орост. Ӯ чун нишонаи мотам сала ва қабои сафед бар тан дошт, ҳама аҳли рикоб ва ҳоҷибон низ сафедпӯш ҳозир шуданд. Сафирро оварданд, то шоҳиди ҳамаи ин бошад. Дари бозорҳоро бастанд, одамон гурӯҳ-гурӯҳ меомаданд. Ҳамин тариқ се рӯз идома ёфт. Сафирро меоварданд ва вақте гуфтугӯи хосса анҷом меёфт, ӯро боз гусел мекарданд. Пас аз се рӯз одамон ба бозорҳо баргаштанд, девонҳо дарҳояшонро боз карданд, дафу нақора садо дод.

Амир Хоҷа Алиро супориш дод, ки ба рӯзи ҷумъа омодагӣ гиранд, фармуд, ки то дари масҷиди одина шаҳрро биороянд. Хоҷа Алӣ бозгашт ва аъёни Балхро ҷамъ оварда, супоришҳои заруриро дод. Дар давоми рӯзҳои душанбе то панҷшанбе маркази шаҳрро аз Кушки Дари Абдулло то масҷиди одина чунон биоростанд, ки ҳеҷ кас Балхро дар чунин сурат надида буд.

Рӯзи ҷумъа Хоҷа Алии Микоил ба амир арз намуд, ки супоришҳо иҷро шудаанд. Амир фармуд, ки вақти ҳаракат кардан аҳолӣ ором, ҳар табақа дар ҷои худаш бошад ва ҳангоми гузаштани онҳо суруду мусиқӣ садо надиҳад, ҳатто садое ба гӯш нарасад. Муҳофизони сиёҳпӯши тартибот баромаданд ва супоришҳои дахлдор гирифтанд.

Амир наздики нимрӯз аз қаср берун шуд. Чор ҳазор ғулом дар он либосе, ки ҳангоми пазироии сафир ба бар доштанд, пиёда пеш-пеш мерафт, аз пушти онҳо солор Бектугдӣ, аз пушти ӯ ғуломони муҳофиз бо парчами султон, мартабадорон ва бо роҳбарии ҳоҷиб ва аз қафои онҳо ҳоҷиби бузург Балготегин

ҳаракат мекарданд. Аз пушти султон Хоҷаи бузург ҳамроҳи хоҷаҳо ва аъёни даргоҳ, аз қафои онҳо Хоҷа Алии Микоил, қозиён, фақеҳон, уламо, заъимҳо ва ашрофони Балх раҳсипор буданд. Сафири халифа аз тарафи дасти рости Хоҷа Алии Микоил ҳаракат мекард. Бо ҳамин тартиб амир ба масҷиди ҷомеъ бисёр ором ҳаракат кард, ҷуз расиши қамчину овози мартабадорон садои дигаре ба гӯш намерасид.

Амир ба масҷид ворид гардида, зери минбар, ки бо матои зарбофт печонида шуда буд, нишаст. Хоҷаи бузург ва аҳли дарбор низ нишастанд. Алии Микоил ва сафир Сулаймонӣ дуртар ҷой гирифтанд. Хатиб маросими қироати хутбаро ба ҷо овард. Вақте ҳама ором шуд, хазинадорони султон пайдо шуда, даҳ ҳазор динорро дар панҷ халтаи ҳарир чун тӯҳфа ба халифа зери минбар гузоштанд. Аз пайи ин пешкашҳо барои шоҳзодаҳо, писарони амир, Хоҷаи бузург, Ҳоҷиби бузург, сипас дигарон тӯҳфаҳо овардан гирифта, овоз медоданд, ки тӯҳфа барои кист. Ҳамин тариқ симу зари зиёде гузоштанд. Бо анҷом ёфтани маросими тӯҳфасупорӣ амир бархост, савора шуд ва бо ғуломону ҳамроҳон ва аҳли дарбор ба Боғи бузург, ки дар поёни шористон воқеъ буд, равон шуд. Хоҷаи бузург ҳам бо амир раҳсипор шуд. Хазинадорон ва дабирони хазина ва муҳосибон тӯҳфаҳоро тавассути роҳи бозор ба хазина бурданд. Хоҷа Алии Микоил савора шуда, сафирро ҳамроҳи худ гирифт. Онҳо аз шафати қаторҳои бозор гузаштанд. Сокинони Балх шодӣ мекарданд ва дираму динор, чизҳои қиматбаҳо ва писандидаро пош медоданд. Вақте онҳо ба Дари Абдулло Алӣ расиданд, намози аср наздик мешуд. Сипас Алӣ бо роҳи дигар бозгашт ва сафирро бо он кавкаба ба сарой овард. Ин ҷо ҳама бо карру фари зиёде ороста шуда буд. Хӯрок хӯрданд ва Алӣ ба сафир тӯҳфаи идонае пешкаш кард, ки амир ҳам инро писандид.

***Гуфтушунидҳо ҷиҳати бастани аҳднома.*** Рӯзи дигар амир ба Хоҷа Бӯнасри Мушкон супориш дод, ки ба назди Хоҷаи Бузург равад ва масъалаҳои аҳд бастан бо халифа ва бозгардонидани сафир матраҳ шаванд. Бӯнаср ба Девони Вазорат рафт, масъалаҳоро баррасӣ карданд ва сафирро ба он ҷо даъват намуда, гуфтушуниди тӯлоние сурат доданд.

Ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки амир мувофиқи нусхаи аҳдномае, ки сафир бо худ овардааст, ӯҳдадорие менависад ба он шарте, ки вақте сафир ба Бағдод мерасад, амиралмӯъмин маншури (фармони) наве мефиристад, ки дар он Хуросон, Хоразм, Нимрӯз, Завулистон, тамоми Ҳиндустон ва Синд, Чағониён, Хат-

лон, Қубодиён, Тирмиз, Қуздар, Макрон, Волиштон, Киконон, Рай, Ҷабол ва Сипоҳон то ағбаи Ҳулвон, Гургон ва Табаристон зикр мешаванд ва бо хонҳои Туркистон мукотиба сурат дода нахоҳад шуд, бидуни хонадони шоҳӣ ҳеҷ гуна унвонҳои фахрӣ намедиҳанд ва тӯҳфаҳо намефиристанд, чуноне замони пеш буд, ба он тарзе, ки халифаи марҳум бо султони собиқ ал-Қодир ҳал карда буд. Сафир Сулаймонӣ оид ба ин масъала аз нав бармегардад ва бо салоҳдиди некбинонаи фармонфармои аҳли дин бо худ хилъатеро меорад, ки монанди онро дар ягон давру замон касе надошт ва фармонфармои аҳли дин иҷозат медод то ба Кирмон аз ҷониби Сиистон ва аз ҷониби Макрон ба Умон ҳамла оварда шавад; ва қарматиҳо бояд шикаст хӯранд. Мақсад, лашкари сершуморе ҷамъ шудааст ва барои васеъ кардани мулк зарурат пеш омадааст ва лашкар бояд биҷангад. Мавзӯъҳои дигар низ баррасӣ шуданд. Дар ҷавоб сафир мегӯяд, ки «ин сухан ҳама ҳақ аст, тазкирае бояд навишт, то моро ҳуҷҷат бошад». [13] Ба ин розӣ шуда, мулоқотро анҷом доданд ва Сафирро ба қароргоҳаш баргардониданд. Бӯнаср инро ба амир хабар дод, ки ӯро хеле хуш омад.

***Ба имзо расонидани аҳднома.*** Рӯзи панҷшанбе, нимаи моҳи муҳаррам (2 январи соли 1032) қозиён, аъёни Балх ва сайидонро даъват карданд. Алии Микоил омад, расулдор сафирро овард. Хоҷаи Бузург, ариз, Бӯнасри Мушкон, Ҳоҷиби бузург Балготегин ва ҳоҷиб Бегтуғдӣ иштирок доштанд. Бӯнаср нусхати байъат ва савгандномаро ба забони форсӣ омода карда буд – чун абрешим мулоиму сода ва дар онҳо тамоми шартҳо дар назар дошта шуда буданд. Ӯ нусхаро ба забони арабӣ (тозӣ) ба сафир дод, то муқоиса бикунад. Сипас Бӯнаср матнро ба забони форсӣ (порсӣ) бо овози баланд бихонд, то ҳозирин шунаванд. «Чашми ҳофиз ва инояти яздон ёри Хоҷа (Бӯнаср) бод» [14] - гуфт сафир ва илова кард, ки матни форсӣ мушобеҳи нусхаи арабист, чизе наафтидааст ва онро айнан ҳамин тавр ба амиралмуъминин мерасонад. Бӯнаср нусхаи арабиро низ пурра қироат кард.

Баъд аз ин амир мегӯяд, ки «шунавидам ва ҷумлаи он маро муқаррар гашт, нусхаи форсӣ маро деҳ».[15] Бӯнаср матнро дод. Амир Масъуд онро то охир, ягон бор дар намонда, ба забон ронд. Сипас давоти хоссаро оварданд ва амир бо дасти худ ба матни арабие, ки аз Бағдод оварда буданд ва нусхаи форсӣ, ки Бӯнаср омода карда буд, имзо гузошт. Аз Девони Рисолат давоти дигареро оварданд ва Хоҷаи Бузург бо ҳозирин чун нишони шоҳидӣ ҳамчунин имзои худро гузоштанд. Азбаски ҳоҷиб Бегтуғдӣ хат надошт, Бӯнаср ба ҷои ӯ имзо гузошт. Бо анҷом ёфтани ин маро-

сим сафир, қавми балхиён ва ҳоҷибонро баргардонданд. Амир бо се тан монд.

***Тӯҳфаҳо барои халифа ва сафир.*** Пас аз маросими ба имзо расонидани санад амир бо Хоҷаи Бузург ва Бӯнаср масъалаи бозпас фиристодани сафирро баррасӣ кард. Тасмим гирифтанд, ки нома, тазкира ва пайғомҳоро тартиб дода, онҳоро ба таваҷҷӯҳи олиҷоҳ пешниҳод кунанд. Инчунин тавре расм ҳаст барои ҳазрати халифа хилъату инъомҳоро ба сафир супоранд, то биравад. Ҳангоми муҳокимаи масъала Хоҷаи Бузург қайд кард, ки бист ҳазор ман нил (модаи обиранг) барои халифа ва панҷ ҳазор ман ҳошит барои надимони дарбор ва тӯҳфаҳо барои ҳамаи онҳое, ки рӯзи хутба карданд ва ба хазинаи маъмур зарур аст. Хоҷаи Бузург инро гуфта, ба амир мурочиат мекунад то ӯ баъзе чизҳои дигарро, аз қабили либос, сангҳои қиматбаҳо ва атриёт тӯҳфа намояд. Сипас ӯ зикр мекунад, ки сафир Сулаймонӣ ба кори муҳим омадааст, барои ӯ хилъати арзанда ва сад ҳазор дирам инъом кардан лозим меояд. Баъдан, вақте ӯ дафъаи дигар меояд ва он чиро, ки зарур аст, меорад, амир бо салоҳдиди худ он чиро ки лозим мешуморад, медиҳад.

Амир инро маъқул дониста, он чиро номбар мекунад, ки барои халифа илова кардан зарур мешумурад ва Хоҷа Аҳмад менависад – сад ҷомаи қиматбаҳо аз ҳар навъ, аз он даҳтоаш зарбофт, панҷоҳ халтачаи мушк, сад кулчаи кофур, дусад туп шоран (матои гаронбаҳо ва латиф), панҷоҳ теғи гаронбаҳои ҳиндӣ, ҷоми заррини ҳазормисқолӣ ва пур аз марворид, даҳ пора ёқут ва бист пора лаъли бадахшонии ниҳоят зебо, даҳ аспи хуросонии зоти хуталӣ бо ҷилу барқаи зебо ва панҷ ғулом. Сипас амир фармуд, ки ин ҳамаро дуруст кунанд. Хоҷа бозгашт ва дар девони рисолат биншаст ва хазинадорон ҳамаро рост карданд, амир дида, маъқул шумурд. Ҳоҷа Бӯнаср сиёҳнависи номаро омода кард. (Дар мавриди омода кардани нома Байҳақӣ ба ҳунари устодаш Бӯнаср баҳои баланд дода, мегӯяд, ки дар ин бобат ӯ пешвои мардуми худ буд). Ва номаро Байҳақӣ покнавис кард. (Дар ин ҷо Байҳақӣ менависад, ки номаҳо ба ҳазрати Хилофат, хонони Туркистон ва мулуки атроф ҳама ба хатти ӯ рафтаанд). Бӯнаср тазкира навишта овард ва ба вазир нишон дод. Сипас ҳар дуро тарҷума кард ва онҳоро дар маҷлиси султон ба забонҳои форсӣ ва арабӣ бихонд, ки сахт писанд омаданд.

Рӯзи сешанбе, бистуми муҳаррам расулро оварданд, ба ӯ хилъати бисёр хуб, ки ба олимони фиқҳ медиҳанд, зарбофт, панҷсад мисқол, инчунин хачир ва ду асп тӯҳфа дода, ба иқоматгоҳаш

бозгардонданд. Аз пайи ин он чиро, ки ба номи халифа буд, инчунин сад ҳазор дирам ва бист ҷомаи қимат барои сафир ҷудо гардид, бурда ба сафир доданд. Вазир аз ҷониби худ барои сафир панҷсад динор, даҳ ҷома ва хачир бо ҷилу бурқаъ инъом кард. Хоҷа Бӯнаср ба ӯ тавассути расулдор ҷавобнома фиристод.

***Гуселонидани сафир.*** Рӯзи панҷшанбе бистудуюми муҳаррам сафир Сулаймонӣ аз Балх озими сафар шуд. Бо ӯ панҷ қосид фиристоданд, то онҳо пайи якдигар бо хабарҳои нав баргарданд, ду нафарро бошад аз Бағдод бо хабари он, ки вазъият чи гуна аст ва чи корҳо ҷараён доранд, бозпас фиристад. Дар шумори пиёдагардону едаккунандагони аспҳо як нафар корогоҳеро махфӣ фиристоданд, ки ӯ ҳамаи он чиро, ки рух медод, хоҳ хурд асту хоҳ бузург, тавассути ин қосидон хабар медод. Амир Масъуд тавассути чопароне, ки дар ҳар манзил асп иваз мекунанд, ба тамоми мулкҳое, ки дар роҳи сафир қарор доштанд, нома фиристод, то сафирро сазовор пешвоз бигиранд ва ҳарчи хубтар меҳмондорӣ кунад, то хушнудона роҳашро идома диҳад.

Тавре аз бозгӯии порчаи асари Байҳақӣ бараъло мушоҳида мешавад, дар асри XI расму анъанаҳои дипломатӣ дар низоми муайян қарор дошта, тариқи роҳу усулҳои маъмулшуда роҳандозӣ мешуданд. Ҷараёни боздиди сафири Хилофати Араб аз Балх нишон медиҳад, ки маросимҳои дипломатӣ аз истиқбол гирифтан то гуселонидан барои аҳли дарбор шинос буд ва кори маъмулӣ ҳисоб мешуд. Дар давлат идораи махсус - Девони Рисолат ба муносибатҳои хориҷӣ сару кор дошт, ба ғайр аз Амир Масъуд ва вазир Хоҷа Аҳмад дар маросимҳои баргузоршуда, хусусан нақши роҳбари Девони рисолат Хоҷа Бӯнаср калон буд, санадҳоро бошад худаш омода мекард. Мансаби расулдор мавҷуд буд, ки дар давоми боздид сафирро ҳамроҳӣ карда, дар иштироки маросимҳои ташрифотӣ ба ӯ ёрӣ медод. Ходимони дигар – ҳоҷибон ва мартабадорон низ ба иҷрои корҳои ташрифотӣ сафарбар буданд. Дигар мансабдорони давлатӣ низ дар доираи салоҳияти худ дар маросимҳои ташрифотӣ иштирок карданд. Истифода аз истилоҳоти алоҳида низ далолат бар он мекунад, ки чорабиниҳои ташрифотӣ дар сатҳи баланд мегузаштанд. Масалан, ба тартиби муайян ҳаракат кардани аҳли дарбор, намояндагони табақаҳои гуногун, ғуломон, саворaҳо ва пиёдагардҳо ҳангоми пешвоз гирифтани сафири давлати хориҷӣ ё ҳамроҳӣ кардани амир кавкаба ном дорад. Аз инъикоси маросимҳои истиқбол ва гусел, таъзият ва таҳният (ҷобаҷогузории силоҳдорон, сару либоси онҳо) бармеояд, ки ҳар кадоми он тартиби муайя-

ни худро дошт ва риоя мешуд. Дар китоб тартиб додани санад, тарҷума ва муқоисаи нусхаҳояш ба забонҳои арабӣ ва форсӣ, маросими ба имзо расонидани он, ҳамчунин тартиб додани нома, тазкира, ҷавобнома ва ғайра бисёр ҷолиб инъикос ёфтаанд. Додани тӯҳфаҳо низ дар ин маросимҳо ҷойи махсусро ишғол кардааст, зеро инъомҳо додан дар рушди муносибатҳо омили муҳим ҳисоб мешуд.

Ҳамин тариқ, хулоса кардан мумкин аст, ки ин ду асар дар омӯзиши таъриху анъанаҳои дипломатияи тоҷик, муносибатҳои байни давлатҳо, шеваи пешбурди равобити хориҷӣ, назокати гузаронидани чорабиниҳои ташрифотӣ, тартиб додани санадҳои дипломатӣ ба сифати сарчашмаи арзишманд хизмат карда метавонанд.

**Пайнавишт:**


1. Низомулмулк. Сиёсатнома (Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов). – Душанбе. Адиб, 1989 – 200 с. – с. 80.
2. Ҳамон ҷо.
3. Ҳамон ҷо.
4. Ҳамон ҷо.
5. Ҳамон ҷо.
6. Ҳамон ҷо, саҳ. 82.
7. Ҳамон ҷо.
8. Ҳамон ҷо, саҳ. 97.
9. Ҳамон ҷо, саҳ. 103.
10. Абулфазл Муҳаммад бини Ҳусайн Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. Ҷилди дуюм. Ба кӯшиши доктор Халил Хатиб Раҳбар. – Теҳрон: Моҳтоб, 1381. – с.438.
11. Ҳамон ҷо, саҳ. 440.
12. Ҳамон ҷо.
13. Ҳамон ҷо, саҳ. 444.
14. Ҳамон ҷо.
15. Ҳамон ҷо.

*Майке Вагнер, Патрик Вертманн,*
*Павел Тарасов, Десмонд Дуркин Майстерэрнст*

# Миёнаравони Шарқ - ҳокимони асроромези Роҳи абрешим

*Касе онҳоро қариб намешиносаду аз мавҷудияти онҳо маълумоти мушаххас надорад, агарчанде замонҳое буданд, ки онҳо, яъне суғдҳо тоҷирону дипломатҳои барҷастаи водиҳои қад-қади Роҳи Абрешим ҳисобида мешуданд. Аз асри 6 то 8 намояндагони қабилае аз халқҳои Эрони шимолӣ ҳокимони империяи бузурги тиҷоратӣ буданд. Шабакаи савдою тиҷорати онҳо аз ҷазираҳои Қрим то ҳудудҳои Корея доман паҳн карда буд. Танҳо баъд аз он ки онҳо ба тахту тоҷи ҳокимони Хитоӣ чашм дӯхтанд, ситораи дурахшони онҳо нопадид гашт.*

Ҷумҳурии Халқии Хитой дар марҳалаи авҷи инкишофи босуботи иқтисоди миллии худ қарор дорад. Моҳи ноябри соли 2010 маҷаллаи амрикоии Форбес Сарвари давлат ва Роҳбари ҳизби Коммунистии Хитой Ҳу Дзинтаоро ҳамчун марди абарқудрати сайёраи мо интихоб намуд. Ин ҷоизаест, ки то ба имрӯз ҳеҷ як Президенти Амрико соҳиб нашудааст. Гузашта аз ин имрӯзҳо дар тамоми дунё молҳои дорои тамғаи „истеҳсоли Чин"-ро бидуни душворӣ дидан мумкин аст. Олимону донишмандони Чин дар маъруфтарин донишгоҳҳои ҷаҳон дарс дода ва ё тадқиқотҳои илмӣ мебаранд. Кишвари бузург дар Осиёи Шарқӣ бо маънои томи худ ба як «бозингари глобалӣ» табдил ёфтааст. Албатта ин бори нахуст дар таърихи инсоният нест, ки „империяи марказшитоб" ба яке аз абарқудратҳои ҷаҳонӣ мубаддал гашта истодааст. Равандҳои инкишофи кунунии Хитой айнан ба рушду нумӯи иқтисодии ин кишвар дар марҳалаи сулолаи Тан (618-917) монанд аст, ки он замон барои Хитой ҳамчун «давраи тиллоӣ» унвон мешуд.

Он замонҳо давлати Хитой, аз ҷумла, ба туфайли кушодадилию хайрхоҳӣ нисбати тамоми халқиятҳои ҷаҳон ва ба роҳ мондани тиҷорат бо кишварҳои хориҷи дур тавассути роҳҳои корвонгузари Осиёи Марказӣ ба авҷи аълои рушди иқтисоди худ расида буд. Аммо ҳатто таваҷҷӯҳмандтарин таърихчиён имрӯзҳо намедонанд, ки сарчашмаи боигарии Чин дар замони ҳукмронии сулолаи Тан, яъне дар давраҳои рушди тиҷорату савдои байниминтақавӣ бо молҳои гароннарху серхаридор умдатан аз ҷониби як идда мардумони ин минтақа ташкил карда мешуд, ки мавҷудияти онҳо имрӯзҳо қариб ки ба фаромӯшӣ афтодааст. Сухан дар бораи суғдҳо, яке аз халқиятҳои Эрони шимолӣ меравад. Агарчанде суғдҳо он давраҳо муташаккилии сиёсӣ ва империя бадаст наоварда бошанд ҳам, аммо дар асрҳои 6 то 8 империяи бузургтарини тиҷорат дар Осиёро зери назорати худ доштанд. Заминаҳои муваффақияту комёбиҳои онҳо хеле тӯлонӣ аст ва ба минтақае мебарад, ки он ба аҳолии худ тамоми имкониятҳоро пешниҳод мекард.

Миёни бузургтарин наҳрҳои Осиёи Марказӣ, Сирдарё ва Амударё шаҳрҳои қадима ба монанди Самарқанду Бухоро ва мавзее бо номи водии Зарафшон ҷойгир аст, ки имрӯзҳо қисман ба ҳудудҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон тааллуқ доранд. Аҳолии ин сарзамин нахустин бор дар асри 6 қабл аз милод дар дастхатҳои Ҳахоманишиҳои форс ҳамчун „суғдҳо" ёдрас шуда, мавзеи сукунати онҳо „Суғда" (Суғд) ном бурда шудааст. Таърихнависони Юнон онро дар дастхатҳои худ ҳамчун Согдиана унвон кардаанд. Суғд то истилои Искандари Мақдунӣ яъне то соли 329 (то милод) яке аз вилоятҳои империяи Ҳахоманишиҳо ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра суғдҳо ҳуруфи оромиро пазируфта, дар асоси он дар садсолаҳои нахустини милодӣ хати худро инкишоф доданд. Агарчанде онҳо ҳануз барвақт санъати сикказании тангаро аз юнониҳо омӯхта бошанд ҳам, аммо «тангаҳои хурд»-и онҳо ҳамчун асъори дорои қобилияти гардиш дар ҳудуди кишвар боқӣ монд. Барои тиҷорати бағоят муҳим бо кишварҳои хориҷи дур, ки асоси некӯаҳволии Суғд ба ҳисоб мерафт, тахминан аз солҳои 500-уми милодӣ тангаҳои нуқрагини Сосониҳо ба гардиш бароварда шуд.

Охирҳои ҳазорсолаи якуми то мелод суғдҳо дорои тамаддуни фавқулода ва шаҳрҳои бузурги тараққикарда буданд. Мавҷудияти Самарқанди имрӯза, ки он замон аз ҷониби юнониҳо Мароқанд номида мешуд, маҳз ба давраи суғдҳо нисбат дода мешавад. Оилаҳои тоҷирону савдогарони бузург ва ашрофзодаҳои дорои заминҳои васеъ қишри болоии ҷомеаи суғдҳоро ташкил медод.

Чун империяи ягонаи сиёсӣ вуҷуд надошт, шаҳр-давлатҳои суғдҳо он замонҳо ба шоҳигарии Бохтар тобеъ буданд, ки аз ҷониби ворисони Искандари Мақдунӣ таъсис ёфта буд. Ин шаҳр-давлатҳо агарчанде тахминан соли 145 то милод аз тарафи қабилаҳои кӯчманчии шарқу ғарбӣ, ки қисман саромадони қабилаҳои ҳуннуҳо (гуннҳо) буданд, валангор шуда бошанд ҳам, вале аҳолии онҳо тавонистанд худро аз хатари пурра нестшавӣ нигоҳ доранд.

Империяи онвақтаи хитоии Ҳан (206 т.м - 220 милодӣ) низ зери таҳдидҳои қабилаҳои савораи ҷангталаб азият мекашид. Вале империя тавони ҳифзи марзу буми худро дошт. Имкониятҳои бемаҳдуди иқтисодӣ, ки тавассути дастгоҳи мутамарказонидашудаи маъмурони давлатӣ идора мегардид, ба империяи Ҳан имкон медод, кӯчманчиҳоро бо тӯҳфаҳои нодир «харида» ва ё бо амалиётҳои ҳарбӣ тарсонида, онҳоро дар масофа нигоҳ дорад. Аз ҷониби дигар Хитой шурӯъ аз охирҳои асри 2 т.м экспедитсияҳои бузург таъсис медод, ки асосан ба Осиёи Марказӣ сафар мекарданд. Ҳадафи асосии ин гурӯҳҳои корӣ пайдо намудани иттифоқчиён дар ҳамсоякишварҳои минтақа барои мубориза бар зидди халқҳои шимол буд. Аз ҷониби дигар онҳо бояд имкониятҳои нави иқтисодиро омӯхта, робитаҳои тиҷоратӣ барқарор мекарданд. Дар баробари ин Хитой тавассути фиристодани намояндаву гумоштаҳо дар бораи халқҳое, ки берун аз марзҳои худ зиндагӣ мекарданд, маълумоти зиёд ба даст меовард. Хабарҳо дар бораи бохтарҳо (Афғонистони шимолӣ), империяи парфянҳо (Эрон) ҳанӯз соли 125 то мелодӣ ба дарбори император дар Чангон (имрӯза Сиан) ҳангоми бозгашти нахустин фиристодаи ӯ ба Ватан расида буданд. Ҷавоҳирот аз тиллову нуқра, ки аз ин кишварҳо ворид мешуданд, ҳамчунин аспони серхаридори водии Фарғона ва водиҳои дар болооби Сирдарё ҷойгирбударо император бо абрешим пардохт мекард. Вай ҳамчунин коргарону афсарони худро, ки дар вазифаҳои беруна кор мекарданд, маҳз бо абрешим маош медод, ки онҳо дар навбати худ ин наххои гаронбаҳоро дар кишварҳои иқомат паҳн менамуданд. Бад ин тариқ, Хитой бахусус дар солҳои 91 то 123 милодӣ миқдори зиёди абрешимро ба анборҳои шабакаҳои тиҷоратии Осиёи Маркази онвақта интиқол дод. Аз ин ҷо ин матоъи гароннарху серхаридор тавассути Бохтару Ҳинд ва сарзамини парфянҳо то ба империяи сезарҳои Рум паҳн мегардид. Мавзеъҳои аҳолинишини суғдҳо он замон нуқтаи борфарорию боркунӣ ҳисоб намеёфт.

Он замонҳо тавассути сарзамини суғдҳо танҳо якчанд роҳҳои тиҷоратӣ мегузаштанд. Вале аҳолии суғд дар сарчашмаҳои хитоӣ сабт ва чунин инъикос гардидаанд: «тоҷирону савдогаро-

ни рищдор бо чашмони чуқури худ мардуми дорои қобилияти хуби савдогарӣ мебошанд. Ҳамчун ҳамсафарону ҳамроҳони намояндагиҳои дипломатии дарбори императори Хитой онҳо бо муайян кардани хатсайрҳо ва барқарор кардани робитаҳо нақши гурӯҳи ташрифотиро иҷро мекарданд.

## Бераҳмиҳои табиат

Вақте ки соли 220 сулолаи Ҳан шикас хӯрд, мавҷи интиқоли абрешим ба Ғарб канда шуд. Аммо ин ягона монеаи сари роҳи тиҷорат дар Осиёи Марказӣ набуд. Бераҳмиҳои табиат, бахусус кам шудани захираҳои об вазъро бамаротиб бад намуда буд. Сарчашмаҳои археологӣ нишон медиҳанд, ки то охири асри 4 бузургтарин шаҳрҳои ободу обшор аз қабили Лулон дар ҳавзаи Тарим бо сабабҳои беобӣ хароб ва нобуд гардиданд. Ҳамчунин майдонҳои обшори Суғду Бохтар низ яке аз паси дигар камҳаҷм ва ба биёбон табдил ёфтанд. Олимону муҳаққиқони муҳити зист тавонистанд исбот кунанд, ки майдони аз баҳри Арал дар Қазоқистони ҳозира то кӯли Кингҳай дар Хитои ғарбӣ аз миёнаҳои асри 1 то охирҳои асри 4 мелодӣ дучори хушксолиҳои бардавом гардидаанд. Дар натиҷаи миқдори ками боришот обёрӣ ва киштукори майдонҳо дар ин минтақаҳо душвор ва номумкин гардид. Албатта, чӯпонҳои кӯчманчӣ метавонистанд дар натиҷаи ба роҳ мондани чорводорию молпарварӣ бидуни душворӣ зиндагӣ кунанд, аммо мардумоне, ки дар саҳро кор мекарданд, ҳоли табоҳ доштанд.

Халқҳои чорводору молпарвар аз ин бозиҳои табиат пурқувват шуда, бо истифода аз афзалияти худ ба таври ғасбкорона ва таҳдидомез ба маҳаллаҳои аҳолинишини Хитои шарқӣ ворид шуданд ва ҳатто ба онҳо муяссар гардид, ки империяҳои минтақавии худро таъсис диҳанд, агарчанде ин империяҳо хусусияти муваққатӣ доштанд.

Суғдҳо бошанд дар ин вазъи душвори гуруснагӣ ва нооромиҳои сиёсӣ ба таври прагматикӣ рафтор мекарданд. Онҳо асосан ба шуғли асосии худ машғул буданд. Ҳар қадар тиҷорати абрешим ба Шарқ мекӯчид, ҳамон қадар онҳо ба сарҳадҳои Хитой наздик мешуданду оқибат рӯзе онро гузаштанд. Онҳо ҳамзамон ба дарборҳои якчанд императорҳои Хитой ва сарватмандон хизмат намуда, онҳоро бо маҳсулотҳои ноёби Ғарб таъмин мекарданд.

Албатта, ба роҳ мондани чунин як соҳибкории серхаридору ҳамзамон пурхатар бидуни ҷонибдории ҳукумати пурқуввати Марказ номумкин буд, чуноне ки як бозёфти хоссаи археологӣ аз ин шаҳодат медиҳад. Соли 1907 Аурел Штайн, маҷористоние ки

дар хизмати ширкати „Бритиш-Индиенс“ қарор дошт, ҳангоми ковишҳои археологӣ дар дидбонгоҳи харобгардидаи наздикии мавзеи Дунҳуанг (дар қисмати Ғарби долони Ганзу) як бастаи мактубҳои то ҳол мӯҳраш нокушодаро пайдо намуд, ки соли 313 милодӣ бо ҳуруфи суғдӣ навишта шуда буданд. Мактубҳо ҳамагӣ аз хабару гузоришҳои фоҷианок дар бори вазъ дар кишвар ва тақдири бадбахтонаи ирсолкунандаи онҳо иборат буданд.

Дар яке аз мактубҳо, ки савдогаре аз долони Ганзу ба шарики худ дар Самарқанд навишта аст, чунин омадааст: „Касе аз Хитой намеояд, ки ба ту дар бораи вазъи он суғдҳое ривоят кунам, ки ба Хитой рафтаанд, дар кадом вазъ қарор доранд ва то куҷоҳо расидаанд. Аммо алоҳазрат, император, ки инҷо чунин ном бурда мешавад, бо сабабҳои гуруснагӣ гурехт ва ба зери қасри ӯ ва дигар қасрҳои шаҳр оташ гузошта шуд, ки дар натиҷа шаҳр тамоман сӯхта валангор шуд». Дар ҷумлаҳои поён бошад ӯ оҳи ба дард кашида, нақл кардааст: „Мо бе оилаю сарпаноҳ, пир ва дар дами марг қарор дорем». Дигар тоҷир бошад чунин навиштааст: «Аз Хитой ба ман ҳар рӯз на хабарҳои хуш, балки хабарҳои бад мерасанд».

Фалокатҳои он замон ба сари инсон омадаро дар асоси ду мактуби дигар низ пайхас намудан мумкин аст. Дар ин мактубҳо як нафар зане, ки аз ҷониби шавҳари худ дар Дунҳуанг бемолу пул танҳо гузошта шудааст, аз шавҳари худ талаб намудааст, ки яке аз хешовандони мардинаи ӯ омада ӯро барои баргаштан ба шаҳри Лулан ҳамроҳӣ кунад, зеро ӯ ҳамчун зани танҳо ба сафар баромада наметавонад. Вале нависандаи ин мактуб зимни навиштани он аллакай ҳис мекунад, ки шавҳари бевафояш ин дафъа низ ба мактубаш посух нахоҳад дод, аз ин рӯ худро дошта натавониста, шавҳарашро дашном медиҳад: «Кош ман зани саг ва ё хук мешудам, аз он ки зани ту ҳастам». Дар охири маткуб бошад духтари зан низ ба таври постскриптум он тақдири талхеро нигоштааст, ки ӯ ва модарашро интизор аст. Онҳо барои қарзҳои шавҳар ва падари худ ғулом ва чурӣ - хизматгори як нафар хитоӣ шудаанд.

Дар баробари душвориҳои молиявӣ ва эҳтиёҷоти инсонӣ дар ин нома қабл аз ҳама муҳимтарин факту далелҳои таърихӣ ба даст меоянд: Дар ибтидои асри 4 милодӣ аллакай дар шаҳрҳои ҳавзаи Тарим, Гансу ва Хитои шимолӣ якчанд ҷамъиятҳои суғдҳо мавҷуд будаанд. Миёни онҳо чи дар ҳаёти шахсӣ ва чи дар доираи савдою тиҷорат робитаҳои зич ҳукмрон буду онҳо бо ҳамшарикону хешовандон дар ватани худ Суғд мукотиба доштанд. Вале омили дигар ва муҳимтар, ки аз мактубҳои мазкур маълум мегардад ин аст, ки илму маърифат миёни суғдҳо яке аз арзишҳои воло ҳисобида мешуд. Ҳатто занону кӯдакон низ хондаю навишта метавонистаанд.

Новобаста аз ин чунин ба назар менамояд, ки фаъолиятҳои тиҷоратӣ дар солҳои охири қарни 4 милодӣ ба пуррагӣ аз байн рафтаанд. Ҳеҷ як маъхази хаттӣ ва бозёфти археологӣ ин давраи таърихро ба таври возеҳу равшан нишон намедиҳад. Шабакаи суғдҳо бошад, новобаста ба ин худро ҳамчунон бурдбору рақобатпазир нишон дода, давраҳои душворро паси сар намудааст. Аллакай дар асри 5 милодӣ беҳтаршавии вазъи сиёсию иқтисодӣ ба назар мерасад. Сарчашмаҳои хитоӣ аз мавҷудияти 19 нафар фиристодаҳо, бахусус аз Самарқанд шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои 435-509 ба таври мунтазам ба дарбори сулолаи Вай (386-535) рафтуомад доштанд.

**Аҷнабии азизу мӯътабар**

Моҳи майи соли 2000 як гурӯҳи кории Пажӯҳишгоҳи археологии музофоти Шаанксӣ дар қисмати шарқии шаҳри Сиан оромгоҳеро мекушоянд, ки дар дохили он ба ҷуз устухонҳои ҷуссаи як одами болиғ бо миёнбанд дар паҳлӯи санги қабр, ки дар долони оромгоҳ мехобид, инчунин як девони кории сангин дигар чизе набуд. Дар гузориши соли 2004 дар вобастагӣ ба кушодашавии ин оромгоҳ дастхатҳои хитоӣ ва саҳнаҳои дар тахтасангҳои девон тасвирёфта нашр шуданд. Ин бозёфт нахустин бор дар таърих ҳаёти суғдиҳои сарватмандро дар авҷи ҳокимияту нуфузи онвақтаи худ нишон медиҳад. Дар навиштаҷот чунин омадааст: «Ба ёдбуди Сабао Ан Ҷиа, саргубернатори ҳарбии Тончу (Вайнани имрӯза, 60 километрии ғарби пойтахти сулолаи Чжоуи шимолӣ Чанган) сохта шудааст». Марде ки устухонҳои он аз оромгоҳ пайдо гардид, соли 579 дар сини 62 солагӣ вафот кардааст. Вай дар ҳудуди музофоти имрӯзаи Вувей дар оилаи суғди бадавлат ва хитоизани ашрофзода ба дунё омадааст. Падари ӯ ба насли нави муҳоҷирони Бухоро тааллуқ дошт, ки баъди дубора рушд ёфтани иқтисод ва вусъат ёфтани савдою тиҷорат дар охирҳои асри 5 ва аввалҳои асри 6 ба давлату боигарӣ даст ёфта буд.

Лавҳаҳои девони сангӣ бо расмҳои ранга ва тиллокориҳои зиёд як нафар марди суғдиро нишон медиҳанд, ки дар тан кафтан (ҳафтон) ва каллапӯши конусшакли ҳошияҳояш бо пашму чарм орододашуда дорад. Вале ӯ на дар ҳолати низомӣ, яъне ӯ на ҳамчун губернатори ҳарбӣ, балки ҳамчун як нафар шахси ғайриҳарбӣ тасвир шудааст. Дар яке аз ин лавҳаҳо ин мардро дар маркази гуфтушунидҳои шахсони олирутба дидан мумкин аст.

Дар дигар ҷой бошад, ӯ ҳангоми вохӯриҳо дар болои асп, гуфтушунидҳои дипломатӣ дар дохили хайма, дар зиёфатҳои ашрофону шикорҳои шоҳон истодааст. Корвони шутурҳо ва

саҳнаҳои сафар нишон медиҳанд, ки мавзӯи гуфтушунидҳо кадом аст, яъне сӯҳбат дар бобати ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ буд. Тамоми манзараҳои тасвиршуда вазифаю ӯҳдадориҳои як нафар Сабаоро нишон медиҳад. Ин унвон транскрипсияи хитоии як калимаи суғдӣ мебошад, ки маънои ибтидоии он сорбон буд. Аз таъсиси нахустин маҳаллаҳои аҳолинишини тоҷирони Суғд бо унвони Сабао маҳз пешвоёни интихобшудаи ин ҷамоатҳо ном бурда мешуданд, ки бинобар маъхазҳои хаттӣ ба вазифаи онҳо идоракунии дохилии ҷамъият, ҳамчунин муаррифии онҳо дар берун дохил мешуд. Яъне онҳо дар масъалаҳои баҳсталаб нақши ҳакамҳоро бозида, дар масъалаҳои хориҷӣ аз қабили бастани шартномаҳои тиҷоратӣ ва амалиётҳои пулӣ бо асъорҳои гуногун масъул буданд.

Аз расмҳои лавҳаҳои оромгоҳи Ан Ҷиа чунин бармеояд, ки шарики муҳими марди тасвирёфтаи суғдӣ нафаре ба шумор мерафтааст, ки аз мӯисари баланд ва риши дарозаш турк будани ӯ маълум аст. Дар яке аз саҳнаҳои рамзӣ ҳар ду родмардони савора ба истиқболи якдигар омада истодаанд, агарчанде бо дарки воқеияти иқтисодию стратегӣ дарки ин расм барои мутахассисон душвор нест. Империяи туркҳо дар қисмати шарқии Хитой аз соли 560 шурӯъ карда, савдогарону тоҷирони суғдиро сарватманд гардонида буд. Тоҷирони турк айнан ба мисли тоҷирони суғд аз он манфиат мебардоштанд, ки дар Хитои шарқӣ ду сулола, яъне сулолаи Чжоуи шимолӣ (556-581) ва сулолаи Тсишимолӣ (550-577) барои соҳиб шудани ҳокимият мубориза мебурданд. Ҳар ду ҷониб низ ба туркҳо се садсола инҷониб боҷ медоданд, ки онҳо ё мавқеи бетарафиро ихтиёр кунанд ва ё як ҷониб онҳоро барои маҳв намудани қувваҳои ҷониби дигар истифода мебурд. Хитоиҳо ин маблағҳоро бо абрешим пардохт мекарданд. Бо ин тариқ як миқдори зиёди матои гаронбаҳо ба хонигарии Туркия ворид шуд. Суғдҳо бошанд ҳамчун дипломатҳои варзида аз ҷониби худ ва бо супориши хитоиҳо барои пардохти ин маблағҳо бо туркҳо гуфтушунидҳо мебурданд ва ҳамчунин бо тоҷирони турк барои бозорҳои Ғарб абрешим мефурӯхтанд.

Онҳо аз тасарруфи ватани худ аз ҷониби туркҳо (соли 560) моҳирона истифода бурда, дар натиҷаи забткориҳои туркон империяи тиҷоратии худро вусъат доданд. Аллакай соли 570 онҳо тиҷорати абрешим аз Қрим то Кореяро зери назорат доштанд. Сабао Ан Ҷиа мусоидаткор ва намояндаи як шабакаи глобалии суғдҳо ба шумор мерафт, ки бо ин девони сангин маҳз ёдгорие барои ӯ гузоштанд.

Яке аз заминаҳои асосии муваффақиятҳои суғдҳо дар кишварҳои мухталифи Осиё дар баробари донистани забонҳои бисёр ҳамчунин озод будани онҳо дар муносибат бо афкори

динӣ буд. Чун онҳо ба сифати тарҷумони ҳуруфҳои мухталиф кор мекарданд, дар сарчашмаҳои хитоӣ ҳамчун намоянда ва паҳнкунандагони се адёни наҷотбахш, яъне Буддоия, масеҳият ва монавиёт ном бурда шудаанд. Агарчанде бисёре аз ҷамъиятҳои суғдҳо як шакли дини зардуштияро пайравӣ мекарда бошанд ҳам, аммо онҳо нисбат ба пайравони динҳои дигар ба таври хайрхоҳона муносибат мекарданд. Маҳз ин плюрализм асоси муоширати бобарори онҳо бо шарикони тиҷоратӣ дар кишварҳои дигар буд. Дигар шарти асосии бурдбории онҳо қобилияти чандирию мутобиқпазирии онҳо ба муносибатҳои нави сиёсӣ шуморида мешуд. Вақте ки соли 618 оилаи императори хитоӣ Ли сулолаи Танро таъсис дод, суғдҳо аз оғоз дар таъсиси он ҳамчун мушовирон, афсарони артишҳо, дипломатҳо ва ҳунармандону тоҷирон иштирок мекарданд. Аммо маълум мешавад, ки нуфузи ҳарбӣ ва муваффақиятҳои молию иқтисодӣ ба баъзе аз ин нафарон нокифоя будааст.

Марде бо номи Ан Лушан, номи суғдиаш Рухшон (дурахшон) соли 742 губернатори нуфузманди марзи шимолу шарқ гардид. Вай шабакаи иқтисодӣ ва пули муҳоҷирони суғдро барои омода кардани исён ба муқобили дастгоҳи марказии император истифода бурд. Соли 756 ба вай муяссар гардид, ки бо артиши бузурги худ пойтахти империяи Тан шаҳри Чанган (имрӯз Сиан)-ро зери тасарруфи худ дарорад. Танҳо ҳафт сол баъд ошӯб фурӯ нишонда шуд. Аммо таъсири минбаъдаи он минтақаро солҳои дароз ноором кард. Тахмин меравад, ки зиёда аз нисфи аҳолии дар Хитой маскун дар ин муҳорибаҳо ҷони худро аз даст доданд. Сулолаи аз кашмакашиҳои ҳарбӣ заифшуда то соли 907 мавҷудияти худро нигоҳ дошт. Шабакаи тиҷоратии суғдҳо бошад дар ин нооромиҳо шикаст хӯрда, аз байн рафт.

Аз сабаби он ки ошӯбҳо қабл аз ҳама аз ҷониби мардуми ғайрихитоӣ ба роҳ монда шуд, аҳолии бумӣ ба таври умумӣ мардуми хориҷиро барои сар задани ошӯбҳо ва аз байн бурдани империяи Тан гунаҳкор намуданд. Дар натиҷа қисми зиёди хориҷиён аз дами теғ гузаронида шуда ва ё мутобиқат ва интегратсияи онҳо ба роҳ монда шуд. Он суғдиҳое ки ҷон ба саломат бурда буданд, ноилоҷ либоси хитоӣ ба бар карда, баромади ҷуғрофӣ ва зодгоҳи худро пинҳон мекарданд. Ҳамин тавр онҳо хитоӣ гардида, дар сарчашмаҳои таърихӣ шинохтану пайдо кардани онҳо номумкин гардид.

*Аз олмонӣ тарҷума ва таҳияи*
*Соҳибназар Ғайратшоев*
*Котиби дафтари матбуот ва фарҳанги*
*Сафорати Тоҷикистон дар Олмон*

*Ф.Усмонов*

# Давлатсозӣ ва чаҳорчӯбаи сулҳофаринӣ

Хотимаи ҷанги сард ва аз байн рафтани Иттиҳоди Советӣ ба поён омадани рақобати ҷаҳони дуқутба асос гузошт. Вале орзӯи он, ки сулҳ дар ҷаҳон пойдор мегардад ва ҷаҳон ҷои бехатарии бештаре мегардад, ҳанӯз ҳам ҷомаи амал напӯшидааст. Ҷои шубҳа нест, ки шумораи ҷангҳо байни давлатҳо коҳиш ёфтааст, вале ҳақиқати дигар он аст, ки шумораи ҷангҳои шаҳрвандӣ ба маротиб зиёд шудааст. Ҷаҳони яққутба дар асл шумораи ҷангҳоро кам накардааст, ин ҷаҳон танҳо характери ҷангҳоро тағйир додааст, яъне ҷойи ҷангҳои байнидавлатиро ҷангҳои дохилидавлатӣ гирифтааст. Вале як матлаби муҳимро ба инобат бояд гирифт, ки муносибат ба ҳалли қазия тағйир ёфтааст, яъне кишварҳо ҳамкориро дар чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ) фаъол намудаанд. Барои мисол он нуқтаро зикр кардан ҷоиз аст, ки "Иттиҳоди Советӣ дар давоми даҳ соли аввали таъсисёбии СММ аз ҳуқуқи ветои худ 79 маротиба истифода кардааст. Пас аз байн рафтани Иттиҳоди Советӣ, меросхури он Россия танҳо ду маротиба аз ин ҳуқуқаш истифода кардаасту бас. Дар хусуси Штатҳои Муттаҳидаи Америка (ШМА) бошад дар даҳ соли аввал аз таъсисёбии СММ аз ҳуқуқи ветои худ маротибае ҳам истифода накардааст, вале аз 9 ҳолати ахири истифодабарии ҳуқуқи вето дар Шӯрои амният, ҳафтои он ба ШМА иртибот дорад".[1]

Бо зиёдшавии нуфузи СММ, вазифаҳои он низ васеътар мегарданд, ки ин дар навбати худ боиси тағйирёбии характери амалиётҳои сулҳ шуд. Амалиётҳои сулҳи СММ аз анъанавӣ то мудохилаи гуманитарӣ васеъ гардид. Имрӯзҳо СММ дар "аслиҳахона"-и худ на танҳо амалиётҳои сулҳофаринро (peacekeeping) дорад, балки бо амалиётҳои зӯран, бо қувва ҷорӣ намудани сулҳ (peace inforcement) низ мусаллаҳ аст. Табиатан ҷангҳои шаҳрвандӣ бештар харобиоваранд, пурпечутобтаранд, талафотҳои ҷонӣ дар киёс бо ҷангҳои байнидавлатӣ беш-

таранд ва дар бисёр ҳолатҳо ба кишварҳои ҳамсоя паҳн мешаванду минтақаро ба гирдоби ҷанг мекашанд. Ҳалли мушкилии чунин намуди ҷанг вазифаи хеле мушкил аст, зеро тақсимоти захираҳои табиӣ, даромади иқтисодӣ ва рушди иҷтимоӣ миёни минтақаҳои ин ё он кишвар нобаробаранд.Зиёда аз ин ҷонибҳои даргир метавонанд созиш намоянд ва он созиш метавонад муваққатӣ шавад ва пас аз муддати кӯтоҳ бо як қувваи нав аланга гирад ва даҳсолаҳо идома ёбад. Ҷангҳо дар Судон аз солҳои шастум, дар Аче (Индонезия) аз солҳои ҳафтодум ва Афғонистон аз соли 1979 гувоҳи ин гуфтаҳост. СММ ба раванди давлатсозӣ ва сулҳофаринӣ бо мақсади решакан намудани сарчашмаҳои нооромиҳо, норизогиҳо, пешгирии ҷангҳои нав ва ҷорӣ намудани шароитҳо барои сулҳи доимӣ ворид мешавад. Дар ин ҷо ду амалиёти СММ, ки беназир ва нодиранд қобили зикр мебошанд. Ин амалиётҳо дар Тимори шарқӣ ва Косово гузаронида шудаанд ва СММ дорои қудрату ҳокимият ва салоҳияти бесобиқа будани худро таъйид намуд.

"Аввалин маротиба дар таърихи сулҳофаринии СММ, ба политсияи граждании байналмилалии амалиётҳои сулҳофаринии СММ масъулияти пурра бо роҳи иҷборӣ татбиқ намудани қонун дар минтақаҳои ваколатдор вогузор карда шуд. Политсияи граждании СММ ваколатеро дошт, ки аз вайронкунии қоидаҳои ҳаракати роҳ сар карда, то тафтишоти ҷиноятӣ ва нигоҳдории тартиботи ҷамъиятиро дар бар мегирифт ва ҳамчунин амнияти дохилӣ ва ҳимояи шаҳрвандони Косово ва Тимори шарқиро таъмин менамуд.

Назорати риояи тартибот ва қонун чун мафҳум истифода мешуд барои нишон додани қудрат ва таҷрибаи иҷборӣ татбиқ намудани қонун аз ҷониби политсияи байналмилалӣ дар доираи минтақаи масъулияти вогузошташуда. Намояндагони иттиҳоди байналмилалӣ салоҳияти на танҳо ҳимоя ва мусоидати татбиқи қонунро, балки бурдани тафтишот ва парвандаи ҷиноятиро доштанд. Ин политсия довар, танзимгар, ҳакам ва иҷрокунандаи қонун гардид. Дар лаҳзаҳои зарурӣ онҳо метавонистанд мафҳуми қонунро шарҳ диҳанд".[2]

## Давлатсозӣ

Мафҳуфи давлатсозиро, ҳамчун мудохилаи васеътари ҷомеъаи байналмилалӣ, ки аз ваколатҳои анъанавии ҷомеъаи байналмилалӣ (асосан тавассути СММ) – нигоҳдории сулҳ

ва сулҳофаринӣ ваколатҳои васеътар дошта ва он ба рушди институтҳои давлатӣ равона карда шудааст, маънидод кардан ҷоиз аст. Яке аз унсурҳои асосии давлатсозӣ ин бархе ва ё тамоми қудрату ҳокимияти мустақил барои давраи муайян таҳвил намудан ба ҷомеъаи байналмилалӣ мебошад.

Вазифаҳои намояндагии СММ дар Афғонистон, ки аз муҳайё намудани заминаҳо барои оштии миллӣ оғоз ва бо таъмин намудан бо кӯмакҳои башардӯстона ба ин кишвар анҷом меёбад, хеле васеъанд. Ҳимояи ҳуқуқи инсон ва масъалаҳои гендерӣ низ аз вазифаҳои намояндагии СММ мебошад. Ба таври дигар гӯем, ваколати СММ дар Афғонистон ба ваколати СММ дар Косово ва Тимори шарқӣ шабоҳат надорад, зеро ваколати СММ дар Афғонистон аз расонидани кӯмак ба ҳукумати ин кишвар иборат мебошад. Намояндагии СММ дар Афғонистон аз он ваколату қудрате, ки намояндагиҳои СММ дар Косово ва Тимори шарқӣ доштанд, фориғ аст. Вале ин иштибоҳ аст, агар тасаввуроте пайдо шавад, ки СММ ба раванди сулҳ дар Афғонистон шомил нест, ин танҳо модели дигари амалиёти СММ мебошад.

Хуллас давлатсозӣ ин дастгирии ҷомеаъи ҷаҳонӣ аз кишварҳои дар натиҷаи низоъи мусаллаҳона зарардида мебошад, Ин дастгирӣ дар таъсис, рушд ва сохтани қудрати институтҳои давлатӣ, аз ҷумла политсия, додгоҳ, суд ва ғайра зоҳир мегардад. Барои расидан ба ин мақсад сулҳ дар кишвар бояд пойдор бошад, яъне қадами аввалин барои давлатсозӣ ин сулҳофаринӣ мебошад.

## Сулҳофаринӣ

Амалиётҳои сулҳофаринии СММ танҳо як мақсад доранд таъмини сулҳу суббот. Ин амалиётҳо ба он равона карда шудаанд, ки ба давлатҳои дар натиҷаи муқовимати шаҳрвандӣ зарардида заминаҳо ва шароитҳо барои сулҳу суботи бардавом муҳайё карда шаванд. Характери мудохила ва амалиётҳои сулҳофаринии СММ аз сатҳ ва дараҷаи харобиҳои муқовимат овардашуда, вобаста аст. Мудохилаи ҷомеаи байналмилалӣ аз он сабаб муҳим мебошад, ки ҷангҳои шаҳрвандӣ ҳарчанд "маҳаллӣ" бошанд ҳам, вале бо суръати баланд ва осоният ба кишварҳои ҳамсоя паҳн мешаванд ва ба сулҳу суботи минтақа таҳдид менамояд. Маҳз ҳамин ҳолат СММ-ро водор месозад, ки ба муқовимат мудохила намояд, зеро дар ҳолати худдорӣ намудан аз ҳалли чунин намуд мушкилиҳо, низоъ метавонад ба кишварҳои дигар паҳн шавад.

Бепарвоӣ ва беэътиноии ҷомеъаи байналмилалӣ нисбат ба мушкилии Афғонистон боиси муташанниҷ шудани вазъият на танҳо дар минтақа, балки оқибатҳои даҳшатовар дар сатҳи ҷаҳонӣ овард ҳангоме, ки террористон дар ин кишвар паногоҳёфта тарҳи ҳуҷумҳои террористии сентябри соли 2001-ро кашиданд. Бефаъолияти СММ, дар шакли умум, боиси рӯи об баромадани чунин мушкилиҳо: савдои ғайриқонунии яроқу аслиҳа, диверсификатсияи роҳҳои интиқоли маводи нашъаовар, зиёдшавии гурезаҳо, вайронкунии мероси фарҳанги ҷаҳонӣ ва ба вуҷуд омадани мушкилиҳои муҳити зист гардид. Тамоми инро дар мисоли Афғонистон дидан мумкин аст.

Сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои дар натиҷаи ҷангҳои шаҳрвандӣ зарардида барои сулҳ ва масъалаҳои амниятӣ бағоят муҳим мебошанд. Рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз авлавиятҳои сулҳофаринӣ аст, яъне раванди сулҳофаринӣ азнавсозии потенсиали иқтисодӣ ва иҷтимоии он кишварҳо маҳсуб мешавад. Пойдорӣ ва нигоҳдории сулҳ бе рушди иқтисодии кишвар ғайриимкон аст. Унсурҳои моддӣ омили калидӣ барои аксарияти ҷангҳои дохилидавлатӣ аз нуқтаи назари тақсимоти номутаносиб ва нобаробари захираҳо мебошанд. Қудрат ва ҳокимият дар аксарияти кишварҳои рӯ ба тараққии ҷаҳон, аз ҷониби элитаҳои роҳбарикунанда, ки онро муҳаққиқони ғарбӣ элитаи маҳаллӣ меноманд, ғасб карда шудааст ва бо роҳи демократӣ таҳвили қудрату ҳокимият дар ин гуна кишварҳо вуҷуд надорад, зеро қудрат дар фаҳмиши онҳо баромад ба захираҳои кишварро дорад. Ақибмондагии иқтисодӣ ва мушкилиҳои иҷтимоӣ имконияти аз нав сарзадани ҷанги шаҳрвандиро баланд менамояд. Таҳвили қудрату ҳокимият дар кишварҳои рӯ ба тариққӣ аз он сабаб душвор аст, ки амнияти собиқ элитаҳои идоракунандаи давлат дар зери хатар гузошта мешавад. Ҳатто дар ҳолате, ки амнияти онҳо таъмин карда шавад, мушкилии асосии пас аз таҳвили қудрату ҳокимият дар характери иқтисодӣ ва сиёсии низоми давлат зоҳир мегардад, ки кафолати зиёд намудан ва нигоҳ доштани сарватҳои моддии ашхоси аз сари қудратрафтаро дода наметавонад. Элитаҳои маҳаллӣ эътимоди онро надоранд, ки моликият ва мавқеашонро пас аз даст рафтани қудрат имконияти нигоҳдорӣ дошта бошанд ва зиёда аз ин муҳимтарин омил он аст, ки онҳо бовар надоранд, ки бе қудрат сарвати худро бемамоният зиёд карда метавонанд. Пас ин ду омил, сулҳу амният аз як ҷониб ва рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз ҷониби дигар омилҳои калидӣ дар давраи пас аз ҷангӣ ба ҳисоб мераванд. Ин ду омил

ҳамбастагии зич доранд ва адами яке аз онҳо таъсир ба дигаре мерасонад: "рушд ва амният бо ҳамдигар печидаанд ва симбиозанд: адами амният садди роҳи рушд шуда метавонад ва рушд барои расидан ва нигоҳдории амният муҳим мебошад".[3]

Таъмини амният ва нигоҳдории сулҳ ҳуқуқи мустаснои амалиётҳои сулҳофаринӣ буда, ки дорои мандат ва ё ваколати СММ мебошанд. Қувваҳои сулҳофарини СММ–ро аскарону афсарон, полисҳо ва ҳайъати кормандони шаҳрвандӣ аз ҷониби кишварҳое, ки узвияти СММ доранд, ба сифати вакил фиристода мешаванд. Вазифаи онҳо назорати раванди сулҳ ва иҷрои ӯҳдадориҳои аз ҷониби қувваҳои даргир гирифташуда аст, ки ифодагари созишномаи сулҳи аз ҳар ду ҷониб ба имзорасида мебошад. Қувваҳои сулҳофаринии СММ ҳамчунин дар мустаҳкам намудани эътимоди якдигарии қувваҳои даргир ва боварисозӣ, гузаронидани интихобот ва ғайра мусоидат менамоянд: "сулҳофаринӣ на танҳо рушди иқтисодӣ ва иҷтимоист,мафҳуми он аз ҳудуди консепсияи моддӣ берун баромада, дорои хусусиятҳо ва унсурҳои субъективӣ аст, ки эътимод, боварии мутақобила, табобати захмиён ва дигарон аз зумраи онҳо мебошанд".[4]

Академияи байналмилалии сулҳ мафҳуми сулҳофариниро чунин маънидод менамояд: "Пешгирӣ, худдорӣ кардан ва ё тоб овардан, нармтар шудан ва хотима бахшидан ба хусумату душманӣ тавассути миёнаравии сулҳофаринии ҷониби сеюм, ки ҷомеаи байналмилалӣ танзим ва раҳнамоӣ менамояд ва қувваҳои умумимиллӣ, аскарон, полис ва шаҳрвандон барои барқарор намудани сулҳ ва пойдор нигоҳ доштани он мусоидат менамоянд". [5]

Таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз вазифаҳои раванди сулҳофаринӣ мебошад. Сулҳофаринӣ амсоли аз нав зиндашавӣ аст (реабилитатсия), яъне ба объектҳои ҳаётии кишвар ва ё ҳаётан муҳими кишвар равона шуда, қобилияти ҳаётии онро нигоҳ медорад. Сулҳофаринӣ давраи гузариши кишвар аст, давраи азнавсозӣ, азнавбарқароркунии рагҳои хунгарди асосӣ бо мақсади рушдиояндаи он кишварҳо мебошад, давраест миёни боздоштан ва анҷоми харобиҳо ва рушди иқтисодӣ:"сулҳофаринӣ, аз нав зиндашавӣ (реабилитатсия) ва ё марҳилаҳои аввали рушд" марҳилаи гузариш байни кӯмак расонидан ва рушд аст, на ин, ки рушди иқтисодии устувори давраи тӯлонӣ".[6]

Ҳамаи ин истилоҳҳо нисбатан наванд ва мафҳуми васеътарро ҳангоми иваз шудани вазифаҳо соҳиб мегарданд. Консепсияҳои қаблии сулҳофаринӣ ва нигоҳдории сулҳ мустақил буданд ва алоқамандию риштаҳои пайвасти онҳо омӯхта шуданд. Ҷанбаҳои

сулҳофаринӣ, дахолати башардӯстона ва нигоҳдории сулҳ дар давраи муайян зарурати будани мустақилиятро надоранд, вале ба шакли умум вобаста ба шиддатнокӣ ва таҳавуллоти вазъият вазифаҳои мухталифро иҷро менамоянд".[7]

Мувофиқи таҳқиқоти JICA, амалиётҳои нигоҳдории сулҳ қисми таркибии сулҳофаринӣ аст ва сулҳофаринӣ аз се сутун ва ё чаҳорчӯба иборат аст: Чаҳорчӯбаи ҳарбӣ; Чаҳорчӯбаи сиёсӣ; Кӯмак барои рушд".[8]

Категорияҳои ҳарбию сиёсӣ муносибати анъанавӣ буда, фаъолияти онҳо ба ҳайси нахустқадам барои паст намудани шиддатнокии муқовимат равона шудааст.Чаҳорчӯбаи ҳарбӣ иборат аст аз қувваҳои умумимиллӣ ва қувваҳои нигоҳдории сулҳи СММ, чаҳорчӯбаи сиёсӣ бошад дар таркиби худ амалиётҳои нигоҳдории сулҳ, дипломатияи пешгирикунанда, халъи силоҳ, миёнаравиро дорад. Категорияи севвум ин кӯмак барои рушд мебошад, ки ҳадафи асосии он ба пешгирии низоъ, расонидани кӯмаки оҷилии башардӯстона ва мусоидат дар азнавсозӣ дар марҳилаи баъдиҷангӣ равона карда шудааст.

JICA консепсияи сулҳофариниро чунин маънидод кардааст: " равандест, ки имконияти рух додани низоъро паст менамояд, паҳншавии низоъҳои ҷойдоштаро пешгирӣ менамояд, минтақаҳои аз ҷанг осебдидаро аз нав барқарор менамояд ва барои рушди устувори ин минтақаҳо замина мегузорад, ҳадафи ниҳоӣ кафолати рушди устувор ва мустақил тавассути таъмини рифоъи кишвар аз ҳисоби малакаҳои меҳнатие, ки кишвар ба он эҳтиёҷу ниёз дорад, мебошад".[9]

Аз ин нуқтаи назар сулҳофариниро метавон ҳамчун раванди се ҳадафи асосӣ: аз байн бурдани сабабҳои эҳтимолие, ки боиси сар задани ҷанг шуда метавонанд, кам ва паст намудани сатҳ ва дараҷаи низоъ, ҳамчунин бартараф намудани хисороти овардашудаи низоъ, метавон шинохт.

Хуллас, давлатсозӣ раванди нисбатан нав дар фаъолияти СММ мебошад. Бинобар ин механизми амалӣ намудани он ва дастурҳои интитутсионалӣ ҳанӯз дар раванди такмилёбӣ қарор доранд. Собиқ намояндаи махсуси Котиби Генералии СММ оид ба масъалаҳои Афғонистон ҷаноби Ладҳар Брахимӣ дар маърӯзаи худ таъкид намуд буд "СММ барои татбиқи лоиҳаҳои давлатсозӣ бе дастурамали институтсионалии возеҳу маълум ва консенсуси сиёсӣ ворид шудааст".[10] Ҳар як миссияи нави СММ новобаста аз он, ки он муваффақ буд ё не, маълумоти нав пешниҳод менамояд ва ин маълумот метавонад чаҳорчӯбаи нор-

мативии амалиётҳоиояндаро равшантару мушаххастар намояд. Маъмуриятҳои СММ дар Косово ва Тимори Шарқӣ, нақш ва ҳузури СММ бесобиқа буданд, вале хароҷотҳои ин маъмурият бениҳоят калон буданду ҳастанд. СММ аз ҷиҳати молия ва захира маҳдуд аст ва чунин "хароҷоти номаҳдудро" ба худ раво дидан наметавонад. Бинобар ин, яке аз вазифаҳои СММ ин гузаронидани амалиётҳои калону ва аз ҷиҳати ҳаҷми кор густарда бо захираҳои маҳдуди ин созмон мебошад ва маҳз ҳамин нуқта яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ваколати СММ дар Афғонистон аз дигар ваколатҳо мебошад.

Тавре, ки Брахими таъкид намуда буд, СММ «пеш аз ҳама бояд қудрати Афғонистонро – ҳам расмӣ ва ҳам ғайриҳукуматиро мустаҳкам намояд ва мувофиқи имконият ҳам ба иштироки маҳдуди байналмилалӣ ва кормандони афғонистонӣ такя намояд». Нақши сиёсии СММ зоҳиран дар муқоиса бо қувваҳои сулҳофаринии СММ дар Косово ва Тимори Шарқӣ паст карда шудааст. Агар ба рақамҳо рӯ оварда шавад, дидан мумкин аст, ки фарқият назаррас аст. Мувофиқи таҳқиқоти «Care International» таносуби куввахои сулҳофаринӣ дар Афғонистон нисбат ба аҳолӣ дар низоъҳои баъдиҷангии ахир камтарин мебошад. Дар Косово ба 48 нафар як аскари сулҳофарин, дар Тимори Шарқӣ ба 86 нафар як аскар ва дар Афғонистон ба 5380 нафар як аскари сулҳофарини СММ рост меояд. Аз ҳамин нуқтаи назар СММ дар Афғонистон бояд қабл аз ҳама ба худи мардуми ин кишвар такя намояд ва нақши қувваҳои даргири низоъ хеле калон мебошад. Қувваҳои даргири низоъи Афғонистонро мебояд кӯшиши зиёде ба харҷ дод, то ин ки созишномаи ба имзо расидаро татбиқ намоянд ва ҷомеъаи байналмилалӣ аз ҷониби худ барои амалӣ намудани ин кӯшишҳо бояд мусоидат намояд.

**Пайнавишт:**

1. Право на вето: История и статистика; http://emigration.russie.ru/news/5/679_1.html.

2. Renata Dwon. Executive Policing: Enforcing the law in Peace operation, The Stockholm International Peace Research Institute (SIPRI), 2003, http://stra.teg.ru/lenta/strategy/318/index_en.

3. Nassrine Azimi and Chang Li Lin, The Nexus between Peacekeeping and Peace-building: Debriefing and Lessons, London, Kluwer Law International, 2000, p.68.

4. Nassrine Azimi and Chang Li Lin, The Nexus between Peacekeeping and Peace-building: Debriefing and Lessons, London, Kluwer Law International, 2000, p.10.

5. Diehl Paul F., International Peacekeeping, The Johns Hopkins University Press, Baltimore and London, 1993, p.5.

6. Nassrine Azimi and Chang Li Lin, The Nexus between Peacekeeping and Peace-building: Debriefing and Lessons, London, Kluwer Law International, 2000, p.72.

7. Nassrine Azimi and Chang Li Lin, The Nexus between Peacekeeping and Peace-building: Debriefing and Lessons, London, Kluwer Law International, 2000, p.10.

8. JICA Network, Pecebuilding, October 2002, p.5.

9. JICA, Research study on Peacebuilding www.jica.go.jp/english/publication/studyreport/topical/research/index.html.

10. You the People: Transitional administration, State-building and the United Nations www.ipacademy.org/PDF_Reports.

**М. Шакурӣ**

# Сипоси бепоён сафири кабирро

Камина бо Рамазон Мирзоев аз он вақт, ки дар Эрон Сафири Кабир таъин шуд, бевосита ошноӣ пайдо кардам. То он замон ӯро ғоибона аз дур мешинохтам. Гоҳ-гоҳ аз фаъолияти ӯ чизе мешунидам, бавижа пас аз он ки дар Маскав сафири Тоҷикистон шуд, таърифи ӯро бештар шунидам ва номаш ба ёдам монд. Нахустин бор ӯро дар Эрон дидам.

Банда, ки дар Фарҳангистони забону адаби форсӣ узвият дорам, бо даъвати ин Фарҳангистон ҳар сол як-ду бор ба Теҳрон меомадам. Чун ба Теҳрон омадам, гоҳ ба Сафоратхонаи Тоҷикистон саре мезадам, аз омаданам хабар медодам. Дар ин маврид гоҳ ҷаноби Сафирро медидам ва бо андак сӯҳбат эҳтиром арз мекардам. Гоҳ ӯро дар ҷамъомаду ҷаласаҳо вомехӯрдам ва боз ин дидорбиниро барои арзи эҳтиром истифода менамудам.

Ҳар бор, ки бо ӯ ҳамсӯҳбат мешудам, эҳтироми ман нисбат ба ӯ бештар мешуд. Афзоиши эҳтироми ман чанд сабаб дошт. Як сабаб ин буд, ки ӯ дидадаро ва самимӣ, сӯҳбаташ дилкаш буд, бавижа бо эрониён ба гармӣ ва бамаъни гуфтугӯ менамуд ва ошкор буд, ки эрониён ӯро ҳурмат мекунанд. Ҳурмати эрониён ба Сафири Тоҷикистон чизи бисёр муҳим аст. Агар Сафир сазовори ҳурмат бошад, ҳурмат нисбат ба Тоҷикистон бештар хоҳад буд. Чун сафири Тоҷикистон дар як кишвар обрӯ пайдо кард, бояд бидонем, ки эътибори Тоҷикистон дар он кишвар бештар шуд. Рамазон Мирзоев эътибори Точикистонро дар Эрон болотар бурд.

Дигар чизе, ки маро хуш омад, он буд, ки Рамазон Мирзоев дар Теҳрон ба нишастхои фарҳангӣ ва илмӣ ҳам меояд, ҳатто суханронӣ мекунад. Боре банда дар Муассисаи фарҳангии ЭКО дар мавзӯи «Арзишҳои фарҳангии муштараки кишварҳои

ЭКО» маърӯза кардам. Ба ин нишаст сафирони Тоҷикистон, Афғонистон ва баъзе кишварҳои дигар даъват шуда буданд. Рамазон Мирзоев аз ҳама пештар омад ва то поёни ҷаласа нишаст. Ҳузури Сафири кабири Тоҷикистони азиз ҳангоми суханронӣ дили ин каминаро нерӯе бахшид ва меҳани меҳрбонро пушту паноҳи хеш дидам. Пас аз суханронии банда Рамазон Мирзоев низ як-ду сухан гуфт ва гуфтаҳои бандаро қувват дод.

Чун соли 2005 дар як маҷлиси бузурги шукӯҳманд ба иддае аз донишмандону санъаткорони эронӣ ва се нафар хориҷӣ, аз ҷумла ба банда мадраки «Чеҳраҳои мондагор» супурданд, Рамазон Мирзоев бо муовинаш дар толор ҳузур дошт. Камина шод будам, ки дар китоби Чеҳраҳои мондагор сабт шудани номи ман мояи ифтихори Сафири Тоҷикистон аст.

Банда аз Рамазон Мирзоев чанд бор некӣ, ғамхорӣ ва дилнавозиҳое дидаам, ки маро бисёр пуртаъсир омадааст. Муҳимтарини ин некиҳо соли 2007 зоҳир шуд. Соли 2007 банда сахт бемор шудам ва чаҳор моҳ дар касалхонаи дилдармонии Душанбе бистарӣ будам. Пизишки ҳозиқ ва инсони асил Соҳибҷон Раҳмонов бо кӯшишҳои донишмандона бандаро муолиҷа кард ва Худованди карим ба дасти ӯ маро аз ними роҳи он дунё баргардонд. Соҳибҷон маро бапо гузошт ва иҷозат дод, ки барои амали ҷарроҳӣ ба Маскав ё Теҳрон биравам. Ман сафари Теҳронро савоб дидам. Хабари бемории ва сафари ман ба Раиси Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон расид ва эшон ба Вазорати корҳои хориҷӣ супориш доданд, ки барои сафари ман кӯмак бикунанд. Аз Вазорати корҳои хориҷӣ ба сафоратхонаи Тоҷикистон дар Теҳрон чунин супорише расидааст. Ва Рамазон Мирзоев бо Фарҳангистони забону адаби форсӣ дар бемористони Меҳр ҷой омода сохтааст.

Камина бо ҳамсарам Дилафрӯзи Икромӣ ва дӯсти азизам Хол Муҳаммади Хол соати яки шаб (ба вақти маҳаллӣ) дар Теҳрон, дар фурудгоҳи Имом Ҳумайнӣ аз ҳавопаймо пиёда шудам. Ҳамин ки аз тафтишгоҳҳо гузаштам, дидам, ки Рамазон Мирзоев оғӯш кушода, ба пешвози ман меояд. Дидори сафири Тоҷикистони меҳрубон боз ҳам дили дардманди ин каминаро қуввати азиме ато кард. Аз чеҳраи Рамазон Мирзоев ва намояндагони Фарҳангистони забону адаб, ки низ моро пешвоз гирифтанд, намоён буд, ки дили онҳо пур аз меҳр аст ва муолиҷаи банда дар бемористони Меҳр ба некӣ анҷом хоҳад ёфт.

Рамазон Мирзоев ба фурудгоҳ барои ман як мошини тиббӣ оварда будааст. Ӯ ман ва ҳамсарамро ба ин мошин шинонду ба сӯи бемористон гусел кард. Қариби соати сеи саҳар ба бемористон расидам, ки намояндагони сафоратхона ва Фарҳангистон чашм дар роҳи мо доранд. Қариб соати чаҳор дар бемористон ҷо ба ҷо шудем. То он гоҳ намояндаони сафорат ва Фарҳангистон он ҷо буданд ва кӯшиданд, ки мо ба осонӣ ҷо ба ҷо шавем.

Банда дар бемористони Меҳр, ки яке аз беҳтарин дармонгоҳҳои Эрон будааст, ду ҳафта хобидам ва ҷарроҳӣ шудам. Дар ин муддат аз кормандони сафоратхона қариб ҳар рӯз як-ду нафар меомад. Рӯзе ҳамаи кормандони сафоратхона омаданд, хеле нишастанд, хушгӯиҳо карданд ва боиси тасаллои дили банда шуданд. Рамазон Мирзоев худ он рӯзҳо ба Душанбе рафта буд ва кормандонашро супориш додааст, ки ҳамеша аз ҳоли банда огоҳ бошанд.

Чун моҳи феврали соли 2009 боз ба Теҳрон омадам ва дар бемористони Меҳр сеюним ҳафта хобидам, боз ҳар рӯз ё рӯз дар миён кормандони сафоратхона ба беморбинӣ меомаданд, бо пизишки дармонгари ин камина - пизишки номдори Эрон оқои Фирӯзи Фасеҳӣ ё сардорони парасторон сӯҳбат мекарданд. Рӯзе Рамазон Мирзоев бо корманди сафоратхона Мулло Назари Назарзода омад. Он гоҳ банда хеле сиҳат ёфта будам ва метавонистам бо беморбинҳо андак сӯҳбат бикунам. Аз ин рӯ, Рамазон Мирзоев хушсӯҳбатӣ оғоз кард.

Ӯ пеш аз сафир таъин шуданаш дар Теҳрон чанд сол сафири Тоҷикистон дар Маскав буд. Аз солҳои сафириаш дар Маскав он рӯзҳо ҳикоят кард. На танҳо ҳикоятҳои шӯхиомез, балки нақлҳои ногувор ҳам кард. Аз ҷумла, аз охири умри Сотим Улуғзода, ки дар Маскав зиндагӣ дошт, аз омадани Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба зиёрати Улуғзода нақл кард. Солҳои охири умр аҳволи Улуғзода хуб набуд, ҳамеша бемор буд ва азият мекашид. Ҳамсараш овораи кори рӯзгору зиндагӣ, писараш машғули таҳсил буданд ва наметавонистанд ба ҳоли ӯ расидагӣ бикунанд. Аз ёрону дӯстони Улуғзода дар Маскав касе набуд, ки гоҳе аз ҳоли ӯ пурсон шавад. Улуғзода дар яке аз утоқҳои хонааш танҳо мехобид.

Он гоҳ ки Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Рахмон ба ҳолпурсии Улуғзода омаданд, Улуғзода ба азобе як-ду калима мегуфт, наметавонист сухан бигӯяд. Чун Ҷаноби Олӣ гармпурсӣ карданд,

Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ, ки ҳамроҳи Ҷаноби Олӣ буданд, шоирона гапҳо гуфтанд ва шеър хонданд, табъи Улуғзода хуш шуд, ба лабаш табассум дамид, андак-андак сӯҳбат кард. Он рӯз Улуғзода гӯё дубора ҷон гирифт. Мегуфтанд, ки пас аз ин Улуғзода чанд рӯз табъи болида дошт.

Он рӯз Ҷаноби Олӣ хоҳиш карданд, ки Улуғзодаро ба Душанбе баранд, зеро бештар он ҷо имкон ҳаст, ки мардум аз ҳоли эшон хабардор бошанд. Лекин ҳамсари Улуғзода розӣ нашуд, ки ба Душанбе бикӯчанд. Оқибат тобути Улуғзода ба Душанбе омад.

Рамазон Мирзоев инҳоро бо сӯзу гудоз мегуфт ва афсӯс мехӯрд, ки Улуғзода ба хорӣ ҷон ба Ҳақ супурд.

Рамазон Мирзоев аз ҳоли каминаи М. Шакурӣ огоҳ будааст ва хушнудӣ изҳор кард, ки ман дар пирсолӣ дар миёни наздикон ва дӯстон ҳастам ва ба хонаи ман рафтуомад бисёр аст, ҳатто дар Теҳрон дӯстони зиёд ҳастанд ва маро рӯзе танҳо намегузоранд. Рамазон Мирзоев худ яке аз ҳамин дӯстон буд, ки агарчи бо ҳикоя кардан аз поёни умри домулло Улуғзода табъи бандаро хира кард, бисёр кӯшид, ки ин ғамгинии бандаро бартараф бикунад ва бандаро шодиёнае бубахшад.

Ҳамин аст баъзе ёддоштҳои ман аз вохӯрӣ бо Рамазон Мирзоев. Аз ҳама вохӯриҳо таассуроти нек боқӣ мондааст. Дар ҳар вохӯрӣ некие аз ӯ дидаам. Ҳоло, ки маврид даст дод, ӯро барои он ҳама некиҳояш, барои хурсандиҳое, ки аз дидори ӯ каминаро ҳосил шуда буд, сипоси бепоён арз мекунам. Худованд ӯро умри дароз ва дар ҳама кор тавфиқ ато фармояд.

***<u>Аз бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон</u>***

*Идораи маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ» тасмим гирифтааст, ки дар ҳар шумораи худ муҳимтарин санадҳо ва дигар маводи мутааллиқ ба дипломатияи тоҷикро ба нашр расонад.*

*Дар ин шумора баъзе ҳуҷҷатҳое ба табъ мерасанд, ки ба давраи соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд ва барои омӯзиши он сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравад.*

*Санадҳо дар бораи эълом доштани Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ нақши муҳим доранд. Яке аз чунин ҳуҷҷатҳо* ***Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** *мебошад, ки 9 сентябри соли 1991 дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) қабул гардида буд. Худи ҳамон рӯз парлумони кишвар ба Конститутсияи (Қонуни асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Декларатсияи соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид намуда, асосҳои ҳуқуқии истиқлоли ҷумҳуриро ба вуҷуд овард. Ҳамин тариқ, Тоҷикистон ба марҳилаи нави пешрафт ворид гардид, ки истиқлолият ва соҳибихтиёрии давлатӣ мебошад.*

*То моҳи декабри соли 1991 ҷумҳуриҳои иттифоқии Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибистиқлол шуда буданд, вале дар баробари ин ИҶШС арзи вуҷуд дошт ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар бобати ба расмият шинохтани давлатҳои навтаъсис саросема намешуд. 8 декабр дар Вискули (Ҷумҳурии Беларус) бо иштироки сарони Россия, Беларус ва Украина ва 21 декабр дар Алмато (Ҷумҳурии Қазоқистон) бо иштироки аксари кулли сарони ҷумҳуриҳои пасошуравӣ ҳуҷҷатҳое ба имзо расиданд, ки мувофиқи онҳо Иттиҳоди давлатҳои мустақил таъсис ёфт ва зарурати мавҷудияти ИҶШС аз байн рафт. Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи худ, ки охири моҳи декабри соли 1991 ва аввали январи соли 1992 баргузор шуда буд, ин ҳуҷҷатҳоро ба тасвиб расонида, дар таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон заминаҳои нав гузошт. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки дар ин иҷлосия қабул шуд,* ***Муроҷиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои иттиҳоди ҷаҳонӣ*** *мебошад. Бояд зикр намуд, ки ба*

*расмият шинохтани ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ амалан пас аз расман барҳам хӯрдани он, яъне охири моҳи декабри соли 1992 шурӯъ шуд. Муроҷиатномаи зикршуда низ бо назардошти таҳаввулоти моҳи охир қабул шуда буд.*

*Тавре зикр гардид, то барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои ҷаҳон дар масъалаҳои ба расмият шинохтани ҷумҳуриҳои тозаистиқлоли фазои ИҶШС ва барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо онҳо шитоб намекарданд, вале кӯшишҳои ба роҳ мондани ҳамкориҳо ҷой доштанд. Аз ҷумла, тирамоҳи соли 1991 ба Тоҷикистон чанд ҳайати хориҷӣ ташриф овард, ки аксари онҳо аз ҷумҳуриҳои ИҶШС буданд ва мақсад аз онҳо роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои иқтисодӣ дар шароитҳои нав буд.*

*Миёни сафарҳои ҳайатҳои кишварҳои ба истилоҳ хориҷаи дур боздиди расмии ҳайати баландмақоми Ҷумҳурии Исломии Эрон бо сарварии Вазири корҳои хориҷии ин кишвар Алӣ Акбари Вилоятӣ ба Тоҷикистон, ки 1-2 декабри соли 1991 ба вуқӯъ пайваста буд, аз аҳамияти махсус бархурдор аст. Бояд зикр кард, ки он аввалин сафари расмии ҳайати баландмақоми кишвари хориҷӣ ба Тоҷикистон мебошад. Дар ҷараёни боздид ҳайат бо роҳбарияти онвақтаи Тоҷикистон чанд мулоқоту гуфтушунид доир намуд. 2 декабри соли 1991 дар шаҳри Душанбе дар натиҷаи мулоқотҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон* ***Эъломияи усул ва ҳадафҳои асосии ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон*** *ба имзо расид.*

*Дар поён матнҳои санадҳои зикршуда манзури хонандагони арҷманд мешаванд.*

## ИЗҲОРОТ
## Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тағйироти инқилобиро дар ИҶШС ба назар гирифта ва кӯшиши ҷумҳуриҳои соҳибихтиёри ба он дохилшаванда оиди аз нав барқарор намудани муносибатҳои байни ҳамдигарро эҳтиром намуда,

бо назардошти ҳуқуқи халқҳоро ба худмуайянкунӣ ва бо дарки масъулияти сарнавишти халқҳои сокини Тоҷикистон,

пайравии худро ба Эъломияи ҳуқуқи башар, дигар нормаҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ ва Эъломияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ки аз тарафи Анҷумани V ғайринавбатии депутатҳои халқи ИҶШС қабул гардидааст, тасдиқ намуда,

баҳри таъсиси давлати демократии ҳуқуқбунёд, ки сатҳи сазовори зиндагиро таъмин намуда, ҳимояи шараф ва эътибори ҳар як шаҳрвандро таъмин мекунад, кӯшиш намуда,

мувофиқи Эъломияи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон, ки 24 августи 1990 қабул шуда буд,

Шӯрои Олӣ истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълон мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарафдории бастани Шартнома дар бораи Иттиҳоди давлатҳои соҳибихтиёр, созишномаи иқтисодӣ байни давлатҳои мустақилу соҳибихтиёр бо шартҳои баробарҳуқуқию манфиатдории тарафайн бо интихоби озоди шаклҳои иштироки худ дар Шартнома ва созишномаҳо баромад намуда, тарафдори ташкили системаи мудофиаи коллективӣ ва амнияти давлатҳои Иттиҳоди соҳибихтиёр мебошад.

Дар муносибатҳои байналхалқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати субъекти мустақили ҳуқуқи байналхалқӣ баромад намуда, дар фаъолияташ барои ноил шудан ба сулҳи пойдор, нобуд кардани аслиҳаи ядроӣ ва дигар аслиҳаи қатли ом, роҳ надодан ба истифодаи қувва дар ҳалли баҳсҳо ва ихтилофҳои байни давлатҳои соҳибихтиёр сайъ намуда, ҳамкориро дар байни онҳо дар ҳалли масъалаҳои ҳаматарафа (глобалӣ), ки дар назди башарият истодаанд, тараққӣ медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии худро барои бевосита имзо намудани созишномаҳо ва шартномаҳои баробарҳуқуқ ва манфиатноки дутарафаю бисёртарафаи ба ҳамаи шарикон бе ягон шарти пешакӣ, ки манфиатҳои ягон давлати соҳибихтиёррро маҳдуд намекунад, изҳор медорад.

Дар сессияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул карда шуд.

***9 сентябри соли 1991***

## МУРОҶИАТНОМАИ
## Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
## ба давлатҳои иттиҳоди ҷаҳонӣ

Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи худмуайянкунии халқҳоро ба эътибор гирифта ва майлу кӯшиши ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Социалистии собиқро барои ба тарзи навин сохтани муносибатҳои байни худ эҳтиром намуда, 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эълом дошт ва 25 декабри соли 1991 Созишнома дар бораи ташкили Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро, ки 8 декабри соли 1991

дар шаҳри Минск ба имзо расида буд, тасдиқ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шуда, худро ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ шумурда:

тарафдории хешро ба принсипҳои Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид, санади хотимавии Хелсинки, хартияи Париж ва асноди дигари Маҷлиси машваратӣ оид ба Амният ва Ҳамкорӣ дар Европа таъкид мекунад;

барои бунёди давлати ҳақиқатан демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки шарафу шоистагии ҳар як фардро дифоъ мекунад, ҳуқуқҳои халқҳои сокини ҷумҳурӣ, гурӯҳҳои нажодӣ ва ақаллиятҳои миллиро кафолат медиҳад, кӯшишу талош меварзад;

халалнопазирии сарҳадоти мавҷудаи байни давлатҳоро, ки танҳо бо роҳи мусолиматомез ва ризояти дуҷониба метавонанд тағйир ёбанд, тасдиқ мекунад;

иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии марбутаро, ки аз қарордоду созишномаҳои Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Социалистии собиқ, минҷумла ҳамаи ӯҳдадориҳои оид ба масъалаҳои яроқпартоӣ ва вусъат пайдо накардани аслиҳаи ҳастаӣ, амнияти байналмилалӣ ва оромииии минтақа бармеоянд, замонат медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амри таъмини муҳити демократии давлати мутараққии ҳуқуқбунёд, шомил шудан ба узви иттиҳоди ҷаҳонии миллатҳо ба таври қотеъ омода буда, барои расидан ба ин ҳадаф таҷрибаи пешқадами гуногунҷанбаи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳонро фаъолона истифода мебарад, сиёсати ислоҳоти амиқи иқтисодӣ ва ташкили иқтисоди бозоргониро пайваста дар амал татбиқ месозад, усули созгортаринро дар ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои дигар таъмин менамояд, шароити мусоиди сармоягузориро бо назардошти андозситонии муносиб ва имконияти бозгашти даромади сармоягузорони хориҷиро дар қаламрави худ фароҳам меоварад, ҳамкории мутақобилан судмандро, ки манфиатҳои давлатҳои мустақилро маҳдуд намекунад, бо ҳамаи ҳарифони ҷонибдори принсипҳои демократия ва озодӣ вусъат медиҳад.

Бо назардошти нуқтаҳои фавқуззикр ба давлатҳои аъзои иттиҳоди ҷаҳонӣ бо хоҳиш муроҷиат менамоем, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф кунанд ва бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намоянд.

***4 январи соли 1992 дар сессияи ёздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум қабул шудааст***

ЭЪЛОМИЯИ

усул ва ҳадафҳои асосии ҳамкории байни
Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии
Исломии Эрон

Бино ба даъвати Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Ҳаёев Вазири умури хориҷаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷаноби оқои Алӣ Акбари Вилоятӣ дар сарварии ҳайати вакилони олимартаба аз таърихи 1декабри соли 1991 милодӣ то 2 декабри соли 1991 милодӣ мутобиқ бо 10 озармоҳи соли 1370 ҳиҷрии шамсӣ то 11 озармоҳи соли 1370 ҳиҷрии шамси ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташрифи расмӣ овар-данд.

Дар ҷараени ин сафар ҳайати вакилони Ҷумҳурии Исломии Эрон бо Р. Набиев - Раиси Ҷумҳур, И. Ҳаёев - Сарвазир ва дигар мақомоти олимартабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот ва гуфтугӯ намуд. Ин мулоқот дар вазъияти дӯстона ва ҳусни тафоҳум сурат гирифт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ба суннатҳои дӯстии миёни халқҳои Тоҷикистон ва Эрон, ки решаҳои амиқи таърихӣ доранд, такья намуда, манфиатҳои дарозмуддати ду Тарафро дар назар дошта, бар пояи усули шинохташудаи байналмилалӣ, баробарии ҳуқуқ, эҳтироми соҳибихтиёрии миллӣ , бар асоси манфиатҳо ва таахҳудоти мутақобил ва бо таъкид ба мазмуни Меморандуме, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон 20 ноябри соли 1990 милодӣ мутобиқ ба 29 обонмоҳи соли 1369 ҳиҷрии шамсӣ ба имзо расидааст, тавофуқ карданд, ки сатҳи сифатии ҳамкории мутақобилан судмандро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ инкишоф диҳанд.

Ва ин манзур тавофуқоти зайл ҳосил гардид:

1. Тарафайн мулоқот ва музокироти байни роҳбарони сиёсии ду Тарафро василаи муҳими таҳкими дӯстии мардуми Тоҷикистон ва Эрон дониста, тавофуқ намуданд, ки мақомоти сиёсӣ ва парлумонии ду Тараф ба таври мунтазам бо якдигар мулоқот намоянд.

- 2 -

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон бо алоқамандӣ ба ҳифзи равобити наздик, мустақим, дӯстона ва ба манзури таҳкими муносибатҳои дуҷониба тавофуқ намуданд, ки дар пойтахтҳои ду Тараф роҷеъ ба таъсиси сарконсулгариҳои худ иқдом кунанд.

Дар ин асос Ҷумҳурии Исломии Эрон таи се моҳи оянда дар хусуси ифтитоҳи сарконсулгарӣ дар пойтахти Тоҷикистон иқдом хоҳад намуд. Байни Вазорати умури хориҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати умури хориҷаи Ҷумҳурии Исломии Эрон дар зарфи хамин муддат барои фароҳам сохтани шароити лозима ва қарордодҳои марбута музокира сурат хоҳад гирифт.

Бино ба пешниҳоди Тарафи тоҷикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон то фароҳам омадани шароити таъсиси сарконсулгарӣ дар Эрон, намояндагии худро дар сафорати Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Социалистӣ дар Теҳрон, ки ба сурати бахши таркибии он сафорат амал хоҳад кард, ташкил медиҳад.

3. Бо таваҷҷух ба муносибатҳои дерини таърихӣ ва суннатҳои куҳани дӯстӣ ва мазҳабии ду халқ хар иқдоме, ки битавонад барои мутақобилан баҳра бурдан аз арзишҳои маънавӣ ва ҳамвор намудани роҳи ошноии беш аз пеши мардуми Тоҷикистон ва Эрон кӯмак кунад, мавриди ташвиқ ва тақдир қарор хоҳад гирифт.

4. Тарафайн ба густариши минбаъдаи ҳамкорӣ дар заминаҳои мухталифи фарҳангӣ, мазҳабӣ, илму адаб, тиб, матбуот, хунар, синамо ва баргузор намудани намоишгоҳҳои китоб ва ҳафтаҳои бузургдошти фарҳанги ду Тараф тавофуқ намуданд.

5. Тарафайн мувофиқати хешро ба ҳамкории наздик байни марказҳои радио ва телевизион барои эҷод намудани барномаву фильмҳои муштарак, мубодилаи иттилоот, тасҳилоти мутақобил ва ташкили намояндагиҳои хабарнигорӣ эълом намуданд.

- 3 -

6. Тарафайн мувофиқати хешро ба эҷоди қарордод роҷеъ ба туризм ва ҳамчунин густариши ҳамкориҳои варзишӣ аз тариқи фиристодани дастаҳои варзишгарон ва мураббиёни онҳо эълом намуданд.

7. Тарафайн тавофуқ намуданд, ки дар ояндаи наздик Барномаи ҳамкории дуҷонибаро дар риштаҳои илм, омӯзиш, фарҳанг ва варзиш ба тавре, ки мубодилаи устодон, донишҷӯён ва муҳаққиқони марказҳои илмӣ ва омӯзиши олиро таъмин намояд, таҳия ва имзо намоянд. Ҳамчунин Тарафайн ахамияти ҳамкории муштаракро дар густариши забону адабиёти форсӣ ва таъмири осори таърихӣ таъкид намуданд.

8. Ба манзури нашри ҳарчи беҳтари осори марбут ба забону адабиёти форсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавофуқ шуд, ки бо таваҷҷух ба мувофиқатномаи бо нашриети "Алҳудо" имзошуда дар Душанбе маркази чоп ва нашри китоб бо сармоягузорӣ ва идораи муштарак таъсис гардад.

9. Рушди муваффақиятомези ҳамкории мустақим ва мутақобилан судманди иқтисодӣ умуман барои муносибатҳои дуҷониба ахамияти бағоят калон дорад. Бар ин мабно Тарафайн ба ширкати созмонхо ва муассисаҳо дар сохтани тарҳҳо ва барномаҳои рушду тавсеаи Тарафи дигар, таҳқикот ва тарроҳии муштарак дар умури сохтмон, таъсисоти саноатӣ ва кишоварзӣ, бозсозӣ ва навсозии муассисоти мавҷуда, эҷоди муассисоти муштараки тавлидӣ ва бозаргонӣ, ширкатҳо ва бонкҳои омехта, мубодилаи технологияи навин, ба кишварҳои якдигар фиристодани мутахассисон ва ҳамчунин ба тарбияи мутахассисони соҳаи саноат, умури бозаргонӣ, бонкдорӣ ва кишоварзӣ мусоидат хоҳанд кард.

Тарафайн ба манзури истифодаи таҷрибаҳои якдигар дар заминаҳои мухталифи бозаргонӣ, саноат ва тиҷорати озод дар шаклҳои нав барои давраи тӯлонӣ ҳамкорӣ намуда, чиҳати осон наму-

- 4 -

дани гардиши муомилот ва мол дар доираи манфиатхои мутақобилан судманд иқдом хоҳанд кард.

10. Ҳамкорӣ дар заминаҳои почта ва алоқа мавриди таъкиди Тарафайн қарор гирифт.

11. Тарафайн бо таваҷҷӯҳ ба зарурати густариши равобити тиҷоратӣ мувофиқати хешро ба ташкили шӯъбаҳои банкӣ, суғурта ва дигар муассисаҳои бозаргонӣ (давлатӣ ва хусусӣ) дар Теҳрон ва Душанбе эълом намуданд. Таи ду моҳи оянда коршиносони ду Тараф музокироти тахассусиро барои таҳияи қарордодҳои марбута анҷом хоҳанд дод.

12. Тарафайн ба манзури густариши равобити мутақобилаи бозаргони ташкили намоишгоҳҳои саноатӣ ва бозаргониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон таъкид намуданд. Ҳамчунин муқарар шуд, ки ҳар яке аз ду Тараф масъалаи ба Тарафи дигар вогузор намудани маҳаллеро барои намоиш ва фурӯши молхои онҳо баррасӣ хоҳад кард.

13. Тарафайн тавофуқ намуданд, ки дар хусуси бастани қарордодхои ҳамлу накли заминӣ ва роҳи охан байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон мусоидати лозимаро ба амал оваранд.

Таи ду моҳи оянда коршиносони ду Тараф музокироти тахассусиро барои таҳияи карордодҳои лозим анҷом хоҳанд дод.

14. Тарафайн мувофиқати хешро ба ташкил намудани хатти парвози Теҳрону Душанбе ва билъакс эълом намуданд ва тавофуқ карданд, ки нисбат ба бастани қарордоди ҳавоӣ ва хадамоти парвозӣ иқдом намоянд.

15. Тарафайн мувофиқати хешро нисбат ба бародархондагии шаҳрҳои Шероз ва Душанбе эълом намуданд.

\- 5 -

Ин эъломия 2 декабри соли 1991 милодӣ мутобиқи 11 озармоҳи 1370 ҳиҷрии шамсӣ дар ду нусха, ба забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ, ки ҳар ду эътибори яксон доранд, дар шаҳри Душанбе - пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гардид.

АЗ ТАРАФИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН

ИЗЗАТУЛЛО ҲАЁЕВ -
САРВАЗИРИ ҶУМҲУРИИ
ТОҶИКИСТОН

АЗ ТАРАФИ ҶУМҲУРИИ
ИСЛОМИИ ЭРОН

АЛӢ АКБАРИ ВИЛОЯТӢ-
ВАЗИРИ УМУРИ ХОРИҶАИ
ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

***<u>Китобиёт</u>***

*Ин гӯшаи маҷалла ба адабиёте бахшида мешавад, ки ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон, назария ва амалияи он, таърихи дипломатияи тоҷик, масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дахл доранд. Мавод дар шакли тақриз, муаррифиномаҳо ва дигар шакли барои хонанда мувофиқ пешкаш карда мешаванд.*

*Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо истифода аз имкониятҳои худ дар ин мавзӯъҳо китобу рисолаҳо ба табъ расонад. Кор дар ин самт бомаром ҷараён гирифта, натиҷаҳои назаррас ба бор овард. Дар ин шумора номгӯи китобҳое, ки тайи солҳои охир Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода ва чоп намудааст, бо шарҳи мухтасари мундариҷаи онҳо пешкаши хонанда мегардад:*

1. **Тоҷикистон – САҲА: муколама ва ҳамкорӣ.** Зери таҳрири умумии Ҳамрохон Зарифӣ; Тартибдиҳандагон – Д. Назриев, М. Ҳусейнов. - Душанбе "Ирфон", 2009, 352 с.

Дар ин китоби бахшида ба 15-солагии ҳузури Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳое ҷамъ оварда шудаанд, ки ҳамкориҳои самараноки миёни Тоҷикистон ва САҲА-ро дар самтҳои гуногун инъикос мекунанд. Китоб кӯшиши нахустини нашр кардани маҷмӯаи мавод оид ба ҳамкории Тоҷикистон бо САҲА ва фаъолияти намояндагии ин Созмон дар Тоҷикистон мебошад.

2. **Tajikistan and the OSCE: Dialogue and Co-operation.** Edited by Hamrokhon Zarifi; Compilers – D. Nazriev, M. Khuseinov. - Dushanbe, "Irfon", 2009, 336 pages.

This book consists of materials on close co-operation of our country with the OSCE.

3. **Таджикистан – ОБСЕ: диалог и сотрудничество.** Под общей редакцией Хамрохона Зарифи; Составители – Д. Назриев, М. Хусейнов. - Душанбе: "Ирфон", 2009, 324 с.

В данной книге, которая посвящена 15-летию присутствия Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе в Республике Таджикистан, собраны материалы, рассказывающие и свидетельствующие о тесном сотрудничестве нашей страны с ОБСЕ.

Книга является первой попыткой публикации сборника материалов о сотрудничестве Таджикистана с ОБСЕ и деятельности ее представительства в Таджикистане.

4. **Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз.** Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. - Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. Душанбе: “Ирфон”, 2009. - 296 с. мусаввар.

Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон.

Китоби дуҷилдаи «Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз» ба 65 - умин солгарди таъсисёбии Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Дар ҷилди якуми китоб марҳилаҳои муҳимтарини ташаккулёбӣ ва рушди дипломатияи тоҷик дар солҳои мавҷудияти идораи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, бахусус дар давраи истиқлолияти давлатӣ вазъи имрӯзаи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва сохторҳои байналмилалӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Китоб бо сарсухани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оғоз меёбад. Дар китоб мақолаи Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ «Истиқоли давлатӣ ва рушди дипломатияи тоҷик» ва чунин фаслҳо ҷой дода шудаанд: «Ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои шарик»; «Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва иттиҳодияҳи байнидавлатӣ»; «Солномаи рӯйдодҳои муҳими фаъолияти байналмилалии Тоҷикистон (1944 - 2009)»; «Боздидҳои ҳайатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз кишварҳои хориҷӣ (1991 - 2009)»; «Боздидҳои ҳайатҳои хориҷӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991- 2009)»; «Раванди музокироти байни тоҷикон».

Дар китоб ҳамчунин зиндагиномаи вазирони корҳои хориҷии Тоҷикистон дар давоми тамоми давраи фаъолияти Вазорат, инчунин мушовирони давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ оварда шудаанд. Китобро мақолаи Д. Назриев «Назаре ба таърих ва анъанаҳои дипломатияи тоҷик» анҷом мебахшад. Мувофиқ ба мазмуну мундариҷаи ҳамаи фаслҳо теъдоди зиёди расмҳо оварда шудааст. Барои доираи васеи хонандагон эҳдо мегардад.

5. T**ajikistan Diplomacy: The past and the present.** Two-volume edition. Volume 1. Edited by Hamrokhon Zarifi. Dushanbe: "Irfon", 2009, 269 pages, illustrated.

Series: Tajikistan Foreign Policy.

Two-volume edition «Tajikistan Diplomacy: The past and the present» is dedicated to the 65 anniversary of establishment of Ministry of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan.

The first volume reflects major milestones in formation and development of Tajik diplomacy over the years of existence of the country`s foreign affairs agency, especially the years of state independence, and current status of bilateral and multilateral relations of Tajikistan with foreign countries and international structures. The book opens with the foreword by the President of the President of the Republic of Tajikistan Mr. Emomali Rahmon.

The book includes an article by the Minister of Foreign Affairs- Mr. Hamrokhon Zarifi «State Independence and Development of Tajik Diplomacy» and the following sections: «Tajikistan`s cooperation with partner countries»; «Collaboration with international organizations and intergovernmental alliances»; «The chronicle of the crucial events in international activity of Tajikistan in 1944-2009 » ; «Visits of Tajikistan delegations to foreign countries (1991-2009) »; « Visits of foreign delegations to epy Republic of Tajikistan (1991-2009); «The process of inter Tajik peace negotiations»;

The book describes biographies of the Ministers of Foreign of Affairs of Tajikistan over the entire period of this agency`s existence. It is concluded with the article by D. Nazriev «About the history and traditions of Tajik diplomacy».

The book is intended for the broad spectrum of readers.

6. **Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня.** В двух томах. Том 1. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи. Душанбе: "Ирфон", 2009, 296 с. илл.

Серия: Внешняя политика Таджикистана.

Двухтомная книга «Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня» посвящена 65-летию образования Министерства иностранных дел Таджикистана.

В первом томе книги отражены основные вехи формирования и развития таджикской дипломатии за годы существования внешнеполитического ведомства республики, особенно в годы государственной независимости, нынешнее состояние двусто-

ронних и многосторонних отношений Таджикистана с зарубежными странами и международными структурами.

Книгу открывает предисловие Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона.

В книге размешена статья Министра иностранных дел Республики Таджикистана Хамрохона Зарифи «Государственная независимость и развитие таджикской дипломатии», имеются такие раздели: «Сотрудничество Таджикистана со странами –партнерами»; «Хроника важнейших событий международной деятельности Таджикистана (1944-2009 »; «Визиты делегаций Республики Таджикистан в зарубежные страны (1991-2009)»; «Визиты зарубежных делигаций в Республику Таджикистан (1991-2009)»; «Межтаджикский переговорный процесс».

В книге приведены биографии министров иностранных дел Таджикистана за весь период существования ведомства. Книгу завершает статья Д. Назриева «Об истории и традициях таджикской дипломатии»

Все разделы книги снабжены большим количеством фотоматериалов.

Книга рассчитана на широкий круг читателей.

7. **Дипломатия Таджикистана. Ежегодник – 2007 год.** Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи. Составители Д. Назриев и др. - Душанбе, "Ирфон", 2010. - 324 с.

Серия книг: Внешняя политика Таджикистана.

В информационном бюллетене Министерства иностранных дел «Дипломатия Таджикистан» достаточно подробно освещена внешнеполитического деятельность Таджикистана за 2007 год, усилия в улучшении отношений между странами на региональном и мировом уровне.

8. **Дипломатия Таджикистана. Ежегодник - 2008 год.** Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи. Составители Д. Назриев и др. - Душанбе, "Визапринт", 2010, - 272 с.

Серия книг: Внешняя политика Таджикистана.

В информационном бюллетене Министерства иностранных дел «Дипломатия Таджикистана» достаточно подробно освещена внешнеполитического деятельность Таджикистана за 2008 год,

усилия в улучшении отношений между странами на региональном и мировом уровне.

9. **International Conference on Water Related Natural Disasters Reduction.** Dushanbe, June 27-29, 2008. Mr. Hamrokhon Zarifi – the Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan, Deputy Chairman of the Organization Committee of the International Conference on water related disaster reduction – General Editorship of the book. Compliers: Prof. Pulatov Y.E., Arifov H.O.OdinaevA.T.

Dushanbe, "ORBITA", pages 160

This book consists of materials on close conference on water related natural disasters reduction, the sectors of Session, Session recommendation and short information about Tajikistan with some photos which represent Tajikistan and duration of the conference.

10. **Международная конференция по сокращению стихийных бедствий, связанных с водой.** Душанбе, 27-29 июня 2008 г. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи – Министра иностранных дел Республики Таджикистан, заместителя Председателя Организационного Комитета Международной Конференции по сокращению стихийных бедствий связанных с водой. Составители: Проф. Пулатов Я.Э., Арифов Х.О., Одинаев А.Т.

Душанбе, "ОРБИТА", -160 с.

В данной книге речь идёт об итогах Международной конференции по сокращению стихийных бедствий, связанных с водой, проходившей в городе Душанбе 27-29 июня 2008 года.

11. **International High Levewl Conference on the midterm Comprehensive review of the International decade for action «Water for life, 2005-2015»**, 8-10 June 2010, Dushanbe, Tajikistan. Source: Edited by Hamrokhon Zarifi, The Minister of Foreign Affairs of the Republic of Tajikistan. - Dushanbe: "Vizaprint", 2010, 320 pages, illustrated

Series: Tajikistan Foreign Policy

This book is about the results of the High Level International Conference on the Midterm Comprehensive Review of the International Decade for Action "Water for Life", 2005-2015, which was held in Dushanbe in June 8-10, 2010, which reflected the first half of the International Decade for Action "Water for Life" and gave

possibility for midterm comprehensive review of achievements of the expired period of Deade and definition of political course for its second half, as well as acceleration of progress in the way of achievement of Millennium Development Goals.

12. **Международная конференция высокого уровня по среднесрочному всеобъемлющему обзору хода выполнения Международного десятилетия действий "Вода для жизни", 2005 – 2015**, Душанбе, Таджикистан, 8-10 июня 2010 года. Под общей редакцией Хамрохона Зарифи, МИД РТ

Душанбе: "Офсет", 2010, 352с.

Серия: Внешняя политика Таджикистана.

В данной книге размещены материалы Международной конференции высокого уровня по Среднесрочному всеобъемлющему обзору хода проведения Международного Десятилетия действий «Вода для жизни», 2005-2015 гг., проходившей в городе Душанбе 8-10 июня 2010 года, которая подводила черту под первой половиной Международного десятилетия действий «Вода для жизни» и дала возможность для среднесрочного всеобъемлющего обзора достижений истекшего периода Десятилетия и определения политического курса на его вторую половину, а также ускорения прогресса на пути достижения Целей Развития Тысячелетия.

13. **Tajik Arts and Crafts**

Edited by Hamrokhon Zarifi, Compiler: D. Nazriev

Series of book: Foreign Policy of Tajikistan

Dushanbe: "Irfon", 2010, 252 pages.

The illustrated Book is devoted to the Tajik Arts and Crafts. Information is given on various branches og this kind of art including embroidery, gold embroidery, calking, painting, cotton printing, woodcarving, ceramics as well as exhibits of this and other kinds of national art are widely represented herein. The book also contains information and descriptions on national clothes, musical instruments as well as the Oxus Treasure and is enriched with pictures and artistically performed patterns.

14. **The 37-th Session of the OIC Council of Foreign Ministers.** 18-20 May 2010, Dushanbe, Tajikistan

Source: Edited by Hamrokhon Zarifi

The Minister of Foreign Affairs of the Repulic of Tajikistan

Dushanbe, "Irfon", 2010, 172 pages, illustrated

Series: Tajikistan Foreign Policy

This book consists of materials on close co-operation of our country with the Organizationnof the Islamic conference (OIC).

15. **Внешняя политика Таджикистана в зеркале прессы**. Пресс-конференции Министра иностранных дел Республики Таджикистан Хамрохона Зарифи (2007-2009 гг.)

Под общей редакцией Хамрохона Зарифи, МИД РТ

Подготовленный Управлением Информации МИД РТ.

Душанбе: Республиканский пресс-центр Общественная организация "Иттилоот ва Муошират", 2009, 168с.

В данном сборнике собраны материалы пресс-конференций Министра иностранных дел Республики Таджикистан Хамрохона Зарифи, посвященные итогам деятельности Министерства за период 2007-2009 гг.

17. **Хамрохон Зарифи. Многовекторная дипломатия Таджикистана** (Статьи, интервью, высткпления, хроника визитов и встреч) - Душанбе: Издательство ООО «Офсет», 2010. - 352 с.

Серия книг: Внешняя политика Таджикистана.

Книга представляет собой сборник статей, интервью, выступлений, хроники визитов и встреч Министра иностранных дел Республики Таджикистан Хамрохона Зарифи с декабря 2006 года. Издание данной книги приурочено к знаменательной дате для суверенного и демократического государства Таджикистана-65-летию Министерства иностранных дел.

# Маълумотнома
# дар бораи муаллифони мақолаҳо

Эмомалӣ Раҳмон - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамрохон Зарифӣ - Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Эркин Раҳматуллоев - Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ, доктори илмҳои сиёсӣ;

Махмудҷон Собиров – Муовини аввали вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ;

Низомиддин Зоҳидов – Муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филология, профессор;

Азамшо Шарипов - Мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ;

Алиасғари Шеърдӯст - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви фахрии Академияи илмҳои Тоҷикистон, доктор;

Мехмет Мунис Дирик – Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Муҳаммадҷон Шакурӣ - академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Шарофиддин Имомов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, доктори илмҳои таърих;

Нарзулло Назаров - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср;

Қозидавлат Қоимдодов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Беларус, номзади илмҳои кишоварзӣ ;

Рустамҷон Солиев - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Белгия;

Музаффар Ҳусейнов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ўзбекистон;

Нуриддин Шамсов - Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Австрия;

Сухроб Шарипов – Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, доктори илмҳои сиёсӣ;

Саййфулло Сафаров – Муовини Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои сиёсӣ, номзади илмҳои фалсафа;

Кароматулло Олимов – Раиси Комиссияи миллии Тоҷикистон оид ба корҳои ЮНЕСКО, узви вобастаи Академияи илмҳои ҶТ, доктори илмҳои фалсафа;

Давлаталӣ Назриев - Сардори Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Шералӣ Ҷононов - Сардори Раёсати шартномавию ҳуқуқии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Саидов Зоир - Сардори Раёсати Иттиҳоди давлатҳои мустақили Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Фирдавс Усмонов – Котиби якуми Раёсати кишварҳои Осиё ва Африкаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Фарҳод Розиқов – аспиранти кафедраи таърихи халқи тоҷик, факултаи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Майке Вагнер - корманди Институти археологии Олмон, доктор, профессор;

Патрик Вертманн - олим, корманди Фонди Герда Хенкел;

Павел Тарасов - корманди Донишгоҳи озоди Берлин, доктор, профессор;

Десмонд Дуркин Майстерэрнст - корманди Донишгоҳи озоди Берлин, доктор, профессор.

# МУНДАРИҶА

Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сарсухан ….. 5

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Муассисаи давлатии маҷаллаи «Сиёсати хориҷӣ» аз 30 августи соли 2011 ............ 7

Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Государственном учреждении журнал «Сиёсати хориҷӣ» от 30 августа 2011 г. ........................................................................ 8

Ҳамрохон Зарифӣ. 20 соли истиқлолият ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон …....................................................................…..….…..... 9

Эркин Раҳматуллоев. Фардои ободи минтақа имрӯз ниёз ба стратегияи превентивӣ дорад .......................................... 24

Алиасғари Шеърдӯст. Аз шукӯҳи Сомониён то шукуфоии даврони истиқлол ........................................................................ 36

Мехмет Мунис Дирик. Муносибатҳои Тоҷикистону Туркия таҳким хоҳанд ёфт ………...…..........................................….... 44

Махмуджон Собиров, Зоир Саидов. Содружество Независимых Государств - организационное становление, состояние и перспективы развития ...........................................................…........... 46

Низомиддин Зоҳидов, Шералӣ Ҷононов. Назаре ба ташаккули пояҳои шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ...................................................... 59

Аъзамшо Шарипов. Центральная Азия и Европейский союз - этапы сотрудничества (на примере развития отношений Республики Таджикистан с ЕС) .......................................................... 74

Шарофиддин Имомов. О динамике военно-политической ситуации в Афганистане и императивах превентивной и адекватной стратегии национальной и региональной безопасности ................ 82

Нарзулло Назаров. Ҷанбаҳои сиёсати хориҷии Миср баъди инқилоби 25 январ …..….…................................................... 89

Козидавлат Коимдодов. Дипломатия – искусство предвидения непредвиденного ........................................................................ 93

Рустамҷон Солиев. Самти аврупоии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон .............................................................. 102
Музаффар Хусейнов. Дружба наша не знает границ .................... 111

Nuriddin Shamsov. Tajikistan-Austria: new opportunities for the dynamic development of bilateral relations ..................................... 117

Сухроб Шарипов. Региональная интеграция в контексте усиления геополитического давления ........................................... 123

Сайфулло Сафаров. Общие интересы Центральной Евразии - фактор противостояния новым угрозам безопасности ................. 128

Фарход Розиков. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан и Российской Федерации в 90-х годах XX в. .................................................................................. 138

Кароматулло Олимов. Тоҷикистон - ЮНЕСКО: таърихи мухтасар, вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳо ..................................................... 144

Давлаталӣ Назриев. Нақши сафир дар «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва «Таърихи Масъудӣ»-и Байҳақӣ .................... 152

Майке Вагнер, Патрик Вертманн ва дигарон (Олмон). Миёнаравони шарқ - ҳокимони асроромези Роҳи абрешим ............. 164

Фирдавс Усмонов. Давлатсозӣ ва чаҳорчӯбаи сулҳофаринӣ .................................................................................. 172

Муҳамммадҷон Шакурӣ. Сипоси бепоён сафири кабирро ............. 180

Аз бойгонии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ....... 184

Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон .. 185

Мурочиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои иттиҳоди ҷаҳонӣ ........................................................ 186

Эъломияи усул ва ҳадафҳои асосии ҳамкории байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон ........................................ 188

Китобиёт ........................................................................................ 193

Маълумотнома дар бораи муаллифони мақолаҳо ........................... 200